ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД 321.727(575.3)

ХОЛОВ САФОБАХШ САНАҚУЛОВИЧ

НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ ҲАМЧУН УНСУРИ АСОСИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ: ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ОН ДАР НИЗОМИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси
5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои сиёсӣ
Каримов Ш. Т.

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо 3
Муқаддима 4
Тавсифи умумии таҳқиқот 10

БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИЮ СИЁСИИ ПАЙДОИШИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ

1.1. Президент ҳамчун мафҳуми сиёсӣ: моҳият, хусусиятҳо ва дарки илмии он 16
1.2. Марҳилаҳои ташаккул ва рушди таърихии ниҳоди президентӣ 38
1.3. Низоми идоракунии президентӣ: моҳият, хусусиятҳо ва типологияи он 74

БОБИ II. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Заминаҳои сиёсии пайдоиш ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 104
2.2. Мақом ва ҷойгоҳи ниҳоди Президент дар низоми тақсимоти ҳокимияти сиёсии Тоҷикистони муосир 114
2.3. Инъикоси конститутсионии фаъолияти Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 122

БОБИ III. НАҚШИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР НИЗОМИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

3.1. Президент ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 131
3.2. Таҳкими ниҳоди Президенти Тоҷикистон дар шароити мураккаби инкишофи сиёсӣ 171

Хулоса 188
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот 192
Рӯйхати адабиёт 194
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия 208

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

СММ - Созмони Милали Муттаҳид

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ҶШСТ - Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ҶФО - Ҷумҳурии Федеративии Олмон

САД - Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

СҲШ - Созмони Ҳамкории Шанхай

ИДМ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Ниҳоди президентӣ яке аз мавзуъҳои марказии илмҳои сиёсӣ ба шумор рафта, ҳамзамон ҳамчун яке аз унсурҳои асосӣ ва таҳқиқшавандаи қудрати сиёсӣ баррасӣ мегардад, зеро маҳз тавассути омӯзиши он хусусиятҳои сохторӣ ва вазифавии низомҳои сиёсӣ, тарзи фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва хусусияти муносибатҳои байни ниҳодҳо ва иштирокчиёни сиёсӣ равшан карда мешаванд. Мубрамияти мавзуи омӯзиш бевосита аз он бармеояд, ки дар бисёр низомҳои сиёсӣ, бахусус дар ҷумҳуриҳои дорои шакли идоракунии президентӣ ва нимапрезидентӣ (омехта) Президент на танҳо сарвари расмии давлат, балки маркази воқеии қабули қарорҳои сиёсӣ мебошад, ки ин ҳолат зарурати омӯзиши амиқи нақши ӯро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ба миён меорад. Тибқи омӯзиши сиёсатшиносии муқоисавӣ, омӯзиши ниҳоди президентӣ имконият медиҳад, ки моделҳои гуногуни президентӣ, дараҷаи муттамарказшавии қудрат ва таъсири онҳо ба устувории режимҳо таҳлил карда шаванд, ки барои фаҳмиши қонунмандиҳои умумии рушди низоми сиёсӣ аҳаммияти калидӣ доранд. Маҳз тавассути он муносибатҳои байни давлат, ҷомеа ва элитаҳои сиёсӣ шакл мегиранд ва танзим мешаванд. Аз ин рӯ, бидуни дарки амиқи ин ниҳод фаҳмидани равандҳои сиёсӣ ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар заминаи байналмилалӣ душвор ба назар мерасад.

Мубрамияти пажуҳиши мавзуи ниҳоди Президент дар шароити Тоҷикистон ва ҷойгоҳи ин ниҳод дар сохтори ҳокимияти сиёсӣ ва нақши муайянкунандаи он дар шаклгирӣ, устуворӣ ва динамикаи низоми сиёсӣ сарчашма мегирад, зеро Президент, ҳамчун як актори меҳварии сиёсӣ, на танҳо самтҳои асосии рушди давлатро муайян мекунад, балки дар амал ба шаклгирии муносибатҳои ҳокимият, механизмҳои тақсимоти захираҳои сиёсӣ ва тарзи қабули қарорҳои давлатӣ низ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Аз нуқтаи назари илмҳои сиёсӣ, омӯзиши ин ниҳод пеш аз ҳама ҳамчун омӯзиши маркази иродаи сиёсӣ баррасӣ мегардад, ки тавассути он мантиқи амалкарди режим, хусусияти ҳамкории элитаҳои сиёсӣ ошкор карда мешавад.

Аҳаммияти таҳқиқи ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақом ва нақши он дар низоми ҳокимияти давлатӣ асоснок мегардад. Президент ҳамчун унсури калидии механизми идоракунии давлатӣ дар таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимият, танзими муносибатҳои байни онҳо, пешгирии ихтилофҳои институтсионалӣ ва ҳифзи суботи сиёсӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, фаҳмиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ин ниҳод бидуни таҳқиқоти мукаммали илмӣ имконнопазир аст. Дар заминаи таҳлили режимҳо ниҳоди президентӣ ҳамчун нуқтаи пайванди унсурҳои расмӣ ва ғайрирасмии қудрат баромад намуда, имкон фароҳам меорад, ки сатҳи институтсионализатсияи сиёсат, дараҷаи шахсиятгароии ҳокимият ва механизмҳои легитиматсияи он ба таври мукаммал арзёбӣ карда шаванд. Ниҳоди президентӣ дар аксари ҳолатҳо шакли воқеии низоми сиёсиро муқаррар месозад, на меъёрҳои конститутсионӣ, ки ин тавассути таҳлили назариявии сиёсӣ ошкор мегардад.

Мубрамияти омӯзиши мавзуъ, ҳамчунон ба он вобаста аст, ки ниҳоди Президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун механизми марказии татбиқи ислоҳоти сиёсӣ ва таъмини суботи давлатӣ баромад менамояд, ташаббусҳои ислоҳотӣ ва механизми фаъолсозии идоракуниро ба роҳ мемонад, ки дар натиҷа омӯзиши ин ниҳодро барои фаҳмиши самти умумии таҳаввулоти сиёсӣ зарур мегардонад. Аз нигоҳи омӯзиши муқоисавӣ, таҳлили ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки хусусиятҳои модели президентии минтақаи Осиёи Марказӣ ошкор гардида, ҷойгоҳи кишвар дар типологияи режимҳои сиёсӣ дақиқ муайян карда шавад. Зеро дар шароити Тоҷикистон Президент на танҳо ҳамчун сарвари давлат, балки ҳамчун роҳбари воқеии ҳокимияти сиёсӣ ва маркази асосии ҳамоҳангсозии гурӯҳҳои элитавӣ баромад менамояд.

Мубрамияти чунин таҳқиқот, иловатан, аз он сарчашма мегирад, ки ниҳоди президентӣ дар раванди ташаккули легитиматсияи сиёсӣ нақши калидӣ дорад: маҳз тавассути ин ниҳод робитаи рамзӣ ва амалии байни давлат ва ҷомеа таъмин гардида, тасаввури қудрат дар шуури сиёсӣ шакл мегирад.

Дар шароите ки ҷомеаи Тоҷикистон бо равандҳои пайдарпайи модернизатсия, тағйирёбии интизориҳои иҷтимоӣ ва афзоиши талабот ба самаранокии идоракунии давлатӣ рӯ ба рӯ мебошад, омӯзиши ниҳоди президентӣ имкон медиҳад дараҷаи мутобиқшавии низоми сиёсӣ ба ин равандҳо ва ниёзҳои иҷтимоӣ арзёбӣ гардад. Аз мавқеи таҳлили элитаҳо, Президент ҳамчун субъекти марказӣ дар ташаккули элитаи ҳоким, танзими гардиши кадрҳои сиёсӣ ва устуворсозии сохторҳои давлатӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Ин омил ба пойдории режим, пайдарҳамии сиёсати давлатӣ ва идомаи самтҳои стратегии рушди кишвар таъсири мустақим мерасонад. Аз ин нуқтаи назар ҳам, омӯзиши масъалаи мазкур аҳаммияти илмии ба худ хоссро касб менамояд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқи ниҳоди Президент дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти таҳлили сиёсӣ имкон медиҳад хусусиятҳои амалкарди қудрат, мантиқи рушди режим ва тамоюлҳои эҳтимолии таҳаввулоти сиёсӣ ба таври илмӣ баррасӣ карда шаванд. Аз ин рӯ, мубрамияти мавзуъ танҳо бо талаботи назариявии илми сиёсӣ маҳдуд намегардад, балки дар самти таҳлили равандҳои воқеии сиёсӣ, арзёбии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва тақвияти самаранокии идоракунии давлатӣ низ аҳаммияти назарраси амалиоба худ касб менамояд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Мавзуи ниҳоди президентӣ дар илмҳои сиёсӣ аз ҷумлаи масъалаҳое ба шумор меравад, ки на он қадар ба таври васеъ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар адабиёти илмӣ ин мавзуъ аз нуқтаи назари назариявӣ, институтсионалӣ, таърихӣ ва амалии сиёсӣ таҳқиқ гардида, мактабҳо ва равияҳои гуногуни илмиро ба вуҷуд овардааст, ки онҳоро мо чунин гурӯҳбандӣ намудем:

Гурӯҳи аввалро асосан, фарогири он аст, ки масъалаи ташаккул, рушд ва фаъолияти ниҳоди президентӣ, пеш аз ҳама, дар осори муҳаққиқони амрикоӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ин ҳолат ба он вобаста аст, ки маҳз дар ШМА низоми классикии президентӣ бори аввал дар шакли конститутсионӣ ташаккул ёфта, дар раванди рушди давлатдорӣ ба объекти омӯзиши доимии

сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва ҷомеашиносон табдил гардидааст. Дар ин самт саҳми назарраси Александр Ҳамилтон [115] ва Ҷеймс Мэдисон [122] ҳамчун бунёдгузорони асосҳои назариявии ҳокимияти иҷроия ва низоми мувозинат ва боздории шохаҳои ҳокимият махсус арзёбӣ мегардад. Дар марҳилаи баъдӣ, масъалаҳои марбут ба нақш ва ҷойгоҳи Президент дар низоми сиёсии давлат дар осори Вудро Вилсон[142] инкишофи назариявии худро пайдо намуда, ӯ зарурати ташаккули ҳокимияти иҷроияи самаранок ва фаъоли сиёсиро асоснок кардааст. Дар навбати худ, муҳаққиқони муосири амрикоӣ, аз ҷумла Сеймур Мартин Липсет [120;121], Ричард Нойштадт [124], Ричард Пайос [126], Луис Фишер [113], Лоуренс М. Фридман [114], Ҷеймс Қ. Уилсон [133], Ҷеймс Турбер [128], Стивен Уэйн [131], Ким Р. Холмс [116;117], Артуро А. Валенсуэла [130], Доналд Л. Горовитс [118] ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ниҳоди президентиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои марбут ба қудрати сиёсӣ ва ҳуқуқии Президент, муносибатҳои ӯ бо мақомоти қонунгузор, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба рушди ниҳоди президентӣ, нақши шахсияти Президент дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ, инчунин масъалаҳои вобаста ба таъмини самаранокии ҳокимияти иҷроия ва нигоҳдории мувозинати институтсионалӣ таҳлил шудаанд. Аз ин рӯ, осори муҳаққиқони амрикоӣ заминаи муҳимми назариявӣ ва методологиро барои омӯзиши ниҳоди президентӣ дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла давлатҳои пасошуравӣ, фароҳам меоранд.

Гурӯҳи дуюмро муҳаққиқони аврупоӣ ташкил медиҳанд, ки саҳми онҳо дар рушди назарияи ниҳоди президентӣ назаррас мебошад. Бар хилофи анъанаи амрикоӣ, ки асосан ба омӯзиши модели классикии президентӣ ва ҳокимияти иҷроияи мустақил равона гардидааст, дар таҳқиқоти олимони аврупоӣ таваҷҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои мувозинати ҳокимият, конститутсионализм, легитимияти сиёсӣ ва ҷойгоҳи Президент дар низомҳои парламентӣ ва нимапрезидентӣ равона шудааст. Дар ин самт осори Алексис де Токвил [129], Макс Вебер [132], Морис Дюверже [112], Мишел Дебре [111], Франсуа Платон [127], Мишел Пикемал [125] ва Хайнтс Меллер [123]

аҳаммияти махсус доранд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои марбут ба мақоми конститутсионии сарвари давлат, таносуби ваколатҳои Президент ва ҳукумат, нақши Президент дар таъмини суботи сиёсӣ, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва харизматикӣ ба фаъолияти роҳбари давлат, инчунин масъалаҳои вобаста ба ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаққиқони мазкур нишон додаанд, ки самаранокии ниҳоди президентӣ на танҳо аз ҳаҷми ваколатҳои ҳуқуқии он, балки аз хусусиятҳои низоми сиёсӣ, сатҳи рушди фарҳанги сиёсӣ, мавҷудияти механизмҳои назорат ва дараҷаи рушди ниҳодҳои демократӣ низ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, осори олимони аврупоӣ барои дарки моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти ниҳоди президентӣ дар низомҳои гуногуни сиёсӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, барои таҳқиқи таҷрибаи давлатҳои муосир заминаи устувори илмӣ фароҳам меоранд.

Гурӯҳи сеюмро олимони рус, шуравӣ ва пасошуравӣ ташкил медиҳанд, ки саҳми онҳо дар рушди назарияи ниҳоди президентӣ назаррас мебошад. Агар муҳаққиқони руси давраи тоинқилобӣ бештар ба масъалаҳои моҳияти ҳокимияти давлатӣ, қонуният, тақсими ҳокимият ва мақоми сарвари давлат таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошанд, олимони давраи шуравӣ ва пасошуравӣ масъалаи ниҳоди президентиро аллакай дар шароити ташаккул ва фаъолияти амалии ин ниҳод мавриди таҳлил қарор додаанд. Дар ин самт осори А.Д. Градовский [18], Н.М. Коркунов [28], Б.Н. Топорнин [96], В. Ганюшкин [62]., Е.Л.Кузнетсов [29]., Б.М. Лазарев [31]., Ю.И. Скуратов. [42]. М.А. Шафир [102]., Л.М. Энтин [57;58]., О.Е. Кутафин [30]., В.Е. Чиркин [53;54;55]., И.Т. Хутинаев [49;50]., Т.Э. Каллагов [25]., М.А. Краснов [76] аҳаммияти махсус доранд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои марбут ба мақоми конститутсионии Президент, нақши ӯ ҳамчун кафили Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таносуби ваколатҳои Президент бо дигар шохаҳои ҳокимият, механизмҳои мувозинат ва маҳдудсозии қудрат, инчунин ҷойгоҳи Президент дар таъмини суботи сиёсӣ ва ягонагии давлат мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар баробари ин, олимони мазкур ба масъалаҳои мутобиқсозии

ниҳоди президентӣ ба хусусиятҳои миллӣ, таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва нигоҳдории тавозуни институтсионалӣ диққати махсус додаанд. Аз ин рӯ, осори олимони рус, шуравӣ ва пасошуравӣ заминаи муҳимми назариявӣ ва методологиро барои омӯзиши ниҳоди президентӣ дар давлатҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам меоранд.

Гурӯҳи чаҳорумро олимон ва муҳаққиқони Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки саҳми онҳо дар омӯзиши масъалаҳои марбут ба ниҳоди президентӣ назаррас мебошад. Дар адабиёти илмии Тоҷикистони муосир масъалаҳои вобаста ба ниҳоди президентӣ, асосан, баъд аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва ташаккули низоми нави давлатдорӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Ҳарчанд то имрӯз таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷониба оид ба таҳкими ниҳоди Президент ҳамчун объекти мустақили таҳқиқоти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ маҳдуд боқӣ мемонад, як қатор олимон ва муҳаққиқони тоҷик дар доираи масъалаҳои давлатдорӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ, низоми сиёсии ҷомеа, тақсими ҳокимият, рушди давлатдории миллӣ ва нақши сарвари давлат ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудаанд. Дар ин самт саҳми илмии С. Ятимов [140], А. Маҳмадов [33], Г.Н. Зокиров [20], З. Ализода [106], М. Хидирзода [46;47;99], С.З.Қувватзода [77] Р.Ҷ. Ҳайдаров [105], А.Е Комилбек [27;74], А. С. Саидов [92], Ш.Т Каримов [26;69;70], З.Ш.Сайидзода [91], Абдуллоҳи Раҳнамо [14] ва ғайраҳобили зикр мебошад. Дар осори онҳо масъалаҳои марбут ба ташаккули давлатдории миллӣ, рушди низоми конститутсионӣ, мақом ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори ҳокимияти давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими қонуният, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва такмили механизми идоракунии давлатӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи таҳкими ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ ҳанӯз ҳамчун самти мустақили таҳқиқоти илмӣ ба таври кофӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор

нагирифтааст, ки ин зарурати таҳқиқи минбаъдаи онро боз ҳам муҳимтар мегардонад.

Гурӯҳи панҷумро асарҳо, суханрониҳо, паёмҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [56] ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои марбут ба ташаккул, рушд ва таҳкими давлатдории миллӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, ваҳдати миллӣ, амнияти давлатӣ ва рушди устувори ҷомеа инъикоси васеъ ёфтаанд. Дар ин манбаъҳо ниҳоди Президент ҳамчун унсури муҳимми низоми сиёсии давлат, омили таъмини ягонагии ҳокимияти давлатӣ ва кафили ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, асарҳо ва суханрониҳои Пешвои миллат ҳамчун манбаи муҳимми назариявӣ ва амалӣ барои омӯзиши масъалаҳои марбут ба фаъолияти ниҳоди президентӣ ва нақши он дар раванди давлатсозии навини Тоҷикистон аҳаммияти махсус доранд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи диссертатсия аз рӯйи мазмун, мақсад ва вазифаҳои худ ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд. Аз ҷумла, таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020, №503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №114 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқшуда мувофиқат мекунад. Дар баробари ин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шуда, ба мавзуи илмии кафедра таҳти унвони «Равандҳои иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ» барои давраҳои солҳои 2016–2020 ва 2021–2025 мувофиқат менамояд.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Тавсифи умумии таҳқиқот маҷмуи ҷанбаҳои бунёдӣ ва унсурҳои сохторию методологии диссертатсияро фаро мегирад. Дар доираи он мақсаду вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастомада ба таври муназзам ва мантиқан пайгир инъикос гардидаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба омӯзиш ва таҳлили комплексии заминаҳои ташаккул, марҳилаҳои таҳаввул ва самтҳои асосии фаъолияти ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин замина, ниҳоди президентӣ ҳамчун унсури меҳварии низоми сиёсӣ, механизми муҳими таъмини суботи сиёсӣ ва ниҳоди кафолатдиҳандаи амнияти миллӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст.

Дар таҳқиқот робитаи мавзуи диссертатсия бо масъалаҳои мубрами илми сиёсатшиносии муосир, қонуниятҳои ташаккули давлатдории навини Тоҷикистон ва зарурати такмили фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Барои татбиқи мақсади асосии таҳқиқот маҷмуи вазифаҳои аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба ҳам алоқаманд муайян гардидаанд. Вазифаҳои мазкур омӯзиш ва таҳлили назарияҳои классикию муосири ниҳоди президентӣ, таҳқиқи заминаҳои сиёсӣ ва таърихии ташаккули он, ошкор намудани хусусиятҳои институтсионалию ҳуқуқии ҳокимияти президентӣ, муайян кардани нақш ва ҷойгоҳи Президент дар таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи амнияти давлатиро дар бар мегиранд. Ҳамзамон, муайян намудани тамоюлҳои асосӣ ва арзёбии самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи ниҳоди президентӣ дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими таҳқиқот муқаррар карда шудааст.

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқот таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ташаккул, марҳилаҳои рушд ва самтҳои фаъолияти ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи марказии низоми сиёсии

кишвар, механизми таъмини суботи сиёсӣ ва кафили амнияти миллӣ дар шароити пасоҷангӣ ва равандҳои сиёсии муосири мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои расидан ба мақсади зикршуда иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ мегардад:

– таҳлили назарияҳои классикӣ ва муосири ниҳоди президент дар илми сиёсатшиносӣ;

– таҳқиқи заминаҳои сиёсӣ ва таърихии ташаккули ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ошкор намудани хусусиятҳои институтсионалӣ ва ҳуқуқии ҳокимияти президентӣ дар сохтори низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян кардани нақш ва мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими давлатдорӣ ва ҳифзи амнияти миллӣ.

– таҳлили фаъолияти Президент дар сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳим ва калидии таъмини устувории низоми сиёсии кишвар;

– муайян кардани самтҳо ва тамоюлҳои эҳтимолии рушди минбаъдаи ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Объекти таҳқиқот - ниҳоди Президент ҳамчун унсури асосии ҳокимияти давлатӣ: ташаккул ва рушди он дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир.

Предмети (мавзуи) таҳқиқот омӯзиш ва таҳлили ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, механизмҳои фаъолияти он, нақши сиёсӣ ва амниятии Президент ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ мебошад.

Фарзияи таҳқиқот. Ниҳоди Президент дар низоми сиёсии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маркази ҳукмрони қудрат таҳаввул намуда, бо роҳи мутамарказ сохтани салоҳиятҳо дар дасти сарвари давлат рушди минбаъдаи низоми ҳокимияти давлатӣ ва ваҳдати миллиро таъмин намудааст. Чунин ҳолат ба таҳкими амният, суботи сиёсӣ ва рушди устувори кишвар мусоидат кардааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Асосҳои назариявии таҳқиқот ба назарияҳои классикӣ ва муосири давлат ва ҳокимияти сиёсӣ, назарияи тақсими ҳокимият, назарияи иҷроияи қавӣ, консепсияи легитиматсияи сиёсӣ, назарияи

элитаҳо, назарияи суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ такя мекунанд. Дар таҳқиқот аз дидгоҳҳои назариявии сиёсатшиносӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва сотсиологияи сиёсӣ истифода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал:

– ниҳоди президентӣ на танҳо ҳамчун мақоми конститутсионӣ, балки ҳамчун механизми асосии таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини суботи пасоҷангӣ баррасӣ гардидааст;

– модели ташаккули ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон дар робита бо равандҳои сулҳофаринӣ, ваҳдати миллӣ ва барқарорсозии давлатдорӣ ба таври комплексӣ асоснок шудааст;

– нақши Президент дар институтсионализатсияи низоми сиёсӣ ва гузариш аз буҳрони давлатӣ ба суботи устувор нишон дода шудааст;

– робитаи мутақобилаи ҳокимияти президентӣ бо амнияти миллӣ, сиёсати хориҷӣ ва таҳкими мавқеи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст;

– хусусиятҳои хоси модели президентии Тоҷикистон ҳамчун намунаи рушди ниҳодҳои сиёсӣ дар шароити пасоҷангӣ ва ҷомеаи гузариш илмӣ ҷамъбаст шудаанд;

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Исбот карда шудааст, ки дар шароити фалаҷ ва ғайрифаъол гардидани сохторҳои анъанавии идоракунии давлатӣ, беҳокимиятӣ ва парокандагии марказҳои қудрат пас аз оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар соли 1992, интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шурои Олӣ ва минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули маркази ягонаи қабули қарорҳои сиёсӣ замина фароҳам овард. Муқаррар карда шудааст, ки мутамарказгардонии ҳокимияти сиёсӣ ба пешгирии фаъолияти гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва ниҳодҳои дар баробари мақомоти давлатӣ амалкунанда, барқарор намудани назорати Ҳукумати марказӣ дар қаламрави кишвар ва эҳёи низоми давлатдорӣ мусоидат намуд. Аз ин рӯ, ниҳоди

Президент дар марҳилаҳои гузариш ва пас аз низоъ дар Тоҷикистон ҳамчун механизми асосии барқарорсозии давлатдорӣ, таъмини сулҳи шаҳрвандӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва устувории низоми сиёсӣ ташаккул ёфт.

2. Муайян карда шудааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи муттаҳидсозии ҷомеа ва ҳамоҳангсозии манфиатҳои неруҳои сиёсиро иҷро менамояд. Асоснок карда шудааст, ки суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон бо фаъолияти институтсионалӣ ва роҳбарии стратегии Президенти кишвар, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон робитаи мустақим дошта, таҳкими ҳокимияти президентӣ дар марҳилаи ташаккули давлатдории навин ба пешгирии анархия ва дахолати беруна мусоидат намуд. Ниҳоди Президент дар баробари таъмини устувории низоми сиёсӣ, барои муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақил ва баробарҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ замина фароҳам овард.

3. Асоснок карда шудааст, ки модели президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои ҷомеаи пас аз низоъ ва анъанаҳои давлатдории миллиро дар худ таҷассум намуда, шакли хоси рушди ниҳодҳои сиёсиро ба вуҷуд овардааст. Исбот карда шудааст, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самтҳои онро Пешвои миллат ҳамчун унсурҳои ба ҳам алоқаманди стратегияи ягонаи давлатӣ муайян менамоянд, ба таҳкими нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ва таъмини амнияти минтақавӣ мусоидат мекунанд. Дар шароити буҳронии марҳилаи ибтидоии истиқлолияти давлатӣ ташаккули ҳокимияти мутамаркази президентӣ на танҳо ҳамчун ҳадафи сиёсӣ, балки ҳамчун воситаи наҷоти миллат, ҳифзи давлатдорӣ ва кафолати мавҷудияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои сиёсии ҷаҳонӣ баромад намуд.

4. Ошкор карда шудааст, ки дар шароити таҳаввулоти ҷомеаҳо ниҳоди президент метавонад на танҳо унсури идоракунии давлатӣ, балки субъекти фаъоли сулҳофаринӣ, таҳкими суботи сиёсӣ ва таъмини рушди устувор бошад. Муқаррар карда шудааст, ки такя ба анъанаҳои давлатдории миллӣ, ба назар

гирифтани хусусиятҳои рушди сиёсии ҷомеа ва нақши роҳбарияти сиёсӣ дар марҳилаи ташаккули давлатдории навин боиси ташаккули модели хоси ниҳоди президент дар Тоҷикистон гардид. Дар ин раванд фаъолияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ, барқарорсозии сулҳу суботи сиёсӣ ва рушди ниҳодҳои давлатӣ аҳаммияти калидӣ касб намуд. Ҳамзамон, асоснок карда шудааст, ки модели идоракунии президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ тавассути иштироки фаъолона дар муносибатҳои байналмилалӣ, пешниҳоди ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаҳои обу иқлим ва саҳмгузорӣ дар низоми амнияти дастаҷамъӣ ба таъмини амният дар фазои фарохи Авруосиё мусоидат менамояд.

Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани илми сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи давлатӣ вобаста ба масъалаи ҳокимияти президентӣ зоҳир мегардад. Аҳаммияти амалии он дар истифодаи натиҷаҳо дар раванди такмили сиёсати давлатӣ, таълими фанҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин фаъолияти таҳлилӣ ифода меёбад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз назарияҳои муосири сиёсатшиносӣ, консепсияҳои институтҳои сиёсӣ ва методологияи таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ таъмин гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои ҳокимияти давлатӣ, ниҳоди президентӣ ва рушди низоми сиёсӣ, инчунин Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи конференсияҳои илмӣ ва дигар сарчашмаҳои муътамад мавриди истифода қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар заминаи усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ ва системавӣ ба даст омада, равандҳои ташаккул ва рушди ниҳоди Президентро дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир ба таври илмӣ инъикос менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиноснома ихтисоси илмӣ. Мундариҷаи диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмӣ аз руи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд.

Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили мустақили маводи илмӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди манбаъҳо, таҳияи хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ, инчунин дар асоснок намудани нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода меёбад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Рисолаи диссертатсионӣ дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (Суратҷаласаи № 10 аз 27 майи соли 2026) муҳокима шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти он пазируфта шудааст. Кори диссертатсионӣ ҳамчун кори илмии анҷомёфта баҳогузорӣ гардида, барои дифоъ ба шурои диссертатсионӣ тавсия гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудааст. Бахшҳои асосии рисола дар мақолаҳои нашршудаи муалиф инъикос ёфтаанд. Қисматҳои алоҳидаи рисола, махсусан, масъалаҳо ва хулосаҳои он аз ҷониби муаллиф дар бисёре аз конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 5 адад мақолаҳои илмӣ инъикос гардида, аз ин шумора 3 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 адад дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмию назариявӣ интишор гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 209 саҳифаи матни чопӣ таҳия гардидааст.

БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ИҶТИМОИЮ СИЁСИИ ПАЙДОИШИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ

1.1. Президент ҳамчун мафҳуми сиёсӣ: моҳият, хусусиятҳо ва дарки илмии он

Дар илми сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми президент яке аз категорияҳои муҳимми назариявӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки президент на танҳо мансабдори олии давлатӣ, балки ниҳоди сиёсие мебошад, ки дар таъмини фаъолияти муназзами ҳокимияти давлатӣ, намояндагии давлат ва ҳифзи низоми конститутсионӣ нақши калидӣ дорад. Аз ҳамин сабаб, дар адабиёти илмӣ нисбат ба моҳият ва ҷойгоҳи президент дар сохтори давлат назарияҳои гуногун ба миён омадаанд.

Дар раванди ташаккул ва рушди давлатдории муосир ниҳоди президентӣ мавқеи меҳвариро ишғол менамояд. Вожаи «президент» аз калимаи лотинии «Praesidens» сарчашма гирифта, маънои «пешнишин» ё «раис»-ро ифода мекунад [40, с. 3]. Имрӯз ин истилоҳ дар аксари давлатҳои дорои шакли идораи ҷумҳуриявӣ барои ифодаи мансаби сарвари давлат истифода мешавад.

Баррасии сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки дар даврaҳои қадим мафҳуми «президент» ба шахсе нисбат дода мешуд, ки ба ҷаласаҳо роҳбарӣ мекард ё вазифаи раисиро иҷро менамуд. Аз ҳамин ҷост, ки дар баъзе сохторҳои сиёсии он замон мансабҳое чун президенти сенат вуҷуд доштанд. Бо вуҷуди ин, фаҳмиши муосири истилоҳи мазкур ҳамчун сарвари давлат хеле дертар ташаккул ёфтп

Танҳо дар охири асри XVII мафҳуми «Президент» тадриҷан мазмуни сиёсию ҳуқуқии нав пайдо намуда, ба мансаби олии давлатии роҳбари давлат иртибот гирифт. Дар ҳамин маъно ниҳоди президентӣ бори аввал дар Штатҳои Муттаҳидаи Амрико таъсис ёфта, баъдан ҳамчун яке аз муҳимтарин унсурҳои шакли идораи ҷумҳуриявӣ дар бисёр кишварҳои ҷаҳон густариш пайдо кард.

Дар адабиёти сиёсӣ ниҳоди президентӣ пеш аз ҳама бояд ҳамчун ниҳоди ҳокимият, яъне ҳамчун маҷмуи ваколатҳои ҳокимиятии президент дар самти идоракунии давлатӣ, ки ҳам аз меъёрҳои конститутсионӣ ва ҳам аз фаъолияти

сиёсии президент вобастагӣ доранд, фаҳмида шаванд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми «ниҳоди президентӣ» ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ (конститутсионӣ), ки тартиби таъсис, ташкил, ваколатҳо ва фаъолияти президентро танзим менамоянд, маънидод карда мешавад.

Мафҳуми «президент» ҳамчун сарвари интихобии давлат фаҳмида мешавад, ки нишонаҳои асосиаш интихобӣ ва муҳлатнок будани он аст. Дар ин замина омезиши мафҳумҳои «шакли идоракунӣ» ва «низоми идоракунӣ» қобили қабул нест. Чунки мафҳуми аввал интихобӣ ва ё меросӣ будани оғози ташкили ҳокимияти олии давлатиро муайян мекунад.

Мафҳуми дуюм бошад, тарзи таносуби ваколатҳо ва муносибати мутақобилаи миёни мақомоти олии иҷроия ва ё қонунгузор мебошад. Дар якҷоягӣ чунин муносибати мутақобила ин ё он низоми идоракунӣ – президентӣ, парламентӣ, нимапрезидентиро тавсиф мекунад. Муҳаққиқ О. Н. Гришаева чунин андеша меронад, ки “Президент ҳамчун шахси расмии мансабдор муайян карда мешавад, ки дар низоми мақомоти давлатӣ мақоми олиро ишғол намуда, намояндагии олии давлатро ҳам дар ҳаёти сиёсии дохилӣ ва ҳам дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ амалӣ менамояд. Ба ибораи дигар, Президент шахсест, ки мансаби олии давлатиро дар давлати муайян ишғол мекунад” [64, с. 52]. Ба андешаи мо мауаллиф президентро на танҳо ҳамчун мансабдори олии давлатӣ, балки ҳамчун субъекти марказии низоми сиёсӣ арзёбӣ менамояд, ки тавассути намояндагии давлат дар дохил ва хориҷи кишвар, дар таъмини фаъолияти устувори мақомоти давлатӣ ва татбиқи ҳадафҳои сиёсати давлатӣ нақши калидӣ мебозад.

Муҳаққиқи ватанӣ Г.Н. Зокиров низ чунин қайд менамояд, ки “Президент (лот. Praesidens-дар пеш нишастан): 1.Сардори интихобии давлат. Мақом ва нақши президент дар ҷомеа аз шакли идораи вобаста аст. Дар шароити ҷумҳуриҳои президентӣ президентро тавассути интихоботи бевосита ё интихобот дар праламент интихоб менамоянд. Ӯ субъекти асосии сиёсат ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳуриҳои праламентӣ бошад, чунин мақомро сарвазир соҳиб аст. Президент мақоми намояндагӣ, машваратӣ ва назоратиро дорад.

Таъсири он дар сиёсати амалӣ чандон барҷаста намегардад. 2. Роҳбари муассисаҳои ҷамъиятию илмӣ, ташкилотҳои сатҳи гуногун, роҳбари интихобӣ. Масалан, президенти Академияи илмҳо” [20, с. 506-507]. Ба назари мо, андешаҳои Г.Н. Зокиров пеш аз ҳама моҳияти мафҳуми «президент»-ро ҳамчун сарвари давлат ва субъекти калидии низоми сиёсӣ инъикос менамоянд. Мазмун ва нақши ин ниҳод аз шакли идораи давлатӣ вобастагии мустақим дошта, дар ҷумҳуриҳои президентӣ салоҳиятҳои васеътарро фаро мегирад.

Таҳлили манбаъҳои илмӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ниҳоди президентӣ тули зиёда аз ду аср мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад. Дар ин замина, қисми зиёди таҳқиқотҳо ба осори олимони амрикоӣ такя мекунад, зеро маҳз дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка (ШМА) ниҳоди президентӣ шакл гирифта, таҷрибаи нисбатан тулонӣ ва мукаммали ташаккулро паси сар намудааст. Хусусан, дар муҳити илмии ШМА ин ниҳод аз паҳлӯҳои гуногун мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтааст: аз ангезаҳои пайдоиш ва шароити ташаккулаш то ҷойгоҳи президент дар низоми ҷудоии ҳокимият. Бо вуҷуди ин, яке аз маҳдудиятҳои асосии адабиёти илмии амрикоӣ дар он зоҳир мегардад, ки қисми зиёди таҳқиқот ба хусусиятҳо ва принсипҳои модели президентии ШМА такя намуда, онро ҳамчун намунаи универсалии ташкили ҳокимияти президентӣ арзёбӣ менамоянд. Чунин равиш метавонад имконияти таҳлили ҳамаҷонибаи таҷрибаи дигар давлатҳо, бахусус кишварҳои дорои шароити сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихии фарқкунанда, маҳдуд созад.

Александр Ҳамилтон, яке аз меъморони Конститутсияи ШМА ва муаллифи калидии “The Federalist Papers” («Мақолаҳои Федералист»), нақши марказиро дар ташаккули назарияи ниҳоди президентӣ бозидааст. Ӯ дар мақолааш зарурати мавҷудияти як президентро бо салоҳиятҳои васеъ ва иҷроияи қавӣ чунин асоснок мекунад: “Энергия дар иҷроия хусусияти асосии ҳукумати хуб мебошад. Иҷроияи неруманд шарти зарурӣ барои таъмини амният, иҷрои устувори қонунҳо, ҳимояи молу мулк ва ҳифзи озодиҳо мебошад” [115, с. 423]. Бо такя ба андешаҳои А. Ҳамилтон метавон хулоса

намуд, ки самаранокии ҳокимияти давлатӣ аз мавҷудияти ҳокимияти иҷроияи неруманд вобастагӣ дорад. Ин назария дар рушди минбаъдаи ниҳоди президентӣ дар давлатҳои дорои шаклҳои гуногуни идоракунӣ таъсири назаррас расонида, то имрӯз аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро нигоҳ доштааст.

Ҳамилтон иттиҳод, давомнокии ваколат, таъмини моддӣ ва салоҳиятҳои кофиро ҳамчун чор унсури асосии иҷроияи қавӣ мешуморад. Ба андешаи ӯ, “мутамарказ будани қудрат дар дасти як шахс (яъне президент) нисбат ба шурои иҷроия фаъолият махфият ва суръати қабули қарорҳоро бештар таъмин мекунад” [115, с. 423]. Дар ҳамин замина, ӯ боз менависад, ки:«иҷроияи заъиф иҷроияи хуб нест» [115, с. 424]. Ҳамилтон, инчунин, ба тақрибаи Рими Қадим ишора мекунад ва нишон медиҳад, ки ҳатто дар низоми ҷумҳурӣ низ давлат маҷбур мешуд дар ҳолатҳои буҳронӣ ба қудрати мутамаркази як шахс такя кунад. Ба андешаи мо, нақши Ҳамилтон дар таҳкими назарияи иҷроияи марказӣ на танҳо ба Конститутсияи ШМА таъсир гузошт, балки заминаи назариявии ташаккули низомҳои президентии муосирро низ фароҳам оварда. Ӯ бовар дошт, ки президент бояд шахсияти фаъол, ҷавобгар, ташаббускор бошад, ки ин, ба назари ӯ, кафолати суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ мебошад.

Ҷеймс Мэдисон, яке аз муаллифони асосии “The Federalist Papers” («Мақолаҳои Федералист») ва «падари Конститутсияи ШМА», нақши калидӣ дар ташаккули назарияи тақсими қудрат ва низоми тафовуқ ва боздорӣ бозидааст. Вай бовар дошт, ки муассирии давлатдорӣ дар низомҳои ҷумҳуриявӣ танҳо дар сурате таъмин мешавад, ки байни шохаҳои ҳокимият мувозинат ва назорати дуҷониба вуҷуд дошта бошад.

Дар мақолаи мазкур Мэдисон менависад, ки “барои пешгирӣ аз сӯистифодаи қудрат худи қудрат бояд муқобили қудрат бошад… Сохтори ҳукумат бояд тавре бошад, ки шохаҳои он якдигарро боздоранд” [122, с. 356]. Ба андешаи Медисон барои таъмини озодӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсӣ ҳар як шохаи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ бояд на танҳо мустақил амал кунад, балки ҳамзамон дорои имкони маҳдуд сохтани дахолати аз ҳад зиёди

якдигар бошад. Дар чунин низом андешаи Мэдисон ҷолиби диққат аст, зеро президент на танҳо иҷрокунандаи қонунҳо, балки унсури мувозинаткунандаи байни ҳокимияти қонунгузор ва судӣ низ ба ҳисоб меравад. Гарчанде ки Мэдисон бештар ба сохтори умумии давлат диққат додааст, таҳлили ӯ муҳити назариявиро фароҳам меорад, ки дар он президент ҳамчун ниҳоди мустақил ва ҷавобгар шакл мегирад. Вай ба зарурати таъмини вобастагии президент аз мардум ва масъулияти равшанро чунин ишора мекунад, ки "Вобастагии шохаҳои ҳокимият аз мардум бояд асоси ягонаи қонунӣ ва манбаи асосии назорат бошад" [122, с. 358]. Ба андешаи Мэдисон, қудрати президент бояд тавре таъин шавад, ки ӯ тавонад мустақилона амал намояд, аммо ҳамзамон дар доираи қонуни асосӣ ва таҳти назорати халқ қарор гирад. Аз ҳамин ҷо фаҳмиши дуруст ва татбиқи амалии принсипи мувозинат ва маҳдудият дар низоми иҷроия мумкин мегардад.

Маданияти сиёсие, ки Мэдисон пешниҳод мекунад, асоси фаҳмиши муосири ниҳоди президент ҳамчун қисми мутаносиб ва мувозинатёфтаи ҳокимият мебошад. Ба ҷойи модели президенти автократӣ ё, баръакс, рамзӣ, ӯ модели президентеро пешниҳод мекунад, ки мустақилу масъул буда, ҳамоҳангсозии фаъолияти шохаҳои ҳокимияти давлатиро таъмин менамояд. Назарияи Мэдисон то имрӯз ба рушди низомҳои конститутсионӣ ва ташаккули ниҳодҳои президентӣ дар кишварҳои демократӣ таъсири амиқ мерасонад.

Дар таҳлили таҳаввули назарияи иҷроия дар фазои англосаксонӣ осори Вудро Вилсон, президенти 28-уми ШМА ва сиёсатшиноси касбӣ мавқеи марказӣ дорад. Ӯ аз ҷумлаи аввалин сиёсатмадорон ва муҳаққиқоне ба шумор меравад, ки ниҳоди президентро на танҳо ҳамчун ҷузъи анъанавии сохтори ҳокимияти давлатӣ, балки ҳамчун унсури фаъоли раванди сиёсӣ ва механизми амалисозии роҳбарии давлатӣ арзёбӣ намудааст.

Дар асари маъруфи худ "Constitutional Government in the United States" («Ҳукумати конститутсионӣ дар Штатҳои Муттаҳида») Вилсон чунин таъкид мекунад, ки "Таърихи кабинетҳои президентӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки чӣ гуна ақида дар бораи Президент ҳамчун на танҳо роҳбари ҳуқуқӣ, балки

роҳбари сиёсии миллат тадриҷан рушд ёфтааст. Дар давраи аввали фаъолияти ҳукумати Штатҳои Муттаҳида Президент одатан ба ҳайати кабинети худ шахсиятҳои бонуфуз ва роҳбарони маъруфи ҳизби сиёсиро ҷалб менамуд" [142]. Бо андешаи Вудро Вилсон метавон мувофиқат кард, зеро дар шароити давлати муосир президент на танҳо сарвари расмии ҳокимияти иҷроия, балки яке аз иштирокчиёни асосии раванди ташаккули сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи бисёр давлатҳо нишон медиҳад, ки самаранокии идоракунии давлатӣ бештар ба қобилияти президент дар муайян намудани самтҳои асосии рушди сиёсӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, президентро танҳо ҳамчун иҷрокунандаи қонунҳо арзёбӣ намудан дуруст нест, зеро ӯ ҳамзамон нақши роҳбар ва ташаббускори сиёсати миллиро низ иҷро менамояд. Ӯ таъсиси ниҳодҳои демократиро ҳамчун раванд мешуморад, ки бояд мутобиқи воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоӣ рушд кунанд. Президент, аз нигоҳи ӯ, шахсест, ки на танҳо иҷро мекунад, балки ба миллат самт медиҳад, ислоҳотро ташаббус мекунад ва қудрати ахлоқӣ ва рамзии давлатро таҷассум менамояд.

Ин дидгоҳҳо дар сатҳи назариявӣ тафриқаи байни президент ҳамчун иҷрокунандаи қонун ва президент ҳамчун роҳбари сиёсиро то андозае аз миён мебаранд ва ӯро на танҳо ҳамчун мансабдори расмӣ, балки ҳамчун ниҳоди фаъоле нишон медиҳанд, ки доимо дар робитаи зинда бо ҷомеа ва Конгресс қарор дорад. Таҳлили Вилсон дар шаклгирии фаҳмиши ниҳодҳои иҷроия дар шакли президентӣ ва нимапарлумонии муҳити сиёсати аврупоӣ низ таъсиргузор гардид.

Дар асари Congressional Government («Ҳукумати конгрессӣ: Таҳқиқе дар бораи сиёсат дар Амрико»), ки таҳқиқоти амиқи дигари Вудро Вилсон мебошад, муаллиф сохтори сиёсии ШМА-ро мавриди танқиди низомманд қарор медиҳад. В. Вилсон зимни таҳлили табиати ҳокимияти давлатӣ таъкид менамояд, ки "низоми давлатӣ на маҷмуии унсурҳои ҷудогона, балки сохтори ягона ва зинда мебошад. Аз ин рӯ, самаранокии он танҳо дар шароите таъмин мегардад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ таҳти роҳбарии сиёсӣ ва

ҳамоҳангии муассир амалӣ гардад. Роҳбарӣ ва идоракунӣ бояд дар маркази муайян қарор дошта бошад, зеро санъати давлатдорӣ дар таъмини ҳамкории самараноки тамоми бахшҳои ҳокимият барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ ифода меёбад" [144]. Ба андешаи мо Вилсон нишон медиҳад, ки давлат ҳамчун низоми мураккаби сиёсӣ на танҳо ба тақсимоти салоҳиятҳо, балки ба мавҷудияти маркази роҳбарии сиёсӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ниёз дорад. Аз ин нуқтаи назар, президент ҳамчун субъекти калидии роҳбарии сиёсӣ барои таъмини ҳамкории муассири шохаҳои ҳокимият, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва татбиқи ҳадафҳои умумимиллӣ аҳаммияти меҳварӣ касб менамояд.

Гарчанде ки ин асар соли 1885, пеш аз ба мансаби Президенти ШМАро интихоб гардидани худи Вилсон навишта шудааст, он нишон медиҳад, ки ӯ ҳанӯз дар оғози фаъолияти илмии худ ҷонибдори модели ҳокимияти иҷроияи қавӣ ва мухолифи парокандагии қудрат дар Конгресс буд. Дар воқеъ, ин асар ҳамчун заминаи назариявии фаъолияти ӯ дар давраи президентӣ (1913–1921) хизмат намуд.

Мувофиқи таҳлили ӯ, рушди демократияи амрикоӣ бояд тавассути бознигарии нақш ва салоҳиятҳои ҳокимияти иҷроия амалӣ гардад, ки дар доираи он президент на танҳо ҳамчун иҷрокунандаи қарорҳои сиёсӣ, балки ҳамчун субъекти асосии роҳбарии давлатӣ ва ташаккулдиҳандаи сиёсати умумимиллӣ баромад мекунад. Ин консепсия, ки баъдан дар фаъолияти сиёсии худи ӯ низ инъикос ёфт, ба рушди назарияҳои муосири ҳокимияти иҷроия ва дарки нақши ниҳоди президент дар дигар низомҳои демократӣ таъсири назаррас расонид.

Ҳамин тавр, дидгоҳи Вудро Вилсон ба ташаккули назарияи муосири президент замина гузошт ва онро на танҳо иҷрокунандаи иродаи дигарон, балки ҳамчун маркази сиёсати миллӣ ва ислоҳот муаррифӣ намуд.

Яке аз аввалин муҳаққиқоне, ки заминаҳои пайдоши ниҳоди перезидентиро дар маданияти сиёсӣ ва сохтори иҷтимоӣ пешниҳод менамояд, ин Сеймур Мартин Липсет мебошад. Ӯ дар таҳқиқоти илмии худ ба таври амиқ

таҳлили ниҳоди президентиро дар риштаи фарҳанги сиёсии амрикоӣ ва демократияи ниҳодӣ пешниҳод мекунад. Ӯ онро на танҳо сохтори ҳуқуқӣ, балки таҷассуми арзишҳои иҷтимоӣ, аз қабили индивидуалӣ будан, анъанаҳои федерализм, эътиқод ба рақобат ва механизмҳои бозори озод мешуморад. Дар ин замина, ӯ чунин менависад, ки "ниҳоди Президент дар ШМА на танҳо самараи конститутсияи хаттӣ, балки натиҷаи арзишҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеаи амрикоӣ мебошад" [121, с. 50].

Липсет муқоисаи сохторҳои президентӣ ва парламентиро ба миён мегузорад ва нишон медиҳад, ки дар ҷомеаҳое, ки арзишҳои фардгароӣ, рақобати сиёсӣ ва масъулияти инфиродӣ устувор аст, ниҳоди президент метавонад ба устувории сиёсӣ мусоидат кунад, ки аз ин нигоҳ, андешаи ӯро бамаврид қайд кардан бисёр зарур аст. "Ниҳоди президент барои муваффақият бояд дар муҳити фарҳангии устувори демократӣ ҷой дошта бошад" [121, с. 53].

Андешаҳои Липсет, махсусан барои таҳқиқи рушди ниҳодҳои президентӣ дар кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла кишварҳои пасошуравӣ, аҳаммияти калидӣ доранд. Ӯ нишон медиҳад, ки бе бунёди асосҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии демократия, нусхабардорӣ аз модели президентии ШМА метавонад ба натиҷаҳои баръакс барад.

Ричард Нойштадт (1919–2003) яке аз маъруфтарин сиёсатшиносони амрикоӣ ба шумор меравад, ки таҳлилҳои ӯ дар бораи таъсири шахсии президент ва табиати воқеии ҳокимияти иҷроия дар ШМА таъсири назаррас гузоштаанд. Ба андешаи Нойштадт, қудрати президент дар маънои классикӣ (яъне иҷро кардани қонунҳо ва роҳбарии расмӣ) ҳанӯз барои самаранокӣ басанда нест. Ӯ чунин менависад, ки "Қудрати президент на дар дастур додан, балки дар қобилияти таъсир расондан аст" [124, с.11]. Президенти муассир, ба гуфтаи ӯ, шахсест, ки на танҳо аз ваколатҳои расмии худ, балки аз эътибор, қобилияти санҷидану баҳо додан, ҷалби эътимоди элита ва таъсиргузорӣ ба равандҳои қарорсозӣ истифода мебарад. Дар ин назария, ниҳоди президентӣ на танҳо мақоми ҳуқуқӣ, балки шахсият ва манипулятсияи сиёсии раҳбарро фаро мегирад. Ба ақидаи Нойштадт: "Президент бояд битавонад дигаронро

водор созад, ки он чи ӯ мехоҳад, худро хоҳиши онҳо бидонанд” [124, с. 11]. Ин усули роҳбарӣ, ки ӯ онро «қудрати таъсир» меномад, асоси модели амалии президентӣ мебошад. Дар мисоли президентҳои Трумэн, Эйзенхауэр ва Кеннеди, Нойштадт нишон медиҳад, ки ҳар чӣ бештари таъсири шахсӣ ва қобилияти гуфтушунид, ҳамон қадар муассиртар будани президент дар идоракунии сиёсати миллиро нишон медиҳад.

Назарияи Нойштадт муҳити таҳлили наверо мекушояд, ки дар он ниҳоди президент аз марзи расмият берун рафта, ба макони муколамаи сиёсӣ ва шахсияти харизматикӣ мубаддал мегардад. Ӯ таъкид мекунад, ки дар демократияи муосир, президент бояд ҳунари мувозинат миёни сохтор ва шахсият дошта бошад.

Ричард Пайос дар асари худ “The American Presidency” («Президенти Амрико», 1979), нақши ҳуқуқӣ ва ниҳоди президентро ҳамчун як ниҳоди зери назорату тавозун тавсиф мекунад. Ӯ қайд менамояд, ки “Қудрати президент на дар тавоноии фармон додан, балки дар қобилияти ҳифзи легитимият ва ҳамоҳангӣ бо дигар шохаҳои ҳокимият аст” [126, с. 88]. Ба андешаи мо, самаранокии президент аз қобилияти ӯ дар мутобиқ шудан ба механизмҳои муассир ва масъулияти конститутсионӣ вобаста аст. Ин дидгоҳ барои низомҳои сиёсии транзитӣ низ аҳаммият дорад, зеро он зарурати эҷоди тавозуни воқеӣ миёни қудрат ва назоратро нишон медиҳад.

Ҷеймс К. Уилсон дар китоби таҳлилгаронаи худ президентро ҳамчун раҳбари системаи мураккаби маъмурӣ мебинад. Ӯ чунин таъкид мекунад, ки “Президент ба воситаи ниҳодҳои маъмурӣ амал мекунад, на мустақим, вале ӯ масъул аст, ки амалиётро ҳамоҳанг ва самаранок созад” [133, с. 34]. Ба андешаи Уилсон, бе қобилияти ҳамоҳангсозии агентҳо ҳатто президенти нерӯманд наметавонад сиёсати худро татбиқ кунад. Аз ин рӯ, президент бояд стратегияи муфассал барои истифодаи механизмҳои бюрократӣ дошта бошад.

Стивен Уэйн дар асари хеш ба хусусиятҳои шахсӣ ва қобилияти иртиботии президент аҳаммият медиҳад. Ӯ бовар дорад, ки “Муваффақияти

президент аз қобилияти муошират бо мардум, иттифоқчиён ва рақибон вобаста аст на танҳо аз санадҳои ҳуқуқӣ” [131, с. 61].

Уэйн нишон медиҳад, ки услуби шахсӣ, стратегияҳои расонаӣ ва дар сиёсати дохиливу хориҷӣ таъсири амиқ доранд. “Президенти муосир бояд на танҳо роҳбар, балки ҳунарманди саҳнаи сиёсии оммавӣ бошад” [131, с. 68]. Дар ҷои дигар ӯ чунин пешниҳод менамояд, ки “Роҳбари сиёсӣ будан ин маънои танҳо президент интихоб шуданро надорад. Ин маънои онро дорад, ки шахс бояд битавонад иродаи сиёсии мардумро ташаккул диҳад, иттифоқчиёнро пайдо кунад ва маҷрои сиёсатро идора намояд” [131, с. 74]. Аз андешаҳои Уейн метавон чунин хулосабардорӣ намуд. Дар шароити муосири сиёсӣ, ки нақши расонаҳо ва таъсири афкори омма пайваста меафзояд, президенти муассир бояд дорои як қатор сифатҳои калидӣ бошад. Аз ҷумла:

– қобилияти муошират самаранок бо ҷомеа;

– тавоноии эҷоди эътимод ва шакл додани эътибори шахсӣ;

– устуворию равонӣ ва доро будани диди стратегӣ;

– қобилияти таъсиррасонӣ ба Конгресс, ҳизбҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ.

Ба андешаи мо мавқеи илмии Стивен Уэйн наздик ба назарияи Р. Нойштадт аст, аммо бештар ба таҳкими ҷанбаҳои иҷтимоию психологӣ ва таъсири муҳити расонавӣ равона шудааст. Ӯ ба «Президент ҳамчун актёр (ҳунарманд)» назар мекунад, яъне, шахсе, ки бояд ҳам сиёсатмадор, ҳам таблиғгар ва ҳам руҳияофар бошад. Ба ақидаи ӯ: “Сиёсат дигар майдони бархӯрди идеяҳо нест балки, саҳнаест, ки дар он президент бояд қаҳрамони асосӣ ва воқеӣ бошад” [131, с. 78-79]. Мавқеи ӯ на ба тавоноии ҳуқуқии ниҳодӣ такя мекунад, балки ба инсонгароии сиёсат, яъне қобилияти шахсии президент барои ташаккули иродаи умумимиллӣ ва баромадан аз чаҳорчӯбаи муқаррароти расмӣ мебошад.

Ба андешаи Ким Р. Холмс, яке аз мутафаккирони амрикоӣ, дар бахши сиёсати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, масалан, ниҳоди президент бояд ҳамчун ниҳоди калидии қабули қарор ва ташаккули сиёсати миллӣ фаъолият

намояд. Ӯ бар он таъкид мекунад, ки президентро танҳо ҳамчун мансабдори давлатӣ ё рамзи расмии давлат фаҳмидан кофӣ нест. Дар амал, ӯ шахсияти марказии саҳнаи сиёсӣ мебошад, ки маҷмуии васеи масъулиятҳоро ба зимма дорад. Аз ҷумла:

– ташаккул ва татбиқи самтҳои асосии сиёсати амниятӣ ва хориҷии кишвар;

– таъмини иҷрои қонунҳо ва нигоҳ доштани фаъолияти мунтазами ҳокимияти иҷроия;

– роҳнамоӣ ба рушди иқтисоди миллӣ ва татбиқи стратегияҳои устувори рушд;

– таҷассумгари ваҳдати миллӣ ва кафили риояи Конститутсия.

Холмс дар асарҳои худ, ба хусус дар “Priorities for the President” [117] ва “Mandate for Leadership” [116], таъкид мекунад, ки муассир будани ниҳоди президент аз ду омил вобаста аст:

1. Доштани биниши стратегӣ ва қобилияти татбиқи он

Яке аз шартҳои асосии самаранокии фаъолияти президент мавҷудияти биниши возеҳи стратегӣ нисбат ба рушди давлат ва имконияти амалисозии он мебошад. Роҳбари давлат бояд на танҳо ҳадафҳо ва барномаҳои сиёсиро пешниҳод намояд, балки барои татбиқи амалии онҳо низ имконият ва иродаи сиёсӣ дошта бошад. Тавре Холмс таъкид мекунад, самаранокии роҳбарӣ пеш аз ҳама дар қобилияти табдил додани ғояҳо ва ҳадафҳои сиёсӣ ба натиҷаҳои воқеӣ ифода меёбад.

1. Механизми мутавозуни қудрат

Ба андешаи Холмс, як низоми демократии устувор бояд тавозуни қудратҳоро байни мақомоти қонунбарор (масалан, порлумон), мақомоти иҷроия (президент ва ҳукумат), ва мақомоти судӣ таъмин намояд. Президент бояд дар доираи қонун амал кунад ва ҳамзамон механизмҳои назорат ва муқобилият (checks and balances) бояд фаъол бошанд.

А. А. Валенсуэла, сиёсатшиноси машҳури чилии-амрикоӣ ва яке аз коршиносони бонуфуз дар соҳаи демократияи муқоисавӣ, дар таҳқиқоти худ

ба мушкилоти устувории ниҳоди президентӣ дар демократияҳои нав таваҷҷуҳи амиқ зоҳир кардааст. Ӯ бар ин назар аст, ки танҳо интихоботи озод ва баргузории демократӣ барои таъмини устувории режимҳои президентӣ кифоя нест. Валенсуэла бар ин ақидааст, ки “Дар низомҳои президентӣ , ки дорои механизмҳои сусти назорат ва тавозуни қудрат мебошанд, эҳтимоли сар задани буҳрон ва нокомии сиёсӣ бештар аст. Президентҳое, ки ба муҳосиботи парламентӣ ва ҳуқуқии муассир дучор намешаванд, метавонанд беэътибор гарданд, ҳатто дар чаҳорчӯбаи қонуни асосӣ амал кунанд” [130, с. 13-17].

Ӯ дар таҳқиқоти худ, ба хусус дар ҳаммуаллифӣ бо Хуан Линс нишон медиҳад, ки дар бисёр кишварҳои Амрикои Лотинӣ, президенти интихобшуда ба сабаби набудани тавозуни муассири ҳокимият, низоми ҳисоботдиҳӣ ва дастгирии устувори сиёсӣ, наметавонад муҳлати худро ба охир расонад. Дар чунин шароитҳо, ба қавли ӯ, ниҳоди президентӣ осебпазир мегардад ва ба ҷойи таҳкими демократия метавонад сабаби нобоварии сиёсӣ ва буҳрон гардад. Танҳо дар он ҳолат мувофиқ бо андешаи Валенсуэла ҳастем, ки он ниҳоди президентиро як унсури асосии низоми демократии муосир мешуморад, вале бо шарти вуҷуди механизмҳои муассири маҳдудкунӣ ва назорат сурат гирад. Дар он низомҳое, ки президент аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мустақилияти комил дорад, вале назорати судӣ, порлумонӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ заиф аст, таҳкими ниҳодҳои демократӣ сурат намегирад, балки баръакс, имконияти худкомагӣ афзоиш меёбад.

Доналд Л. Горовитс, ҳуқуқшинос ва сиёсатшиноси шинохта, дар таҳқиқоти муқоисавии худ вобаста ба демократия ва низомҳои конститутсионӣ масъалаи интихоби байни низоми президентӣ ва парламентиро ба таври ҳамаҷониба ва амиқ баррасӣ намудааст. Ӯ, махсусан, дар мақолаи маъруфи худ бо номи «Presidents vs. Parliaments: Comparing Democratic Systems» (1990) нишон медиҳад, ки муассирии ҳар як низом аз хусусиятҳои иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар вобаста аст. Андшеаи у оид ба низоми президентӣ чунин аст: “Низоми президентӣ метавонад дар ҳолати муайян устувории сиёсии бештар фароҳам орад, вале дар сурати мавҷуд будани

ихтилофоти амиқи иҷтимоӣ ё заъфи институтсионалӣ метавонад ба бунбасти сиёсӣ барад” [118, с. 73].

Низоми президентӣ дорои ҳокимияти мустақили иҷроия аст, ки аз парлумон ҷудо мебошад. Ин метавонад кафолати субот ва тавоноии роҳбариро таъмин кунад. Вобаста ба андешаҳои Д.Л. Горовитс муҳаққиқ Р. С Мартинюк чунин андеша дорад, ки “Дар ҳолатҳое, ки ҷомеа бо ихтилофоти амиқи сиёсӣ ё тафриқаҳои этникӣ рӯ ба рӯ мегардад, набудани ҳамкории муассир ва ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла байни президент ва парлумон, метавонад ба пайдоиши буҳронҳои сиёсӣ ва шиддат гирифтани мухолифатҳо мусоидат намояд. Аз ин рӯ, интихоби модели идоракунии давлатӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои сохтори иҷтимоӣ, сатҳи рушди ниҳодҳои сиёсӣ ва фарҳанги сиёсии ҷомеа амалӣ гардад” [83, с. 62]. Аз ин хотир, ба андешаи мо, татбиқи ин ё он шакли идоракунӣ набояд ба тақлид аз таҷрибаи давлатҳои дигар асос ёбад, балки зарур аст, ки он дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи шароити дохилӣ ва талаботи воқеии рушди миллӣ сурат гирад.

Бо дарназардошти мавқеи андешаҳои олимон метавон ба чунин хулоса расид, ки ин барои кишварҳои дар марҳилаи гузариш, аз ҷумла давлатҳои пасошуравӣ, аҳаммияти махсус дорад. Онҳо таъкид менамояд, ки дар сурати набудани механизмҳои муассири назорат ва масъулият, ниҳодҳои демократӣ тадриҷан қобилияти амалии худро аз даст медиҳанд ва дар чунин шароит президент метавонад ба як роҳбари мутлақ табдил ёбад.

Пайдоиш ва таҳаввули ниҳоди президентӣ дар Аврупо натиҷаи равандҳои тулонии назариявӣ ва амалӣ ба шумор меравад, ки ин раванд ҳанӯз аз асри XVIII оғоз шуда, танҳо дар қарни XX ба шакли нисбатан мукаммали институтсионалӣ расидааст. Дар тули ин марҳила як қатор файласуфон, сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон ва ба таҳлили моҳияти ҳокимияти иҷроия, шахсияти сарвари давлат ва механизмҳои мутавозини қудрат пардохтанд.

Яке аз аввалин таҳлилгарони демократияи ниҳодӣ Алексис де Токвил буда, он бештар ба масъалаи сохтори ҳокимияти иҷроия дар ШМА таваҷҷуҳ

зоҳир намудааст. Ӯ чунин менависад, ки “Ҳарчанд президент ваколатҳои иҷроия дорад, аммо ӯ на аз рӯи иродаи худ, балки дар доираи қонуни асосӣ амал мекунад” [129, с. 146]. Маҳз барои Аврупо ин таҳлил аввалин модели “президенте, ки фаъол аст, вале маҳдуд бо қонун” ҳисоб мешуд.

Саромади сотсиологҳои олмонӣ Макс Вебер бошад, ба ташаккули фаҳмиши шаклҳои ҳокимият мусоидат намудааст. Учунин зикр мекунад, ки “Раҳбари интихобшуда, ҳатто вақте ки ҳуқуқан амал мекунад, метавонад ҳамчун шахсияти харизматикӣ пазируфта шавад” [132, с. 140]. Ин идея дар заминаи сохторҳои институтсионалӣ, ба мисли Франсия ва Олмон, ба таври назариявӣ пазируфта шуд.

Дар мактаби фаронсавии ҳуқуқи давлатӣ Морис Дюверже бо таҳлили васеи низоми Ҷумҳурии панҷум заминаҳои ҳуқуқии ташкили ниҳоди президентиро пешниҳод мекунад. Ӯ чунин меандешад, ки “Президенти Ҷумҳурии панҷум дар як вақт ҳам унсури рамзӣ ва ҳам маркази воқеии ҳокимияти сиёсӣ мебошад” [112, с .115]. Дюверже инро бо “дуализми иҷроия” тавсиф мекунад, ки президент дар он дар паҳлуи нахуствазир амал карда, нақши муайянкунанда мебозад. Ин фаҳмиш, махсусан барои моделҳои нимапарлумонӣ аҳаммият дорад.

Чунин таҳлил барои фаҳмидани хусусиятҳои ниҳоди президентӣ дар кишварҳое мисли Олмон, Ҳиндустон ё Италия, ки шакли ҳукуматашон парламентӣ мебошад, ниҳоят муҳим аст. Инчунин, андешаи Меллер имкон медиҳад, ки ниҳоди президент на танҳо ҳамчун як мансаби расмӣ, балки ҳамчун заминаи фарҳанги конститутсионӣ ва рамзи ягонагии миллӣ арзёбӣ шавад.

Дар ҳақиқат, чунин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ниҳоди президент дар Аврупо на якбора, балки дар натиҷаи ҳамгироии баҳсҳои назариявӣ ва таҷрибаҳои амалӣ ташаккул ёфта, вобаста ба шароити таърихию сиёсӣ дар доираи моделҳои гуногун аз президентӣ то нимапрезидентӣ ва парламентӣ рушд кардааст.

Ба ақидаи муҳаққиқи фаронсавӣ Ҷ.Блондел “Сарварӣ як навъи махсуси қудрат ба маънои он аст, ки он дар доираи васеъи масъалаҳо ва мушкилот амалӣ карда мешавад ва ҳамчун яке аз механизмҳои ҳамгироии фаъолияти ҷамъиятӣ ба тамоми ҷараёни раванди таърихӣ таъсир мерасонад ва ҳаммчун яке механизмҳои ҳамгироии фаъолияти ҷамъиятӣ ба тамоми ҷараёни раванди таърихӣ таъсир мерасонад ва дар моҳият ва шакл он як падидаи мақом аст. Сарварӣ қудрат аст, аммо, албатта, на ҳама гуна қудрат сарварӣ аст. Сарварӣ аз қудрат боло аст” [16, с. 19]. Ба андешаи мо, арзиши илмии назарияи Жан Блондел дар он ифода меёбад, ки ӯ ниҳоди президентиро на ҳамчун шакли универсалии идоракунӣ, балки ҳамчун ниҳоди сиёсие арзёбӣ менамояд, ки самаранокии он аз хусусиятҳои низоми конститутсионӣ ва тавозуни ниҳоди давлатӣ вобаста мебошад

Дар солҳои охир низ таваҷҷуҳ ба ин масъала коҳиш наёфтааст, ки як қатор мақолаҳои арзишманди муҳаққиқони амрикоӣ ва аврупоӣ ба таҳлили хусусиятҳои фаъолияти ниҳоди президент дар кишварҳои пасошуравӣ бахшида шудаанд, ки ҳар яке ҷанбаҳои мухталифи ин равандро равшан месозанд.

Дар байни олимони тоинқилобии рус, ки ба омӯзиши масъалаи мазкур машғул буданд, метавон А.Д. Градовский [18], ва Н.М. Коркуновро [28] номбар намуд.

Андрей Дмитриевич Градовский (1841–1889) яке аз назарияпардозони барҷастаи ҳуқуқи давлатӣ ва маорифпарвари асри XIX дар Русия буд. Гарчанде ки Александр Дмитриевич Градовский дар осори илмии худ мустақиман масъалаи ниҳоди президентиро мавриди баррасӣ қарор надодааст, ки ин ба хусусиятҳои сохтори сиёсии Русия дар он давра ва ҳукмронии шакли мутлақи монархӣ вобаста буд, як қатор андешаҳои ӯ доир ба моҳияти роҳбарии олии давлатӣ, ҷойгоҳ ва вазифаҳои ҳокимияти иҷроия, инчунин зарурати татбиқи принсипи тафриқаи ҳокимиятҳо аҳаммияти назариявии худро то ҳол нигоҳ доштаанд. Дар шароити муосир низ, ин ғояҳо метавонанд ҳамчун заминаи консептуалӣ ва методологӣ барои таҳлили низоми президентӣ ва

арзёбии самаранокии фаъолияти ниҳоди президент мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳокимияти олӣ бояд ба қонун тобеъ бошад. Ба гуфтаи ӯ, шоҳ (ё роҳбари давлат) наметавонад боло аз қонун қарор гирад, зеро қонун натиҷаи иродаи умумии миллат аст. Мақомоти иҷроия (шоҳ, президент, ҳукумат) бояд аз мақомоти қонунгузор ва судӣ ҷудо бошанд, то тавозуни сиёсӣ таъмин гардад.

Николай Михайлович Коркунов (1853–1904), ҳуқуқшиноси маъруфи рус, дар осори худ, бахусус, дар «Лекции по общей теории права» ва «Русское государственное право» масъалаи табиати ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ ва муносибати он бо қонун ва ҷомеаро таҳлил намудааст. Ҳарчанд ӯ дар даврони монархия зиндагӣ мекард ва дар бораи ниҳоди президентӣ ба таври мустақим нанавиштааст, андешаҳои ӯ асоси назариявии ташкили ҳокимияти иҷроия ба шумор мераванд. Ба гуфтаи Н.М. Коркунов “Ҳокимияти олӣ метавонад мутлақ бошад, аммо набояд худсарона бошад. Қонуният ва ҳудудҳои ҳуқуқӣ – кафили адолат ва мақоми давлат мебошанд. Ҳокимияти давлатӣ бояд таҳти назорати ҳуқуқӣ бошад, ки ҳар кадом шакли ҳокимият, аз ҷумла шоҳ ё роҳбари давлатӣ, набояд боло аз қонун қарор гирад. Қонун бояд иродаи умум ва манфиати ҷамъиятро таҷассум кунад. Мафҳуми тақсими ҳокимият (қонунбарор, иҷроия ва судӣ) бояд дар сохтори давлатдорӣ риоя гардад. Ба ақидаи ӯ, ҷамъ шудани ҳама шаклҳои ҳокимият дар дасти як шахс хатари худкомагӣ ва суқути давлати ҳуқуқиро ба миён меорад” [28, с. 46]. Ҳарчанд андешаҳои Коркунов нав ҳам бошанд бо хусусиятҳои зер бо андешаҳои Градовский монандӣ доранд, ки онҳо дар замони монархия навишта шудаанд. Бо вуҷуди ин, андешаҳои мазкур имкон медиҳанд, ки барои шарҳи ниҳоди президентӣ дар низоми конститутсионӣ як қатор хулосаҳои муҳим бароварда шаванд. Аз ҷумла:

– Президент, ҳамчун сарвари давлат, бояд фаъолияти худро қатъиян дар доираи қонун анҷом диҳад;

– механизмҳои маҳдудсозӣ ва тавозуни ҳокимиятҳо зарур аст ба таври қонунӣ таҳким ёбанд;

– рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳисоботдиҳӣ ҳамчун омили муҳим барои таъмини устувории ниҳодҳои демократӣ, аз ҷумла ниҳоди президентӣ, хизмат мекунанд.

Ҳамин тариқ олимони шуравӣ ва пасошуравӣ дар давраи гузариш ба сохтори демократӣ, кӯшиш намуданд, ки нақши президентро дар тартиботи ҳуқуқии нав муайян ва асоснок кунанд. Ба андешаи онҳо президент натанҳо раҳбари сиёсӣ, балки кафили идомати низоми мавҷудаи ҳокимияти шуравӣ мешавад низоме, ки бар пояи ҳокимияти Шуроҳо ва роҳбарии ҳизби коммунистӣ устувор аст. Ба ибораи дигар, ӯ ҷонибдори чунин модели ниҳоди президентӣ буд, ки фаъолияти он дар доираи принсипҳои давлатдории шуравӣ амалӣ мегардид. Дар ин модел президент на ҳамчун роҳбари дорои ваколатҳои васеъ ва мустақили сиёсӣ, балки ҳамчун шахси мансабдори давлатӣ баррасӣ мешуд, ки фаъолияти ӯ таҳти назорат ва ҳисоботдиҳии мақоми олии намояндагӣ, яъне Шурои Олӣ қарор дошт.

Дар ҳамин замина, У.Л.Кузнетсов таъкид менамояд, ки номуайян будани доираи ваколатҳо ва уҳдадориҳои президент, инчунин мавҷуд набудани низоми дақиқи ҳамкории ӯ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонад ба ташаккули ноустувории сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат намояд [29, с.67]. Аз ин рӯ, ба андешаи ӯ, ташаккул ва такмили механизми ҳуқуқии фаъолияти ниҳоди президентӣ бояд дар асоси таҳлилҳои амиқи назариявӣ, омӯзиши таҷрибаи амалии давлатҳои гуногун ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои рушди низоми миллӣ амалӣ карда шавад.

Ю.И. Скуратов бошад, ба нақши президент дар равандҳои сиёсӣ ва муносибатҳои байни мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ таваҷҷуҳ дошт. Ӯ бар он андеша буд, ки “мансаби президентӣ метавонад ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва тақвияти идораи давлатӣ мусоидат кунад, агар дар асоси принсипҳои демократӣ роҳандозӣ шавад” [94, с.89]. Ю.И. Скуратов дар таҳлилҳои худ бештар ба нақши сиёсии президент таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ин мансабро дар заминаи муносибатҳои байни мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ баррасӣ мекунад.

Ю.И.Скуратов, инчунин, зикр мекард, ки президенти давлат бояд нақши муассир дар мусоидат ба ҳамкории мақомоти маҳаллӣ бо ҳокимияти марказӣ бозӣ кунад ва бо ин роҳ, ҳамгироии низомҳои идоракунии минтақавӣ ва умумидавлатиро таъмин намояд. Ҳамин тавр, дар таҳлили ӯ, президент ҳамчун пояи суботи сиёсӣ ва кафили риояи тартиботи ҳуқуқӣ дар шароити гузариши сиёсӣ ва ислоҳоти сохторӣ арзёбӣ мегардад.

Л.М. Энтин президенти навтаъсисро ҳамчун як унсури воридшудаи тачрибаи ғарбӣ медид, вале бар мутобиққунии он ба фазои иҷтимоии миллии шуравӣ чунин таъкид мекард, “Ниҳоди президент бояд дар зери таъсири анъана ва воқеияти иҷтимоии миллии худ ташаккул ёбад ва механикӣ ворид нашавад” [58, с. 97].

Олими дигар, ки бо назари хеле ҳуқуқмеҳварона, мақоми президентро ҳамчун ҷузъи муҳимми механизми конститутсионӣ, вале зери назорати қатъии қонун ва ниҳодҳо мебинад, ин Безруков А.В. ба шумор меравад. Ӯ чунин менависад: “Функсияҳои сарвари давлат наметавонанд ба таври пурра тавассути ваколатҳои ӯ мушаххас карда шаванд. Аз ин рӯ, сарвари давлат ҳамеша дорои баъзе ваколатҳое мебошад, ки бевосита дар Конститутсия пешбинӣ нашудаанд. Чунин ваколатҳо одатан дар шароити фавқулода ва ҳолатҳои ғайричашмдошт зоҳир гардида, ё аз ҷониби парламент амалан (де-факто) эътироф мешаванд ва ё ба шарҳи судии Конститутсия такя мекунанд. Функсияи Президенти Федератсияи Русия дар самти таъмини фаъолияти ҳамоҳанг ва ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ аҳаммияти махсус дорад. Бар хилофи як қатор кишварҳо, дар Конститутсияи Федератсияи Русия Президент расман ҳамчун арбитр дар муносибатҳои байни се шохаи ҳокимият номбар нашудааст. Аммо ҳамчун сарвари давлат, ки берун аз доираи ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ қарор дорад, Президент моҳиятан нақши арбитрро миёни сатҳҳо ва шохаҳои гуногуни ҳокимият иҷро менамояд. Ба татбиқи ин вазифа ваколати Президент оид ба истифодаи расмиёти оштисозӣ, инчунин андешидани дигар чораҳо барои бартараф намудани буҳронҳо ва ҳалли баҳсҳо мусоидат мекунад” [15, с. 97].

В.Е. Чиркин дар таҳлили муқоисавии худ ниҳоди президентиро ҳамчун қувваи муттаҳидкунандаи ҳокимият тасвир мекунад, ки “Президент бояд на мутлақи ҳокимият, балки муттаҳидкунандаи шохаҳои он бошад. Маҳз ҳамин чиз фарққунандаи президенти конститутсионӣ аз автократ аст” [53, с. 54].

Муҳаққиқ И.Т. Хутинаев бар он назар аст, ки президент дар низоми сиёсӣ на танҳо як мансаби давлатӣ, балки таҷассумгари иродаи умумимиллӣ ва воситаи муҳимми таъмини ягонагии давлат ба ҳисоб меравад. Ба андешаи ӯ, “ниҳодҳои президент бояд ҳамчун механизми самарабахши мутобиқсозӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ амал намоянд. Ӯ на танҳо раҳбари ҳокимияти иҷроия нест, балки ин як ниҳодест, ки барои таъмини ягонагии ҳокимияти давлатӣ, суботи сохтори конститутсионӣ ва пайвастагии курси сиёсӣ дар шароити табдилдиҳии ҷомеа нигаронида шудааст” [49, с. 264]. Ба андешаи мо И.Т. Хутинаев бар он аст, ки дар шароити гузариш аз сохтори шуравӣ ба модели давлатдории миллӣ, президент бояд на танҳо раҳбари ҳокимияти иҷроия, балки кафили суботи конститутсионӣ ва ягонагии иҷтимоию сиёсӣ бошад. Ӯ ҳамчунин аҳаммияти принсипи ҷудоии ҳокимиятҳоро таъкид намуда, бар он назар аст, ки низоми президент танҳо дар шароити нигоҳдории тавозуни шохаҳои ҳокимият ва мавҷудияти механизмҳои муассири назорату мувозинат метавонад самаранок фаъолият намояд.

Ҳамзамон А.С. Чесноков ҳамақидаи И.Т.Хутинаев буда, чунин қайд менамояд, ки “ниҳоди президентӣ низоми меъёрҳои конститутсионӣ мебошад, ки аз рӯи мазмун ва хусусият мақоми ҳуқуқии сарвари интихобшудаи давлатро муайян намуда, ҷойгоҳи ӯро дар низоми мақомоти давлатӣ танзим мекунад, инчунин тартиби интихоб, таъин ва аз вазифа озод намудани ӯро пешбинӣ менамояд” [52, с. 143-144]. Ба назари мо, А.С. Чесноков ниҳоди президентӣро пеш аз ҳама ҳамчун ниҳоди конститутсионӣ баррасӣ намуда, моҳияти онро дар маҷмуии меъёрҳои ҳуқуқие мебинад, ки мақом, тартиби ташаккул ва фаъолияти сарвари давлатро танзим менамоянд.

Донишмандони дигар, аз ҷумла Т.Э.Каллагов ниҳоди президентиро ҳамчун “маҷмуи салоҳиятҳои ҳокимиятии президент дар самти идоракунии

давлатӣ, ки бо меъёрҳои конститутсионӣ асос ёфта, фаъолияти ҳокимияти президентро ба танзим медарорад, шарҳ медиҳад” [25, с. 27]. М.А. Краснов бошад, қайд менамояд, ки “Президент ба монанди шоҳи мутлақ дар худ ғояи падариро таҷассум менамояд: ба монанди шоҳ, президент вазифаи падари миллатро иҷро менамояд” [76, с. 33]. Тибқи таҳлилҳои олимони шуравӣ ва пасошуравӣ оид ба ниҳоди президентӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки гарчанде ҳамаи онҳо ниҳоди президентиро ҳамчун унсури муҳимми сохтори сиёсӣ эътироф менамоянд, дар арзёбӣ ва шарҳи назариявии он миёни онҳо ҳам нуқтаҳои умумӣ ва ҳам тафовутҳои муҳтавоӣ ба мушоҳида мерасанд. Фарқиятҳо дар мавқеи олимон, бештар аз ҳама, ба замони таҳқиқ, шароити таърихӣ, низоми ҳукмрон, ва манбаъҳои методологӣ вобастагӣ доранд. Олимони пасошуравӣ (Кутафин, Чиркин) таҳлили худро дар шароити татбиқи ниҳоди президент дар амалия (масалан, Федератсияи Русия) анҷом додаанд, дар ҳоле ки олимони охири шуравӣ бештар ба имкони воридсозӣ ва оқибатҳои эҳтимолии он ишора менамоянд. Бо вуҷуди ин, ҳамаи онҳо ба чунин хулосаи асосӣ наздик мешаванд, ки: ниҳоди президентӣ танҳо дар сурате самаранок ва устувор аст, ки дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ, бо тавозуни ҳокимиятҳо ва ҳисоботдиҳӣ амал кунад. Дар баробари ин В. Ганюшкин ба хусусияти ҳуқуқии вобастагии президент ба Шурои Олӣ ва маҳдудсозии ваколатҳои ӯ таъкид менамуд, то ки мансаби нав ба пояи сохтори мавҷуда халал нарасонад.

Дар зери мафҳуми президент муҳаққиқ Х. Б Нарматов чуни андеша дорад, ки “худи мафҳуми президент ҳамчун сарвари интихобшавандаи давлати дорои шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ маънидод мегардад. Аз ин рӯ, мафҳуми сарвари давлат нисбат ба мафҳуми президент мафҳуми умумӣ буда, барои ҳамаи сарварони давлатҳои дорои шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ татбиқ мегардад. Аломатҳои хоси мафҳуми президент интихобшаванда будан ва муҳлатнок будани ваколатҳои ӯ мебошанд. Моделҳои гуногуни ҳокимияти президентӣ истифодаи истилоҳҳои гуногунро дар конститутсияҳо пешбинӣ менамоянд, аз ҷумла: сарвари давлат (Қирғизистон солҳои 1993–1996, Русия), сарвари ҳокимияти иҷроия (ИМА), довар (арбитр-Фаронса), шахси олии

мансабдор(высшее должностное лицо-Русия)” [86, с. 138]. Ба андешаи мо, муаллиф мафҳуми президентро ҳамчун мақоми интихобшавандаи сарвари давлат арзёбӣ намуда, нишон медиҳад, ки мазмун ва ҷойгоҳи ин ниҳод вобаста ба хусусиятҳои низоми конститутсионии ҳар як давлат метавонад дар шаклҳои гуногун ифода ёбад.

Пас аз таҳлили андешаҳои муҳаққиқони хориҷӣ оид ба моҳият, хусусият ва нақши ниҳоди президентӣ, зарурат ба миён меояд, ки мавқеи муҳаққиқони ватанӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Зеро, воқеияти ташаккул ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва таърихии хоси худ мебошад. Аз ин рӯ, олимони тоҷик ин ниҳодро на танҳо аз дидгоҳи назарияи умумии давлатдорӣ, балки дар заминаи таҷрибаи истиқлолияти давлатӣ, таҳкими сохтори конститутсионӣ, сулҳу ваҳдати миллӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ арзёбӣ намудаанд.

Ба андешаи М. Хидирзода, “дар назарияи илми сиёсӣ шахсиятҳои таъсиргузор бо мафҳумҳои роҳбар, сарвар, пешво, доҳӣ, шоҳ, амир ва амсоли онҳо ифода меёбанд, ки ҳар кадоми онҳо нақши муайяни иҷтимоиро таҷассум менамоянд. Ҳомили чунин мақом қудрати сиёсиро дар ихтиёр дошта, тавассути ваколатҳои ҳокимиятӣ ба рафтор, шуур ва иродаи дигарон таъсир мерасонад. Аз нигоҳи муносибатҳои ҳокимият ӯ ҳамчун субъекти сиёсӣ баромад намуда, иродаи худро амалӣ месозад. Дар айни замон, татбиқи ин ирода вобаста ба хусусияти низоми сиёсӣ, шакли идоракунӣ ва муҳити иҷтимоӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад” [47, с. 9]. Ба андешаи мо, аҳаммияти илмии ин мавқеъ дар он аст, ки роҳбарияти сиёсӣ на танҳо ҳамчун мақоми расмии давлатӣ, балки ҳамчун субъекти асосии татбиқи ҳокимият арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, ниҳоди президентӣ низ бояд ҳамчун ниҳоди сиёсие баррасӣ гардад, ки тавассути татбиқи самараноки ваколатҳои худ дар таҳкими давлатдорӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ нақши калидӣ дорад.

Дар дигар таҳқиқотҳо чунин нуктаи назар низ дастгирӣ меёбад, ки . ҳарчанд дар замони нав ва навтарин принсипҳои ташкили ҳокимият аз нав тарҳрезӣ гардидаанд, вале ҷомеа ҳамоно ба ниҳоди президент ниёз дорад.

Ҳамин тариқ, ниҳоди президентӣ ҳамчун яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ дар таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи сохтори конститутсионӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ нақши калидӣ дорад. Омӯзиши афкори олимони хориҷӣ аз амрикоиву аврупоӣ то шуравӣ ва пасошуравӣ имкон дод, ки хусусиятҳои асосии ин ниҳод муайян карда шаванд. Аксари муҳаққиқон, новобаста аз фарқияти дидгоҳҳои назариявӣ ва шароити таърихии таҳқиқот, ба чунин натиҷа расидаанд, ки фаъолияти самараноки президент танҳо дар ҳолате таъмин мегардад, ки он дар доираи меъёрҳои конститутсионӣ, бо риояи принсипи ҷудоии ҳокимиятҳо, волоияти қонун ва мавҷудияти механизмҳои назорату мувозинат амалӣ шавад. Таҳлил нишон дод, ки ниҳоди президентӣ на танҳо маҷмуии меъёрҳои ҳуқуқии муайянкунандаи мақом ва ваколатҳои сарвари давлат мебошад, балки ҳамчун ниҳоди сиёсӣ низ баромад намуда, дар таъмини ягонагии ҳокимияти давлатӣ, муттаҳидсозии неруҳои сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ саҳми назаррас мегузорад. Дар баробари ин, таҷрибаи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки ниҳоди Президент дар марҳилаи ташаккули давлатдории миллӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ нақши муҳим бозида, ҳамчун кафили Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, омили муҳимми таъмини сулҳу субот ва рушди устувори ҷомеа баромад намудааст.

Бо дарназардошти таҳлилҳои анҷомшуда метавон ба чунин хулоса расид, ки президент дар фазои илмии сиёсӣ танҳо ҳамчун шахсият ё мансаби давлатӣ маҳдуд намешавад. Баръакс, ӯ ҳамчун мафҳуми мураккаби сиёсӣ баррасӣ мегардад, ки дорои ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, идоракунӣ ва рамзии давлатдорӣ мебошад. Омӯзиши минбаъдаи он, бо назардошти хусусиятҳои миллию таърихии ҳар як кишвар, барои дарки амиқи механизми амалии ҳокимияти давлатӣ ва таҳкими пояҳои конститутсионӣ аҳаммияти калидӣ дорад**.**

1.2. Марҳилаҳои ташаккул ва рушди таърихии ниҳоди Президент

Таҳлили этимологии мафҳуми «президент» нишон медиҳад, ки пайдоиши он ба даврaҳои қадим рост меояд. Дар ибтидо ин унвон нисбат ба шахсоне истифода мешуд, ки маҷлисҳои мардумӣ ё мақомоти намояндагиро дар давлатҳои соҳили баҳри Миёназамин роҳбарӣ мекарданд. Минбаъд, бо таҳаввулоти муносибатҳои сиёсӣ ва ташаккули ниҳодҳои давлатӣ, ин истилоҳ тадриҷан мазмуни мушаххаси сиёсӣ гирифта, ба мансаби алоҳидаи давлатӣ табдил ёфт.

Намунаи барҷастаи таърихии чунин раванд таъсиси мансаби Президенти Сенат дар Рими Қадим мебошад. Ин ҳолат гувоҳӣ медиҳад, ки мафҳуми «президент» ҳанӯз дар он давра дорои аҳаммияти муайяни сиёсӣ будааст. Бо вуҷуди ин, мазмун ва доираи ваколатҳои он аз фаҳмиши муосири ниҳоди президентӣ фарқ мекарданд ва ҳанӯз шакли такмилёфтаи имрӯзаи худро касб накарда буданд [95, с. 36-40].

Дар аксари давлатҳо мавқеи сарвари давлат дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз консепсияи асосии ташкили ҳокимияти давлатӣ сарчашма мегирад. Ин консепсия, ки асосҳои институтсионалӣ ва тартиби амалисозии ҳокимияти давлатиро муайян мекунад, дар муайян намудани ҷойгоҳ, мақоми ҳуқуқӣ ва нақши сарвари давлат дар сохтори идоракунии давлатӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Ба андешаи Иван Александрович Илин, давлат бидуни мавҷудияти мақомоти олии ҳокимият наметавонад фаъолияти самаранок дошта бошад. Ба таъкиди ӯ, ҳар як давлат дорои мақоми олии ягонаест, ки дар сохтори ҳокимият ҷойгоҳи марказиро ишғол намуда, ба ҳеҷ як мақомоти дигар тобеъ нест ва вазифаи таъмини ҳамоҳангии фаъолияти умумии давлатро ба уҳда дорад.

Илова бар ин, Илин бар он назар буд, ки “Шахсе, ки ҳокимиятро амалӣ менамояд, бояд дар бораи ҳадафи олии давлат ва воситаҳои расидан ба он тасаввуроти дуруст дошта бошад. Шуури ҳуқуқии ӯ бояд бар пояи иродаи нек ва ватандӯстӣ асос ёбад. Ӯ бояд ба асолат ва арзишмандии давлатдорӣ,

инчунин ба зарурати ҳаётӣ ва маънавии ваҳдати сиёсӣ эътиқоди устувор дошта бошад.

Шахси ҳоким наметавонад бидуни ирода ба ҳокимият бошад, аммо ин ирода набояд танҳо ҳаваси бемаънӣ ба қудрат бошад, балки бояд илҳоми зиндаи давлатдорӣ маҳсуб гардад. Сарвар ё ҳокиме, ки дар сатҳи баланди масъулият қарор дорад, дар ваколатҳои оммавии худ на манфиати шахсии ҳирсомез, балки вазифа ва бори гарони масъулиятро мебинад. Ӯ ҳатто аз бори созиши сиёсие, ки барои ҳаёти давлат зарур аст, рӯй намегардонад, вале барои чунин созиш аз номи виҷдон асосноккунии сунъӣ намечӯяд ва табиати ахлоқии давлатро бо таълимоти бардурӯғе таҳриф намекунад, ки гӯё ҳадафи нек ҳар гуна воситаро сафед мекунад” [135, с. 281].

Яке аз муҳаққиқони ватанӣ, ки масъалаи ниҳоди президентиро мавриди пажӯҳиш қарор додааст, М.У. Хидирзода мебошад. Ба андешаи ӯ, “таҷрибаи таърихӣ ва воқеияти муосири байналмилалӣ дар масъалаи идоракунӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки марҳилаҳои муайяни рушди ҷомеа метавонанд боиси таъсиси ниҳодҳои нав дар раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ гардида, шакли идоракунии давлатро моҳиятан тағйир диҳанд. Эҳтиёҷоти иҷтимоию сиёсӣ, талабот ба дигаргунӣ, нокомилии шакли амалкунандаи идоракунӣ, норозигии омма ва дигар омилҳо метавонанд боиси таҳаввулот дар низоми идоракунӣ гардида, механизмҳои нави ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеаро ба вуҷуд оваранд. Дар ин замина, идоракунии давлатӣ, идоракунии ҷамъиятӣ, ниҳоди идоракунӣ ва шахсият дар сиёсат мафҳумҳое мебошанд, ки барои дарки ҳамаҷонибаи моҳияти раванди идоракунӣ аҳаммияти назариявӣ доранд” [46, с. 9]. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки сарвари давлат дар аксари кишварҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дар низоми мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ мавқеи аввалро ишғол мекунад. Аммо ҳаҷм ва мазмуни ваколатҳои воқеии ӯ дар амал аз хусусиятҳои низоми сиёсӣ ва шакли идоракунии давлатӣ вобаста буда, дар баъзе ҳолатҳо фаъолияти сарвари давлат асосан хусусияти рамзӣ ва намояндагӣ дорад.

Ба андешаи В.А. Филиппов “Шахсе, ки сарварии давлатро ба уҳда дорад, одатан дорои ваколатҳои муайян, дахлнопазирии ҳуқуқӣ ва дараҷаи муайяни мустақилият мебошад ва ҳамзамон ҳамчун намояндаи расмии кишвар дар муносибатҳои байналмилалӣ баромад мекунад” [97, с. 108]. Ба андешаи мо дар марҳилаи кунунии рушди давлатдорӣ ва такмили низомҳои идоракунии давлатӣ, ниҳоди президентӣ дар аксари кишварҳои ҷаҳон мавқеи хосса касб намудааст. Густариши ин ниҳод, пеш аз ҳама, ба нақши калидии президент ҳамчун сарвари давлат дар таъмини суботи сиёсӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва муайян намудани самтҳои стратегии рушди кишвар вобаста мебошад.

Ҳамзамон, президент ҳамчун кафили риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ва субъекти муҳимми таъмини тавозуни манфиатҳои гуногуни сиёсӣ ва ҷамъиятӣ баромад мекунад. Дар ин замина, ниҳоди президентӣ дар таҳкими устувории низоми идоракунии давлатӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ягонагии ҳокимияти давлатӣ нақши калидӣ дорад.

Муҳаққиқи рус Р.Р. Ленковская нисбати мафҳуми президент чунин андеша дорад, ки “Имрӯз мафҳуми президент одатан сарвари давлатеро ифода мекунад, ки аз ҷониби шаҳрвандон тавассути интихоботи умумӣ интихоб мегардад. Ӯ мансабдори олии давлатӣ буда, дар зинаи баландтарини сохтори ҳокимияти давлатӣ қарор дорад ва ҳам дар ҳаёти дохилии кишвар ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ намояндагии олии давлатро амалӣ месозад. Аз ин рӯ, мафҳуми сарвари давлат нисбат ба президент мафҳуми умумитар буда, ҳам ба сарварони давлатҳои монархӣ ва ҳам ҷумҳуриявӣ дахл дорад” [80, с. 98]. Ба андешаи мо, барои дарки амиқтари моҳияти ҳокимияти президентӣ, мантиқӣ аст, ки таҳлил аз омӯзиши ниҳоди шоҳигарии мутлақ ва омилҳое, ки боиси тағйирёбии он гардидаанд, оғоз карда шавад.

Олими рус Б. А. Добришевский чунин андеша дорад, ки “дар ҷараёни рушди таърихии шаклҳои идоракунӣ, шоҳигарии мутлақ зери таъсири омилҳои гуногун, аз ҷумла нуфузи табақаи заминдорони калон ва густариши

ақидаҳои феодалӣ ташаккул ёфтааст. Ин раванд, ба таври ғайримустақим, ба ташаккули баъзе хусусиятҳои ниҳоди президент низ таъсир расонидааст” [107, с. 43]. Ба назари мо, шаклгирии ниҳоди президентӣ ҳамчун падидаи сиёсӣ-ҳуқуқӣ натиҷаи таҳаввулоти тулонии таърихии шаклҳои идоракунӣ мебошад. Гарчанде шоҳигарии мутлақ аз лиҳози моҳият аз низоми муосири президентӣ фарқ мекунад, баъзе унсурҳои он, аз ҷумла нақши марказии сарвари давлат ва масъулияти ӯ дар таъмини суботи сиёсӣ, ба таври ғайримустақим ба ташаккули хусусиятҳои алоҳидаи ниҳоди президентӣ таъсир расонидаанд. Аммо ниҳоди президенти муосир бар принсипҳои демократия, қонуният ва тақзияи ҳокимияти давлатӣ асос меёбад.

Дар идомаи таҳлил, ба баъзе хусусиятҳои мақоми ҳуқуқии сарвари давлат дар шароити шакли идоракунии монархӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоем. Дар чунин низоми давлатдорӣ монарх дорои ваколатҳои васеи давлатӣ буда, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳамчун манбаи мустақили ҳокимият баромад мекунад ва аз ҳар гуна субъекти дигари қудрати сиёсӣ, аз ҷумла корпуси интихоботӣ, вобастагӣ надорад.

Аз ин рӯ, дар низоми монархӣ сарвари давлат на танҳо мақоми олии ҳокимиятро ишғол менамояд, балки ҳамчун сарчашмаи мустақими амалисозии ҳокимияти давлатӣ эътироф мешавад. Ҳатто дар шароити мавҷудияти ниҳодҳои намояндагӣ ва парлумонӣ, монарх мавқеи бартаридоштаи худро дар механизми идоракунии давлатӣ нигоҳ медорад. Ба ибораи дигар, фаъолияти мақомоти давлатӣ аз номи монарх амалӣ гардида, қонуният ва машруъияти онҳо аз мақоми ӯ сарчашма мегиранд.

Ҳамзамон, интиқоли ҳокимияти олӣ дар аксари шоҳигариҳо дар асоси принсипи меросбарии тахт амалӣ мешавад. Тартиб ва шартҳои меросгузории ҳокимият, одатан, тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои эътибори олии ҳуқуқӣ танзим мегарданд.

Бо вуҷуди он ки принсипи меросбарӣ яке аз нишонаҳои асосии шакли идоракунии монархӣ ба ҳисоб меравад, таҷрибаи таърихӣ аз мавҷудияти шоҳигариҳои интихобӣ низ шаҳодат медиҳад. Намунаи чунин низомҳо дар

давраҳои муайяни таърихӣ дар Русия, Лаҳистон, Олмон ва Малайзия мушоҳида шудаанд. Бо вуҷуди он ки шоҳигарии интихобӣ то андозае унсурҳои ҷумҳуриявиро дар бар мегирад, ин омезиш ба моҳияти асосии ниҳоди шоҳигарӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад. Ба ҷумлаи хусусиятҳои муҳимми ин низоми идоракунӣ ваколатҳои махсуси подшоҳ, мақоми унвонии ӯ, рамзҳои давлатии ҳокимияти олӣ ва фаъолияти ниҳоди дарбор дохил мешаванд, ки онҳо то имрӯз арзиши худро нигоҳ доштаанд.

Ба андешаи В.И. Кайнов, “дар марҳилаҳои аввали гузариши давлатҳо аз шоҳигарӣ ба ҷумҳуриявӣ, ташаккули ниҳоди сарвари давлат то ҳадди зиёд зери таъсири анъанаҳои пешина қарор дошта, бо тақрибаи тоҷу тахт монандиҳои назаррас нишон медод. Аз ин нигоҳ, президент касе нест ҷуз як шоҳигарии конститутсионӣ, ки аз нишонаҳои зоҳирии ҳокимияти подшоҳӣ маҳрум шудааст” [108, с. 19]. Ба назари мо, ҷойгоҳ ва нақши президент дар низоми тақсими ҳокимият на ҳамеша ба меъёрҳои классикии шакли идоракунии парламентӣ мутобиқ меояд. Зеро дар чунин низом мақоми сарвари давлат, одатан, тавассути маҳдуд будани салоҳиятҳои ӯ ва таъмини тавозуни оналӣ миёни ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроия муайян карда мешавад.

Дар баробари ин, тақрибаи як қатор давлатҳое, ки қаблан ба низоми сотсиалистӣ мансуб буданд, аз ҷумла Руминия, Булғория ва Полша, нишон медиҳад, ки дар раванди ислоҳоти конститутсионӣ онҳо дар баробари мақомоти олии намояндагӣ ниҳоди президентиро ҳамчун яке аз унсурҳои муҳимми механизми ҳокимияти давлатӣ таъсис додаанд. Ин раванд, дар навбати худ, ба ташаккули шаклҳои омехтаи идоракунӣ ва рушди моделҳои нимапрезидентӣ мусоидат намудааст.

Дар доираи равишҳои муосири илми ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ, мансаби Президентро метавон ҳамчун ниҳоди мустақили иҷтимоию сиёсӣ арзёбӣ намуд, ки бо маҷмӯи муайяни ваколатҳои конститутсионӣ ва механизмҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба идоракунии давлатӣ таъмин гардидааст. Ӯ ҳамзамон, намояндагии давлатро ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ

ба уҳда дошта, ҳамчун унсури ҳамоҳангсозандаи фаъолияти тамоми дастгоҳи давлатӣ баромад мекунад [78, с. 67-79].

О.Ю. Кокурина низ дар яке аз таҳқиқоти худ ба чунин хулоса мерасад, ки “Идоракунии давлатӣ аз лиҳози моҳият як навъи идоракунии иҷтимоӣ мебошад, ки ба танзими муносибатҳо ва равандҳои ҷамъиятӣ равона гардида, ҳамоҳангсозии амалҳо, таъмини тартибот, субот ва устувории низоми иҷтимоиро таъмин менамояд. Идоракунии давлатӣ бидуни иртиботи зич бо ҳокимияти давлатӣ тасаввур кардан душвор аст, зеро ҳокимият худ шакли хоси муносибатҳои иҷтимоӣ буда, дорои қобилияти таъсиррасонӣ ба фаъолияти шахсиятҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ҷомеа дар маҷмуъ мебошад” [72, с. 87-90]. Аз ин нуқтаи назар, идоракунии иҷтимоӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ бо татбиқи вазифаҳои роҳбарикунанда, ҳамоҳангсозӣ ва танзими равандҳои ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад. Дар низоми ҳокимияти давлатӣ масъулияти амалисозии ин вазифаҳо, одатан, ба мақоми олии сиёсие вогузор мегардад, ки дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ нақши калидӣ дорад. Дар аксари давлатҳои дорои шакли идораи ҷумҳуриявӣ чунин мақомро ниҳоди президент ишғол менамояд. Президент ҳамчун сарвари давлат дар муайян намудани самтҳои асосии рушди ҷомеа, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таъмини фаъолияти муназзами механизми идоракунӣ нақши муҳим мебозад.

Ҳамзамон, мақом, ваколат ва нақши институтсионалии президент вобаста ба хусусиятҳои модели идоракунии ҷумҳуриявӣ метавонад фарқ намояд. Аз ҷумла, дар ҷумҳуриҳои президентӣ, нимапрезидентӣ ва парламентарӣ ниҳоди президент дорои салоҳиятҳо, механизмҳои амалисозии ваколатҳо ва сатҳи гуногуни таъсир ба раванди идоракунии давлатӣ мебошад.

Вобаста ба ин зарур аст, ки камтар дар масъалаи хусусияҳои Ҷумҳурии президентӣ (омехта) ва Ҷумҳурии парлмаентӣ таваҷҷуҳ намоем. Олими ватанӣ Г.Н. Зокиров дар китоби худ ин се шаклҳоро чунин маънидод намудааст. “Ҷумҳурии нимапрезидентӣ (омехта) шакли идоакунии давлатие мебошад, ки хосияти онро масъулияти дуҷонибаи ҳукумат ташкил менамояд.

Ҳукумат ҳам назди президент ва ҳам дар назди парламент масъул мебошад. Шакли мазкури идоракунӣ ҳокимияти пурзӯри президентӣ ва назорати самараноки парламентро оид ба фаъолияти ҳукумат таъмин менамояд.

Ҷумҳурии парламентӣ шакли идораи ҷумҳурӣ, ки мувофиқи конститутсия ҳокимияти олӣ ба праламент таалуқ дорад. Парламент президентро интихоб менамояд, ки фақат сардори давлат асту бас. Парламент мустақиман ҳукуматро ташкил менамояд сарвазирро интихоб намуда мақомоти назорати конститутсионӣ ва ғайраро таъйин менамояд" [20, с. 443]. Тибқи андешаи мо дар ин шакл яъне,, Ҷумҳурии нимапрезидентӣ (омехта) бо фароҳам овардани тавозуни салоҳиятҳо миёни президент ва парламент барои таъмини суботи сиёсӣ ва назорати самараноки фаъолияти ҳукумат мусоидат менамояд. Ҷумҳурии парламентӣ бошад, ба нақши меҳварии парламент дар ташаккули ҳукумат ва қабули қарорҳои сиёсӣ такя мекунад.

Ҳамчунин муҳаққиқи Г.Н. Зокиров дар масъалаи шакли Ҷумҳурии президентӣ бошад чунин менигорад, ки "Ҷумҳурии президентӣ яке аз шаклҳои асосии идораи ҷумҳуриявӣ буда, дар асоси принсипи тақсимоти ҳокимият ташаккул меёбда. Принсипи мазкур асоси конститутсионии чунин мамлакатҳо буда, салоҳияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва ҳокимияти судӣ аниқ муқаррар карда шудааст. Президент сардори давлат ва ҳукумат аст. Сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян намуда, онро амалӣ мегардонад... Хулоса, вобаста ба ҳолтаи кишвар президент ваколатҳои гуногун дорад" [20, с. 443]. Бо вуҷуди ин, чунин ифодакунӣ хусусияти нисбӣ дошта, наметавонад тамоми гуногуншаклии таҷрибаи давлатдории муосирро пурра инъикос намояд. Таҷрибаи конститутсионии давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки ташаккул ва фаъолияти ниҳоди президентӣ зери таъсири маҷмуии омилҳои сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ қарор дошта, вобаста ба хусусиятҳои миллии ҳар як давлат шакл ва муҳтавои мушаххаси худро касб мекунад. Яъне гуногунрангии моделҳои президентӣ, пеш аз ҳама, ба хусусиятҳои таърихии ташаккули худи ин ниҳод алоқаманд аст.

Маҳз, таҳаввулоти сиёсиву ҳуқуқии охири асри XVIII, аз ҷумла равандҳои марбут ба ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва густариши ғояҳои конститутсионализм, заминаҳои пайдоиши ниҳоди президентиро фароҳам оварданд. Аз ҷумла, рӯйдодҳои соли 1789 ва инкишофи минбаъдаи афкори сиёсӣ дар Аврупо ба ташаккули ин ниҳод ҳамчун алтернатива ба шаклҳои анъанавии монархӣ мусоидат намуданд. Ҳарчанд, таърихи ташаккул ва рушди ниҳоди президентӣ беш аз ду асрро дар бар мегирад, хусусиятҳои бунёдӣ ва унсурҳои таркибии он тадриҷан дар раванди таҳаввулоти сиёсиву ҳуқуқӣ шакл гирифтаанд.

Дар баробари ин, гуногуншаклии моделҳои муосири конститутсионӣ нишон медиҳад, ки раванди ташаккул ва такмили ниҳоди президентӣ ҳанӯз ба анҷом нарасида, хусусияти динамикӣ ва таҳаввулпазирии худро нигоҳ доштааст.

Таҷрибаи давлатҳои гуногун собит месозад, ки мақом, салоҳият ва нақши президент дар механизми идоракунии давлатӣ метавонанд вобаста ба хусусиятҳои низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳар як кишвар ба таври назаррас фарқ намоянд. Ин фарқиятҳо, пеш аз ҳама, зери таъсири омилҳои таърихӣ, сатҳи рушди ниҳодҳои демократӣ, анъанаҳои давлатдорӣ, хусусиятҳои фарҳанги сиёсӣ ва хусусияти низоми ҳуқуқии миллӣ ташаккул меёбанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши мақом ва нақши президент дар низомҳои гуногуни давлатӣ бояд бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ ва шароити мушаххаси рушди сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳар як кишвар амалӣ гардад. Чунин равиш имкон медиҳад, ки таҳаввулоти муосири ниҳоди президентӣ ба таври ҳамаҷониба арзёбӣ шуда, тамоюлҳои асосии рушди минбаъдаи он муайян карда шаванд.

Бо вуҷуди он ки дар таҷрибаи таърихии давлатдорӣ шаклҳои гуногуни ташкили ҳокимияти олӣ мавҷуд буданд, муҳаққиқ Р.С. Мартинюк чунин андеша дорад, ки “нахустин намунаи конститутсионии муттаҳидсозии ваколатҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия дар доираи мансаби ягонаи Президент дар ШМА ба вуҷуд омад” [83, с. 62]. Ин усули ташкили

ҳокимияти давлатӣ бори аввал дар Конститутсияи ШМА, ки соли 1787 қабул гардид, мустаҳкам карда шуд.

Маҳз ҳамин санади конститутсионӣ заминаҳои оналӣ ва ҳуқуқии ташаккули ниҳоди президентиро ҳамчун яке аз муҳимтарин унсурҳои механизми муосири давлатдорӣ фароҳам овард. Дар натиҷа, модели амрикоии президентӣ ба яке аз шаклҳои таъсиргузори ташкили ҳокимияти давлатӣ табдил ёфта, ба рушди минбаъдаи афкори конститутсионӣ ва таҷрибаи давлатсозии кишварҳои гуногун таъсири назаррас расонид.

Муттаҳидсозии ваколатҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия дар доираи як мансаб ба муаллифони Конститутсияи ШМА имкон фароҳам овард, ки низоми нисбатан мутамарказ, устувор ва самараноки идоракунии давлатро таъсис диҳанд. Ҳамзамон, бо мақсади пешгирӣ намудани тамаркузи аз ҳад зиёди ҳокимият ва эҳтимоли сӯиистифода аз он, онҳо маҷмуии васеи маҳдудиятҳои конститутсионӣ ва механизмҳои мутақобилаи назорату мувозинатро пешбинӣ намуданд.

Ба андешаи яке аз барҷастатарин мутафаккирони рус И.А. Илин, чунин таъкид менамод, ки “Давлат бе мақомоти олии давлатӣ вуҷуд дошта наметавонад. Ҳар як давлат дорои мақоми ягонаи олии давлатӣ мебошад, ки аз ҳамаи мақомоти дигар болотар қарор дошта, ба ҳеҷ як мақоми дигар итоат намекунад, вале ба тамоми фаъолияти давлатӣ роҳбарӣ менамояд. Шакли идоракунии давлат аз мақоми сарвари он вобастагӣ дорад. Агар сарвари давлат ваколатҳои худро ба тариқи меросӣ барои тамоми умр соҳиб шуда, ҳамзамон барои амалҳои худ аз ҳама гуна ҷавобгарӣ озод бошад, ӯ унвони монарх дошта, давлат монархия ҳисобида мешавад. Агар сарвари давлат ваколатҳои худро тавассути интихобот, барои муҳлати муайян ба даст оварда, барои амалҳои муайян тибқи қонун дар назди суд ҷавобгар бошад, ӯ унвони президент дошта, давлат ҷумҳурӣ номида мешавад” [23, с. 163- 164]. Ба назари мо муҳаққиқ, фарқияти асосии ҷумҳурӣ ва монархияро дар тартиби соҳиб гардидани ваколатҳои сарвари давлат ва сатҳи ҷавобгарии ӯ арзёбӣ намуда, маҳз ҳамин меъёрҳоро асоси муайян намудани шакли идоракунии давлат меҳисобад.

Ҳамчунин Н. А. Сахаров бар ин ақида аст, ки “Бо мақсади пешгирӣ аз табдил ёфтани ҳокимияти мутамаркази иҷроияи президент ба шакли ҳокимияти шахсӣ, диктатура ва беҷазоии ҳуқуқӣ, падарони муассис дар Конститутсия принсипи маъруфи тақсимоти ҳокимияти давлатиро ба се шохаи мустақил қонунгузор, иҷроия ва судӣ мустаҳкам намуданд” [40, с. 5]. Ҳамзамон, зарур аст, ки саҳми назариявӣ ва дурандешии сиёсию ҳуқуқии таҳиягарони Конститутсияи ШМА махсус таъкид карда шавад.

Хусусияти навоварона ва аҳаммияти таърихии чунин модели ташкили ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби муҳаққиқон нодида гирифта намешавад, зеро сатҳи рушди афкори сиёсиву ҳуқуқӣ ва равандҳои давлатсозӣ дар асри XVIII ба ислоҳоти амиқи институтсионалӣ ва ҷустуҷӯи шаклҳои нави татбиқи ҳокимияти давлатӣ ниёз дошт.

Дар ҳамин замина, модели президентии идоракунӣ тадриҷан берун аз ҳудуди Штатҳои Муттаҳида густариш ёфта, дар давлатҳои Амрикои Лотинӣ низ мавриди татбиқ қарор гирифт. Пас аз раҳоӣ аз вобастагии мустамликавӣ, ин давлатҳо ба масъалаи интихоби модели самараноки ташкили ҳокимияти давлатӣ рӯ ба рӯ шуданд. Дар чунин шароит, таҷрибаи конститутсионии Штатҳои Муттаҳида, ки ба муттаҳидсозии самаранокии идоракунии давлатӣ бо принсипҳои демократӣ ва таҷзияи ҳокимият асос ёфта буд, барои онҳо ҳамчун намунаи муносиб арзёбӣ гардид. Дар натиҷа, бисёре аз кишварҳои Амрикои Лотинӣ зимни таҳияи конститутсияҳои миллии худ унсурҳои асосии модели президентиро қабул намуда, ниҳоди президентиро ҳамчун маркази ҳокимияти иҷроия ва яке аз ниҳодҳои калидии низоми сиёсии миллӣ муқаррар карданд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар марҳилаи ибтидоӣ истиқлоли онҳо бештар хусусияти рамзӣ дошта, бо мушкилоти воқеии сиёсӣ ва институтсионалӣ рӯ ба рӯ буд [38, с. 539-541].

Ҳамин тариқ, сохтори институтсионалии ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои минтақа ба ҳамкории мутавозини се шохаи мустақили ҳокимият: қонунгузор, иҷроия ва судӣ асос ёфта, Президент дар ин низом ҳамчун

субъекти марказии ҳокимияти иҷроия ва яке аз унсурҳои калидии механизми идоракунии давлатӣ баромад мекунад.

Бо вуҷуди ин, модели лотинамерикоии президентӣ дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошад, ки онро аз намунаи амрикоӣ ҷудо месозанд. Аз ҷумла, В.А. Филиппов ба чунин ҷанбаҳо ишора мекунад:

“– мавқеи бартаридоштаи ниҳоди президентӣ нисбат ба дигар шохаҳои ҳокимият;

– таъини мансабдорони калидии давлатӣ бар асоси салоҳдиди шахсии президент;

– мутамарказ гардидани ваколатҳои васеъ дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ дар дасти президент” [97, с. 108-114].

Ташаккул ва рушди ниҳоди Президенти ШМА ба равандҳои минбаъдаи инкишофи низомҳои сиёсӣ дар ҷаҳон таъсири назаррас расонидааст. Модели президентии амрикоӣ, ки ба принсипҳои тақзияи ҳокимият ва мустақилияти нисбии шохаҳои ҳокимият асос ёфтааст, барои як қатор давлатҳо ҳамчун намунаи ташкили ҳокимияти давлатӣ хизмат намуд.

Ҳамзамон, дар кишварҳои Аврупо модели дигари ташкили ҳокимияти давлатӣ яъне низоми парламентӣ густариши бештар пайдо кард. Намунаи классикии ин шакли идоракунӣ Британияи Кабир маҳсуб мешавад, ки дар он сарвари давлат мақоми рамзӣ ва намояндагӣ дошта, ҳокимияти иҷроия амалан аз ҷониби ҳукумат таҳти роҳбарии сарвазир амалӣ карда мешавад. Дар чунин низом ҳукумат дар назди парламент масъул буда, фаъолияти он таҳти назорати доимии мақомоти намояндагӣ қарор дорад.

Ҳамзамон, бояд ба назар гирифт, ки ташаккули ниҳоди президентӣ дар ин давлатҳо дар заминаҳои гуногуни сиёсиву ҳуқуқӣ сурат гирифтааст. Агар дар Фаронса мансаби Президент ҳамчун сарвари давлат дар доираи низоми ҷумҳуриявӣ таъсис ёфта бошад, дар Швейтсария ин ниҳод хусусияти хоси худро касб намуда, фаъолияти он ба принсипи роҳбарии дастаҷамъонаи ҳокимияти иҷроия асос ёфтааст. Аз ин рӯ, сарфи назар аз ҳамзамон таъсис ёфтани мансаби президент дар ин ду кишвар, мақом, салоҳият ва нақши он дар

механизми ҳокимияти давлатӣ дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошад, ки ба анъанаҳои конститутсионӣ ва модели идоракунии ҳар як давлат вобастагӣ дорад.

Муаҳаққиқ А. М. Родригес чуни ақида дорад, ки “Консепсияи сохтори конститутсионии ШМА ба ислоҳоти низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии дуюми Фаронса таъсири ҷиддӣ расонд. Дар натиҷа, дар Фаронса мансаби президенти интихобӣ таъсис ёфт, ки на танҳо мақоми олии ҳокимияти иҷроияро ишғол мекард, балки дорои як қатор ваколатҳои муҳим, аз ҷумла ташаббуси қонунгузорӣ, бастани шартномаҳои байналмилалӣ, авф, роҳбарии қувваҳои мусаллаҳ ва таъмини иҷрои қонунҳо низ буд” [38, с. 543]. Яъне, ба хулосае омадан мумкин аст, ки Президент дар Ҷумҳурии Фаронса наметавонист мустақилона ҳамаи ваколатҳои калидиро амалӣ намояд ва иҷрои онҳо ҳамоҳангӣ бо Маҷлиси миллӣ ва Шурои давлатӣ талаб мекард.

Муҳаққиқ В. А. Филиппов дар мақолаи худ чунин қайд менамояд, ки “Дар айни замон, мавқеи ҳуқуқӣ ва мақоми иҷтимоии нахустин президентҳои Фаронса ва Швейтсария ба таври назаррас фарқ мекард, ки ин фарқиятҳо аз роҳи хоси рушди сиёсию конститутсионии ин кишварҳо сарчашма мегирифтанд. Дар Швейтсария бошад, парлумон Маҷлиси федералӣ, ки аз ду палата (Шурои кантонҳо ва Шурои миллӣ) иборат аст, дар ҷаласаи муштарак ҳафт нафар аъзоро ба муҳлати се сол интихоб менамояд, ки онҳо Шурои федералиро мақоми олии ҳокимияти иҷроия ташкил медиҳанд” [97, с. 110]. Ба андешаи мо, таҷрибаи ташаккул ва рушди ниҳоди Президент дар Фаронса ва Швейтсария ба таври равшан нишон медиҳад, ки сарфи назар аз ҳамзамон таъсис ёфтани мансаби Президент дар ин кишварҳо, мақоми конститутсионӣ, ҳаҷми салоҳиятҳо ва нақши сиёсии он вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ ва анъанаҳои давлатдории миллӣ метавонанд ба таври назаррас аз ҳамдигар фарқ намоянд.

Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба модели швейтсарии ташкили ҳокимияти иҷроия аҳаммияти махсус дорад, зеро он аз шаклҳои анъанавии президентии идоракунӣ тафовути ҷиддӣ дорад. Маҳз ҳамин хусусият имкон медиҳад, ки

таҷрибаи мазкур ҳамчун намунаи хоси татбиқи принсипи коллегиалӣ дар фаъолияти ҳокимияти иҷроия арзёбӣ гардад.

Аз нигоҳи ҳаҷми ваколатҳо ва доираи масъулият, Президенти Шурои федералии Швейтсария нисбат ба дигар аъзои ин мақом дорои имтиёз ё салоҳиятҳои истисноии назаррас нест. Вай асосан вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ ва намояндагиро иҷро намуда, дар доираи принсипи коллегиалии фаъолияти ҳокимияти иҷроия амал мекунад.

Бо назардошти чунин хусусиятҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, метавон ба хулосае омад, ки модели швейтсарии президентӣ аз шаклҳои анъанавии идоракунии президентӣ фарқияти ҷиддӣ дорад. Аз ҳамин сабаб, тибқи андешаи Г. В. Дегтев, метавон хулоса кард, ки “дар Швейтсария шакли ба истилоҳ президентии коллективӣ амал мекунад, ки дар он ваколатҳои роҳбарӣ миёни як гурӯҳи шахсони мансабдор тақсим шудаанд” [19, с. 237].

Ба андешаи мо, таҳлили таҷрибаи таърихии ташаккул ва рушди ниҳоди президентӣ нишон медиҳад, ки густариши ин ниҳод хусусияти марҳилавӣ дошта, ба равандҳои амиқи сиёсию ҳуқуқии ҷаҳонӣ вобастагии зич дорад.

Дар марҳилаи ибтидоии ташаккули ниҳоди президентӣ, ба истиснои Фаронса ва Швейтсария, аксари давлатҳои Аврупо, инчунин қисми зиёди кишварҳои Осиё ва Африқо ҳанӯз шакли монархии идоракуниро нигоҳ медоштанд. Аз ин рӯ, дар ин давра мансаби президент бештар ҳамчун падидаи истисноӣ ва навоваронаи давлатдорӣ арзёбӣ мегардид.

Дар марҳилаи минбаъдаи рушди ниҳоди президентӣ вобаста аст ба таҳаввулоти сиёсӣ ва геополитикии асрҳои XIX–XX, зеро дар ин давра инқилобҳо, ҷангҳои ҷаҳонӣ, фурӯпошии империяҳо ба рушди давлатҳо таъсир расониданд. Ин омилҳо ба пайдоиши давлатҳои нави соҳибистиқлол ва ҷустуҷӯи шаклҳои нави ташкили ҳокимияти давлатӣ мусоидат намуда, боиси густариши ниҳоди президентӣ дар Аврупо, Осиё ва Африқо гардиданд. Дар натиҷа, сарфи назар аз гуногунрангии низомҳои сиёсӣ ва шаклҳои идоракунӣ, мансаби президент тадриҷан ба яке аз унсурҳои муҳимми сохтори

конститутсионии давлатҳои муосир, аз ҷумла дар баъзе кишварҳои сотсиалистӣ, табдил ёфт.

Марҳилаи нави рушди ниҳоди президентӣ бо таҳаввулоти сиёсию байналмилалии солҳои 1980–1990 ва ислоҳоти сиёсӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ алоқаманд мебошад. Тибқи андешаи муҳаққиқи рус Д.А. Лукашевич ба президент як қисми ваколатҳои Президиуми Шурои Олии ИҶШС вогузор гардид, аз ҷумла:

“ қабул намудани эътимодномаҳои намояндагони дипломатии хориҷӣ;

– таъин ва бозхонд кардани намояндагони дипломатии ИҶШС дар кишварҳои дигар ва созмонҳои байналмилалӣ;

– додани дараҷаҳои олии дипломатӣ ва ҳарбӣ;

– ҳал намудани масъалаҳои шаҳрвандӣ ва додани паноҳгоҳ;

– татбиқи авф;

– эълони сафарбаркунии умумӣ ё қисман ва ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ дар сурати таҳдиди низомӣ.

- ҷорӣн намудани сафарбаркунии умумӣ ё қисман, ҳолати ҷангӣ” [109, с. 83].

Аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки таъсиси мансаби Президент дар ИҶШС зери таъсири як силсила омилҳо, аз ҷумла буҳрони низоми сиёсӣ, зарурати такмили идоракунии давлатӣ, амиқ гардидани ислоҳоти демократӣ ва таҳкими ҳокимияти иҷроия сурат гирифтааст. Масалан, бархе муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки “ҷорӣ намудани ин мансаби давлатӣ ба зарурати ҳамоҳангсозии фаъолияти зинаҳои олии ҳокимияти давлатӣ вобаста буд. Ин вазифа қаблан аз ҷониби Ҳизби Коммунистӣ иҷро мешуд ва бо коҳиш ёфтани нақши он як навъ холигии ҳокимият ба миён омад, ки бояд бо роҳи таъсиси ниҳоди президентӣ пур карда мешуд” [42, с. 8-9].

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми зарурат ва талаботи сиёсӣ ба таъсиси ниҳоди президентӣ дар шароити тавсифшуда он аст, ки дар бисёре аз ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва ҳатто бархе ҷумҳуриҳои мухтор ин мансаб ҳанӯз дар давраи мавҷудияти ИҶШС ҷорӣ гардида буд.

Фурӯпошии ИҶШС ва дигар давлатҳои сотсиалистӣ ба тағйироти куллӣ дар сохтори ҳокимияти давлатӣ оварда расонд. Дар ин замина, аксари давлатҳои нав истиқлолият бадастоварда, мансаби Президентро ҳамчун ниҳоди муҳимми сиёсӣ таъсис дода, онро ба мақоми олии сарвари давлат табдил доданд. Ҷорӣ гардидани ин мансаб ба зарурати ташаккули низоми нави идоракунии давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими ҳокимияти иҷроия ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ вобаста буд. Ба андешаи мо, ҷорӣ намудани ниҳоди президентӣ ба сохтори ҳокимияти давлатӣ наметавонад танҳо бо заруратҳои фаврии сиёсӣ тавзеҳ дода шавад. Таҳлили таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки интихоби шакли муайяни ҳокимияти президентӣ натиҷаи таъсири омилҳои сершумори таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад.

Модели ташкили ҳокимияти президентӣ дар ҳар як кишвар бо дарназардошти хусусиятҳои рушди таърихӣ, анъанаҳои давлатдорӣ, сатҳи ташаккули ниҳодҳои демократӣ, фарҳанги сиёсӣ ва хусусиятҳои низоми ҳуқуқии он муайян карда мешавад.

Дар фазои пасошуравӣ раванди таъсис ва таҳкими конститутсионии ниҳоди президентӣ хусусияти мураккаб ва ғайрияксон дошт. Дар ҳар як давлат ин раванд вобаста ба вазъи сиёсӣ, хусусиятҳои гузариш ба низоми нави давлатдорӣ ва сатҳи рушди ниҳодҳои демократӣ бо сенарияҳои гуногун амалӣ гардид.

В.М. Котсов бар чунин андеша аст, ки “Барои ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ ниҳоди президентӣ падидаи чандон шинохташуда набуд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медод, ки чунин мансаб дар давлатҳои дорои шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ вуҷуд дошта, дар он Президент вазифаи сарвари ҳокимияти иҷроияро иҷро менамояд. Дар сурати интихоб гардидани Президент тавассути раъйпурсии умумихалқӣ, ӯро метавон ҳамчун пешвои миллат арзёбӣ кард. Таърихи сиёсии ҷумҳуриҳои пасошуравӣ, ки истиқлолият ба даст оварда буданд, махсусан дар даҳсолаи аввали мавҷудияти худ, аз намунаҳои зиёди манфӣ иборат аст. Албатта, сабабҳои чунин ҳолат гуногун буда, онҳо аз

маҷмуии омилҳои объективӣ ва субъективӣ, ки вазъи ҳар як ҷумҳуриро муайян мекарданд, сарчашма мегирифтанд” [73, с. 420]. Ба андешаи мо, муаллиф ташаккули ниҳоди президентиро дар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ ҳамчун натиҷаи зарурати ташаккули давлатдории нав ва ҷустуҷӯи модели самараноки идоракунии давлатӣ арзёбӣ намуда, ҳамзамон таъкид мекунад, ки интихоботи умумӣ худ аз худ ба мутамарказшавии мутлақи ҳокимият намеоварад.

Ҳамзамон, сарфи назар аз фарқиятҳои мавҷуда, бисёре аз конститутсияҳои давлатҳои пасошуравӣ дар даврaҳои наздики таърихӣ қабул гардида, зимни таҳияи онҳо таҷрибаи ҳамдигар ва намунаҳои давлатҳои хориҷӣ ба таври васеъ истифода шуданд. Ба ақидаи В.А. Филиппов, “Конститутсияи амалкунандаи ин давлат 15 марти соли 1994 аз ҷониби парлумон қабул гардида буд. Бо вуҷуди ин, аллакай моҳи ноябри соли 1996 дар натиҷаи баргузории раъйпурсии умумихалқӣ аксарияти шаҳрвандон аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия ҷонибдорӣ намуданд, ки дар натиҷа салоҳиятҳои Президенти давлат ба таври назаррас густариш ёфтанд” [97, с. 112-113]. Ба андешаи мо ин таҷриба аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давлатҳои пасошуравӣ раванди таҳаввули ниҳоди президентӣ бо ҷустуҷӯи модели муассири мувозинати байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва таъмини суботи сиёсӣ алоқаманд мебошад. Ба зиммаи Президент вазифаҳои муҳимми таъмини суботи сиёсӣ ва иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва таъмини ҳамкории самараноки онҳо вогузор гардидааст. Дар ин замина, Президент ҳамчун миёнрав миёни шохаҳои гуногуни ҳокимият низ амал мекунад.

Ю.А. Куликова дар заминаи таҳлили салоҳиятҳои конститутсионии Президенти Ҷумҳурии Беларус ба чунин хулоса меояд, ки “ин ниҳод дорои ваколатҳои фарох ва таъсиргузор буда, ба сарвари давлат имконият медиҳад, ки назорати муассирро бар фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия амалӣ намояд. Ин хусусият имкон медиҳад, ки модели конститутсионии Беларус ба гурӯҳи низомҳое мансуб дониста шавад, ки дар онҳо мақоми Президент дар

механизми идоракунии давлатӣ нақши калидӣ ва муайянкунанда дорад” [136, с. 104-105].

Таърихи ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита бо давраи истиқлолият алоқаманд буда, дорои хусусиятҳои хоси рушди худ мебошад. Бе муболиға метавон гуфт, ки оғози ҳуқуқии ташаккули ин ниҳод ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1991 «Дар бораи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» рост меояд. Дар он доираи ваколатҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти ниҳоди президентӣ ба таври мушаххас муайян гардида, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти он дар низоми ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда шуданд. Дар натиҷа, таъсиси ниҳоди президентӣ на танҳо ба ворид гардидани ин ниҳод ба низоми сиёсию ҳуқуқии давлат мусоидат намуд, балки барои таҳкими самаранокии идоракунии давлатӣ, баланд бардоштани нақши ҳокимияти иҷроия ва тақвияти иқтидори институтсионалии давлат низ заминаҳои устувори ҳуқуқиро фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, муқаррар намудани мақоми конститутсионии президентро метавон ҳамчун яке аз омилҳои калидии такмили механизми ҳокимияти давлатӣ ва таҳкими суботи сиёсию ҳуқуқӣ арзёбӣ намуд.

Ба андешаи мо, бо дарназардошти хусусиятҳои ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ, инчунин дар шароити гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми нави муносибатҳои сиёсӣ ниҳоди Президент ҳамчун унсури калидии механизми ҳокимияти давлатӣ мавқеи хос касб намудааст. Гарчанде таърихи ташаккули ин ниҳод дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан кӯтоҳ аст, он аз лиҳози мазмун, аҳаммияти сиёсиву ҳуқуқӣ ва нақш дар таъмини суботи давлатӣ ба яке аз ниҳодҳои калидии давлатдорӣ табдил ёфтааст.

Муҳаққиқи ватанӣ М.У. Хидирзода дар масъалаи марҳилаҳои таърихии ташаккули ниҳоди пешвоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор андешаҳои назариявиро пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, барои мавзӯи таҳқиқоти мазкур андешаи зерини ӯ аҳаммияти махсус дорад: “Ниёзи иҷтимоӣ дар шароити рушди равандҳои сиёсӣ боз ҳам бештар мегардад, зеро дар чунин вазъият нигоҳ доштани субот ва тавозун дар муносибатҳои байни давлат ва ҷомеа

аҳаммияти калидӣ касб мекунад. Ба ибораи дигар, ҷомеа ба рушди босубот эҳтиёҷ пайдо мекунад. Чунин вазъият ҷомеаро водор месозад, ки ба шахсияте такя намояд, ки тавонад ин арзишҳоро ҳифз ва таҳким бахшад” [47, с. 12]. Ба андешаи мо, ин мавқеъ асоснок буда, исбот менамояд, ки ин ниҳод ҳамчун посух ба ниёзи ҷомеа ба суботи сиёсӣ ва рушди устувор ташаккул меёбад

Муҳаққиқ В.А. Филиппов чунин андеша дорад, ки “Тамоюлҳои ҷаҳонии демократӣ гардонидани низомҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин зарурати такмили механизми идоракунии давлатӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, ба амалисозии ислоҳоти сохтории ҳокимияти давлатӣ мусоидат намуданд” [97, с. 113]. Ба андешаи мо маҳз дар ҳамин замина мансаби Президент дар солҳои аввали истиқлол ҳамчун унсури муҳимми низоми сиёсию ҳуқуқии кишвар таъсис ёфта, барои таъмини ягонагии ҳокимияти давлатӣ, таҳкими суботи сиёсӣ ва рушди минбаъдаи давлатдорӣ заминаи зарурӣ фароҳам овард. Яъне ташаккул ва рушди ниҳоди Президент, пеш аз ҳама, ба афзоиши талаботи ҷомеа ба шаклҳои муосир, самаранок ва демократии идоракунии давлатӣ вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, ташаккули ниҳоди президентиро метавон ҳамчун натиҷаи мантиқии рушди давлатдории миллӣ ва ҷавоби оналӣ ба ниёзҳои воқеии ҷомеа дар шароити гузариш ба низоми нави сиёсиву ҳуқуқӣ арзёбӣ намуд. Илова бар ин, баррасии таҷрибаи таърихии кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки мансаби Президент дорои хусусияти тағйирёбанда буда, ҳам аз лиҳози мақоми давлатӣ ва ҳам аз ҷиҳати шаклу ҳаҷми салоҳиятҳои амалӣ бо мурури замон такмил меёбад. Дар шароити кунунии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, сарфи назар аз мураккаб гардидани вазъи геополитикӣ, арзишҳои демократӣ ҳамоно аҳаммияти калидии худро нигоҳ доштаанд.

Таҷрибаи давлатдории муосир нишон медиҳад, ки аксари кишварҳои ҷаҳон шакли идоракунии ҷумҳуриявиро интихоб намудаанд. Дар доираи чунин низом ниҳоди президентӣ яке аз унсурҳои муҳимми сохтори сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, таҳқиқи пайдоиш, ташаккул ва марҳилаҳои рушди ин ниҳод барои дарки моҳият, нақш ва ҷойгоҳи он дар

низоми сиёсии давлатҳои муосир аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад [63, с. 23-26].

Яке аз хусусиятҳои умумии ниҳоди президентӣ интихобшаванда будани сарвари давлат ва маҳдудияти муҳлати ваколатҳои ӯ мебошад. Дар айни замон моделҳои гуногуни ҳокимияти президентӣ амал мекунанд, ки вобаста ба хусусиятҳои сохтори конститутсионии кишварҳо бо тарзҳои мухталиф муайян гардидаанд. Масалан, дар баъзе давлатҳо Президент ҳамчун сарвари давлат эътироф мешавад, аз ҷумла дар Беларус ва Русия. Дар ШМА ӯ ҳамзамон сарвари ҳокимияти иҷроия мебошад. Дар Фаронса бошад, Президент ҳамчун танзимкунанда ва «ҳакам»-и фаъолияти мақомоти давлатӣ баромад мекунад. Ҳамзамон, дар баъзе кишварҳо мақоми конститутсионии сарвари давлат ба таври мустақим муайян карда нашудааст. Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз ҷумлаи чунин давлатҳо ба ҳисоб меравад.

Тавре таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, нахустин давлате, ки шакли классикии идоракунии президентиро ҷорӣ намуд, ШМА буд. То қабули ин модел, ваколатҳои қонунгузорӣ ва иҷроия дар доираи Конгресси Континенталӣ мутамарказ гардида, дар сохтори ҳокимияти давлатӣ мансаби ягонаи сарвари давлат вуҷуд надошт. Конгресс аз ҳайати худ шахсеро бо унвони президент интихоб мекард, аммо ваколатҳои ӯ асосан ба роҳбарии ҷаласаҳо маҳдуд мешуданд. Таҷриба нишон дод, ки чунин низом самаранок нест, зеро механизми иҷрои қарорҳо заиф буд.

Дар ҳамин замина, масъалаи таъмини тавозуни самараноки байни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва пешгирӣ намудани тамаркузи аз ҳад зиёди қудрат аҳаммияти махсус пайдо намуд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар зарурати ҷудо намудани ҳокимияти қонунгузор аз ҳокимияти иҷроия ба миён омад. Ин масъала дар ҷараёни фаъолияти Конвенти конститутсионии соли 1787, ки дар шаҳри Филаделфия баргузор гардид, мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гирифт. Вакилон дар ҷустуҷӯи чунин модел буданд, ки на ба анархия ва на ба монархия оварда расонад. Пас аз баҳсҳои тулонӣ онҳо ба хулоса омаданд, ки

таъсиси мансаби Президенти ШМА ҳамчун сарвари ягонаи ҳокимияти иҷроия роҳи оптималӣ мебошад.

Қабули Конститутсияи соли 1787 марҳилаи муҳимми ташаккули низоми давлатии ШМА ба шумор меравад. Ин санад, ки дар таҳияи он нақша ва андешаҳои Ҷеймс Медисон нақши муҳим доштанд, шакли ҷумҳуриявии идоракуниро расман муқаррар намуд. Тибқи муқаррароти он, президент мақоми сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроияро соҳиб гардида, дар низоми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи марказӣ касб намуд. Дар натиҷа, модели амрикоии президентӣ ҳамчун намунаи мустақили ташкили ҳокимияти давлатӣ ташаккул ёфт.

Тибқи моддаи II, қисми 1 Конститутсияи ШМА, ҳокимияти иҷроия ба Президент вогузор мешавад. Дар айни замон, дар ин санад дар бораи мавҷудияти дигар мақомоти мустақили шохаи иҷроия ба таври мустақим зикр нашудааст. Президент ба Конгресс ҳисоботдиҳанда нест ва масъулияти сиёсии ӯ, пеш аз ҳама, дар назди шаҳрвандон ифода меёбад. Ҳамин тавр, дар шароити амалишавии принсипи тақзияи ҳокимияти давлатӣ Президент ҳамчун субъекти мустақили сиёсӣ баромад намуда, бо дигар шохаҳои ҳокимият ҳамкорӣ мекунад.

Ба андеаши И.О. Лошкарев, “Бо вуҷуди ин, ҳокимияти Президенти ШМА мутлақ ба ҳисоб намеравад. Конгресс ва Суди Олии ШМА ба ӯ тобеъ нестанд, балки ҳамчун шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ фаъолият менамоянд. Муносибати байни ин шохаҳо дар асоси принсипи тақсими ҳокимият ташкил ёфта, тавассути низоми боздоранда ва мувозинат таъмин карда мешавад” [81, с. 78]. Ба андешаи мо, чунин тарзи ташаккули ҳокимияти давлатӣ барои ҳамон давра падидаи нав ва пешқадам ба ҳисоб мерафт, зеро он аз даст кашидан аз принсипи меросияти ҳокимият ва гузариш ба шаклҳои демократии ташкили давлатдорӣ шаҳодат медод. Аз ин лиҳоз, ҷорӣ гардидани низоми интихобии ташаккули ҳокимияти олӣ дар ШМА дар рушди минбаъдаи ғояҳои ҷумҳуриявӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ нақши муҳим бозид.

Маҳз ҳамин хусусият модели амрикоии президентиро аз шаклҳои анъанавии идоракунии монархӣ фарқ намуда, барои ташаккули низомҳои муосири президент дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон заминаи мусоид фароҳам овард

Ҳамин тариқ, принсипи интихобшавандагии сарвари давлат ба сифати яке аз арзишҳои бунёдии давлатдории демократӣ баромад намуда, дар рушди минбаъдаи ниҳодҳои намояндагӣ, таҳкими иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ ва ташаккули моделҳои муосири ҳокимият нақши калидӣ бозид.

Тибқи моддаи II, қисми 1-и Конститутсияи ШМА, низоми ғайримустақими интихоботи Президент муқаррар гардида, татбиқи он ба зиммаи коллегияи махсуси интихобкунандагон вогузор карда шуд [12, м. 2қ1].

Мутобиқи низоми мазкур, шаҳрвандон на ба ҷонибдории номзад ба мансаби президентӣ, балки барои ҳайати интихобкунандагон овоз медиҳанд. Дар навбати худ, маҳз ҳамин ҳайат ваколати интихоби сарвари давлатро амалӣ менамояд.

Ҷорӣ намудани чунин механизм бо зарурати таъмини тавозуни манфиатҳои федератсия ва штатҳо, пешгирӣ намудани тамаркузи аз ҳад зиёди таъсири сиёсӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди интихоботи президентӣ асоснок карда мешуд.

Дар ҷараёни фаъолияти Конвенти конститутсионӣ масъалаи муайян намудани муҳлати ваколати президент яке аз мавзуъҳои баҳсталаб ба ҳисоб мерафт. Вакилон оид ба давомнокии ваколатҳои сарвари давлат мавқеи ягона надоштанд ва пешниҳодҳои гуногун, аз ҷумла аз ҳафт то дувоздаҳ сол, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Бо вуҷуди ин, ин пешниҳодҳо ҷонибдории зарурирo пайдо накарданд.

Дар натиҷаи муҳокимаҳои тулонӣ ҷонибҳо ба созиш расиданд ва муҳлати ваколати Президенти ШМА чор сол муқаррар гардид.

Таҷрибаи ташаккулёфтаи модели президентии амрикоӣ минбаъд ба рушди давлатдории як қатор кишварҳои дигар таъсири назаррас расонид. Аз

ҷумла, давлатҳои Амрикои Лотинӣ тадриҷан шакли президентии идоракуниро қабул намуданд. Бо вуҷуди ин, татбиқи ин модел дар кишварҳои минтақа хусусияти хоси худро дошт.

Модели президентии амрикоӣ дар ин давлатҳо ба таври механикӣ нусхабардорӣ нашуда, бо дарназардошти омилҳои таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва анъанаҳои давлатдории миллӣ мутобиқ карда шуд.

Ба андешаи муҳаққиқ А. В. Жабров, “Дар нимаи аввали асри XIX мансаби президент дар ин давлатҳо таҳти таъсири мустақими таҷрибаи амрикоӣ ва омилҳои геополитикӣ ҷорӣ гардид. Бо вуҷуди шабоҳатҳои умумӣ, ҷумҳуриҳои президентии Амрикои Ҷанубӣ аз ибтидо дорои хусусиятҳои хоси худ буданд. Аз ҷумла, ба онҳо сатҳи баланди мутамарказгардонии ҳокимияти давлатӣ, рушди густурдаи ниҳодҳои ҳолатҳои фавқулода ва, дар баъзе мавридҳо, бартарии усулҳои ғайридемократӣ дар расидан ба ҳокимият хос буд”[66, с. 89]. Ба андешаи мо, таҷрибаи давлатҳои Амрикои Лотинӣ нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити қабули модели ягонаи конститутсионӣ, хусусиятҳои миллӣ ва омилҳои дохилисиёсӣ метавонанд ба мазмун ва амалияи татбиқи ниҳоди президент таъсири ҷиддӣ расонанд.

Дар Аврупо нахустин ҷумҳуриҳои президентӣ соли 1848 дар Фаронса ва Швейтсария ташаккул ёфтанд. Ҳамзамон ба вуҷуд омадани ин шаклҳои идоракунӣ, онҳо аз рӯи хусусиятҳои сохторӣ ва тарзи ташкили ҳокимияти давлатӣ аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Пайдоиши чунин низомҳо бештар ба хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии рушди ҳар як кишвар вобаста буд ва на ба таъсири мустақими мутақобилаи онҳо.

Тибқи муқаррароти Конститутсияи Конфедератсияи Швейтсария аз соли 1848, Президенти Конфедератсия аз ҳисоби аъзои Шурои Федералӣ дар ҷаласаи муштараки палатаҳои Маҷлиси Федералӣ ба муҳлати як сол интихоб мегардид. Шахси интихобшуда метавонист пас аз гузаштани на камтар аз як сол дубора ба ин вазифа интихоб шавад ва дар ин самт маҳдудият оид ба шумораи муҳлатҳо пешбинӣ нашуда буд. Дар баробари ин, Президенти Конфедератсия нисбат ба дигар аъзои Шурои Федералӣ дорои ваколатҳои

истисноӣ набуда, фаъолияти худро дар асоси принсипи коллегиалии идоракунӣ амалӣ менамуд.

Ҷумҳурии дуюми Фаронса тибқи Конститутсияи соли 1848 эълон гардид. Дар моддаи 43-и он пешбинӣ шуда буд, ки мардуми Фаронса иҷрои ҳокимияти иҷроияро ба як шахси ягона вогузор менамояд. Муҳаққиқ В. А Филиппов ба чунин хулоса меояд, ки "Президенти интихобшуда метавонист на бештар аз чор сол вазифаи худро иҷро намояд ва ҳуқуқи интихоб шудан ба давраи дуюмро танҳо баъд аз гузаштани чор сол аз анҷоми ваколатҳои аввал соҳиб гардад" [97, с. 109].

Дар оғоз, салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии дуюми Фаронса аз ҷониби Маҷлиси муассис бо такя ба таҷрибаи Президенти ШМА муайян карда шуда буданд. Ӯ дорои ваколатҳои васеи мансабӣ буд: метавонист ташаббуси қонунгузорӣ нишон диҳад, дар сурати норозигӣ қонунро барои баррасии такрорӣ ирсол намояд, қонунҳоро расман эълон кунад, инчунин хизматчиёни давлатиро аз ҷумла мансабдорон, вазирон ва фармондеҳони низомиро таъин намояд.

Дар марҳилаи баъдӣ, аъзои Маҷлиси муассис бо мақсади маҳдуд намудани тамаркузи ҳокимият дар дасти сарвари давлат доираи салоҳиятҳои Президенти Фаронсаро то андозае коҳиш доданд. Аз ҷумла, Президент ҳуқуқ надошт нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳуқуқи вето татбиқ намояд, шахсан роҳбарии қуввaҳои мусаллаҳро ба зимма гирад, мустақилона ҷанг эълон кунад ё бидуни ризоияти Маҷлиси муассис шартномаҳои байналмилалиро ба имзо расонад. Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳои мазкур натавонистанд кишварро аз паёмадҳои манфии тамаркузи салоҳиятҳои васеъ дар ихтиёри сарвари давлат пурра эмин нигоҳ доранд.

Дар нахустин интихоботи президентии Фаронса ба мансаби сарвари давлат Людовик-Наполеон Бонапарт интихоб гардид, ки зиёда аз се ду ҳиссаи интихобкунандагон ба ҷонибдории ӯ овоз доданд. Пас аз ба вазифа шурӯъ намудан, ӯ аз Маҷлиси миллӣ додани ҳуқуқи таъин ва озод намудани вазиронро талаб кард. Ин иқдом аз он шаҳодат медод, ки Президент кӯшиш

дорад нақши худро дар низоми ҳокимияти давлатӣ густариш дода, ҳокимияти иҷроияро таҳти назорати мустақими худ қарор диҳад. Шиддат гирифтани ихтилофоти сиёсӣ байни Президент ва Маҷлиси миллӣ дар ниҳоят ба буҳрони конститутсионӣ оварда расонид. Дар шаби аз 1 ба 2 декабри соли 1851 табаддулоти давлатӣ ба амал омад, ки дар натиҷаи он Маҷлиси миллӣ пароканда гардида, роҳбарони он боздошт шуданд. Дар пайи ин рӯйдодҳо ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия амалан дар дасти сарвари давлат мутамарказ гардид. Баъдан, 2 декабри соли 1852, Наполеони III расман бо унвони Император эълон шуда, Ҷумҳурии дуюми Фаронса ба низоми императорӣ табдил ёфт [41].

Ҳамин тариқ, вогузории ваколатҳои васеъ ба Президенти Ҷумҳурии дуюми Фаронса, дар шароити нокифоя будани механизмҳои боздорӣ ва мувозинати ҳокимият, барои тамаркузи ҳокимияти давлатӣ дар дасти сарвари давлат замина фароҳам овард.

Таҷрибаи татбиқи модели президентии амрикоӣ дар Фаронса нишон дод, ки интиқоли мустақими унсурҳои низоми сиёсии як кишвар ба муҳити дигари сиёсӣ ва ҳуқуқӣ на ҳамеша натиҷаҳои пешбинишударо ба бор меорад. Набудани мутобиқсозии зарурӣ ба хусусиятҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Фаронса ба яке аз омилҳое табдил ёфт, ки ба буҳрони конститутсионӣ, барҳам хӯрдани Ҷумҳурии дуюм ва барқарор гардидани шакли императории идоракунӣ мусоидат намуд.

Дар натиҷаи ин равандҳо шумораи зиёди давлатҳои мустақил ба вуҷуд омаданд. Гарчанде ки на ҳамаи онҳо шакли ҷумҳуриявии президентии идоракуниро интихоб карданд, аксари кишварҳои навтаъсис таъсиси мансаби сарвари давлатро ҳамчун унсури муҳимми низоми сиёсӣ пешбинӣ намуданд.

Дар нимаи аввали асри XX, махсусан дар солҳои 1930–1940, раванди густариши ниҳоди президентӣ аз доираи қитъаи Аврупо берун рафта, кишварҳои Осиёро низ фаро гирифт. Ин раванд аз афзоиши аҳаммияти ниҳоди сарвари давлат дар низомҳои нави сиёсӣ ва ҷустуҷӯи шаклҳои муассири ташкили ҳокимияти давлатӣ шаҳодат медод. Дар ин давра мансаби Президент

дар давлатҳое чун Лубнон, Сурия ва Филиппин таъсис дода шуд. Тавсеаи ниҳоди президент дар асри ХХ нишон дод, ки ин ниҳод тадриҷан ба яке аз унсурҳои муҳимми давлатдории муосир табдил ёфта, шакл ва ваколатҳои он вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳар як кишвар муайян мегарданд

Дар ҳамин давра, маҳз дар кишварҳои Африқо раванди густариши васеи мансаби сарвари давлат оғоз ёфт. Дар ҷараёни суқути низоми мустамликадорӣ бисёре аз кишварҳои африқоӣ тавонистанд истиқлоли худро ба даст оранд.. Бо вуҷуди ин, дар аксари ҳолатҳо онҳо дар бисёр мавридҳо шаклҳои идоракунӣ ва ниҳодҳои давлатдориро, ки то давраи истиқлолият амал мекарданд, нигоҳ доштанд.

Ба андешаи С.В. Пушкарев, чунин ҳолат ин тавр баён шудааст: “Ин ҳолат, аз як тараф, ба маҳдуд будани таҷрибаи сиёсии элитаҳои миллӣ вобаста буд, аммо аз ҷониби дигар, ҳатто ворид намудани баъзе унсурҳои демократияи намояндагӣ натавонист таъсири қавии анъанаҳои маҳаллии иҷтимоӣ, динӣ ва қабилавиро коҳиш диҳад” [88, с. 92]. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин хусусиятҳои сохтори ҷомеа сабаби асосии пайдоиши ихтилофоти мазҳабӣ ва байнитоифавӣ гардида, дар бисёр мавридҳо ба табаддулотҳои низомӣ замина фароҳам оварданд. Дар бисёр мавридҳо роҳбарони чунин табаддулотҳо фавран ба сифати сарвари давлат эътироф мегардиданд, дар ҳоле ки раванди интихоботи онҳо қариб ҳеҷ унсури демократиро дар бар намегирифт. Дар шароити низоми якҳизбӣ интихоботи сарвари давлат, одатан, бидуни рақобати воқеӣ баргузор мешуд. Аз ин рӯ, дар бархе кишварҳои Африқо президентҳо ҳатто бе интихоботи умумимиллӣ ё овоздиҳии умумихалқӣ ба сари қудрат меомаданд, ки ин яке аз нишонаҳои равшани режимҳои авторитарӣ ва ҳатто тоталитарӣ ба ҳисоб мерафт.

Пас аз анҷоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дар Аврупо низ як қатор давлатҳо шакли ҷумҳуриявии идоракуниро қабул намуда, мансаби президентро таъсис доданд. Аз ҷумла, ба чунин кишварҳо Италия, Малта ва Юнон дохил мешаванд. Дар Осиё бошад, мансаби президент дар кишварҳое чун

Ҳиндустон, Кореяи Ҷанубӣ, Тайван, Ветнами Ҷанубӣ, Бангладеш, Эрон, Покистон, Ироқ ва Афғонистон ҷорӣ гардид.

Ба андешаи В. А. Филиппов, “Ниҳоди президент на танҳо дар кишварҳои капиталистӣ ва дар ҳоли рушд, балки дар як қатор давлатҳои дорои таҷрибаи сотсиалистӣ низ пайдо шуд. Аз ҷумла, чунин мансаб дар Ҷумҳурии Федеративии Сотсиалистии Югославия, Ҷумҳурии Сотсиалистии Чехословакия, Ҷумҳурии Сотсиалистии Руминия ва Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея таъсис дода гардид” [97, с. 111]. Ба назари мо, таҷрибаи рушди давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки ниҳоди президентӣ хусусияти универсалӣ надорад ва ҳамчун падидаи динамикии сиёсӣ зери таъсири омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мунтазам тағйир меёбад. Аз ин рӯ, ҳар як кишвар ин ниҳодро бо дарназардошти анъанаҳои давлатдорӣ ва хусусиятҳои низоми сиёсии худ ташаккул медиҳад.

Дар кишварҳои дорои низоми демократӣ, мансаби президент, одатан, бо интихоботи озод, рақобатнок ва шаффоф алоқаманд мебошад. Баръакс, дар режимҳои авторитарӣ ва тоталитарӣ, ин мансаб метавонад ба воситаи мутамарказсозии қудрат ва маҳдуд намудани озодиҳои шаҳрвандон табдил ёбад.

Ҳамзамон, вазифаҳо ва доираи салоҳиятҳои президент дар кишварҳои гуногун яксон нестанд. Дар баъзе давлатҳо ӯ на танҳо сарвари давлат, балки роҳбари ҳокимияти иҷроия низ ба ҳисоб меравад, дар ҳоле ки дар кишварҳои дигар фаъолияти ӯ, асосан, хусусияти намояндагӣ ва рамзӣ дорад. Дар бархе низомҳои сиёсӣ ба зиммаи президент вазифаҳои таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ вогузор карда мешаванд. Бо ҳамин, таъсири ниҳоди президентӣ ба рушди сиёсати дохилӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар кишварҳо назаррас ва бисёрҷанба боқӣ мемонад [61, с. 279-274].

Дар кишварҳои лагери сотсиалистӣ модели махсуси ташкили ҳокимияти давлатӣ ташаккул ёфт, ки хусусиятҳои он аз ҷойгоҳ ва нақши роҳбарони ҳизбӣ

дар низоми сиёсӣ сарчашма мегирифт. Ҳамзамон, дар ин давлатҳо принсипи идоракунии дастаҷамъона низ нигоҳ дошта мешуд. Дар натиҷаи омезиши роҳбарии ҳизбӣ ва идоракунии давлатӣ шакли хоси ташкили ҳокимият ба вуҷуд омад.

Моҳияти ин низом дар он ифода меёфт, ки роҳбари сиёсӣ ваколатҳои худро на мустақилона, балки дар ҳамбастагӣ бо мақомоти давлатӣ, ки тибқи қонун таъсис ёфта, аз ҷониби мақомоти намояндагӣ муайян мегардиданд, амалӣ менамуд.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи сиёсӣ нишон медиҳад, ки дар баъзе даврaҳо роҳбарии давлат ва ҳизб дар дасти як шахс мутамарказ гардида, нақши воқеии сарвари сиёсӣ аз доираи ваколатҳои расмии ӯ фаротар мерафт.

Шакли дигари ғайримуқаррарии ташкили ҳокимияти президентӣ дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея мушоҳида мешавад. Дар ин кишвар низоми ташкили ҳокимият баъзе хусусиятҳои хоси низомҳои монархиро дар бар гирифта, дар амал тамоюли меросӣ шудани роҳбарии сиёсӣ ба назар мерасад.

Аз ин рӯ, дар ҷаҳони муосир шаклҳои гуногуни ташкили ҳокимияти давлатӣ амал мекунанд. Дар як қатор давлатҳо низоми парламентӣ ҳукмрон аст, дар ҳоле ки гурӯҳи дигари кишварҳо модели президентии идоракуниро интихоб намудаанд. Ҷумҳурии Халқии Чин бошад, бо назардошти хусусияти якҳизбии низоми сиёсӣ, расман ба принсипи идоракунии дастаҷамъона такя мекунад.

Ниҳоди президентӣ роҳи тулонии таърихиро тай намуда, натиҷаи эволютсияи тадриҷии афкори сиёсӣ ва маҷмуии омилҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Бешубҳа, он ба андешаи назарияи тақсимоти ҳокимият, ки аз ҷониби Ҷон Локк (1632–1704) ва Шарл-Луи Монтескё (1689–1755) пешниҳод гардидааст, такя мекунад.

Имрӯз ниҳоди президентӣ тақрибан дар 130–140 кишвари ҷаҳон амал мекунад ва аҳаммияти он барои ҷомеаҳо рӯ ба афзоиш аст. Президент ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ, намояндаи давлат ва ҳомии манфиатҳои шаҳрвандон

ҳам дар дохил ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ баромад намуда, барои муайян ва татбиқи самтҳои асосии рушди давлат ва равандҳои сиёсии ҷомеа масъулияти сиёсро ба зимма дорад.

Ҳамин тавр, аз асрҳои миёна то имрӯз анъанаи мавҷудияти сарвари ягонаи давлат ба мо расидааст. Дар ибтидо ин нақшро подшоҳ (монарх) иҷро мекард. Бо пайдоиши шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ дар як қатор кишварҳо, вазифаи сарвари давлат ба президент (раис) вогузор гардид. Дар айни замон, дар давлатҳои гуногун шаклҳои мухталифи ин ниҳод амал мекунанд. Аз ҷумла, метавон шаклҳои зеринро ҷудо намуд:

1. Монархияи ирсӣ, ки дар он сарвари давлат мақомро аз рӯи мерос соҳиб мешавад (Британияи Кабир, Ҷопон, Испания, Нидерландия, Марокаш);
2. Монархияе, ки дар он сарвари давлат аз ҷониби сулолаи ҳукмрон таъин мегардад (Арабистони Саудӣ);
3. Монархияи федеративии интихобӣ, ки дар он сарвари давлат аз ҷониби ҳокимони воҳидҳои федератсия аз миёни худ барои муҳлати муайян интихоб мешавад (Малайзия, Аморати Муттаҳидаи Араб);
4. Президент, ки тавассути интихоботи умумихалқӣ, парламент ё мақоми намояндагӣ барои муҳлати муайян интихоб мегардад (ШМА, Олмон, Тоҷикистон);
5. Мақоми коллегиалӣ, ки аз ҷониби парламент ба муҳлати муайян интихоб мешавад (масалан, Куба);
6. Роҳбари ҳукумат, ки ҳамзамон вазифаҳои сарвари давлатро иҷро мекунад (дар баъзе воҳидҳои федералии Олмон);
7. Намояндаи подшоҳи Британияи Кабир дар давлатҳои дорои мақоми . . доминион (масалан, Канада, Австралия ва ғайра);
8. Роҳбари давлат, ки бо роҳи ғайриқонунӣ ба ҳокимият расида, онро аксаран бемуҳлат нигоҳ медорад.

Ба андешаи В.А. Филиппов “Мафҳуми президент дар ҷумҳуриҳои қадимаи Юнони Қадим ва Рими Қадим, инчунин дар ҷумҳуриҳои нахустини буржуазии Британияи Кабир ва Нидерландия ба маъное, ки имрӯз ҳамчун

сарвари давлат фаҳмида мешавад, истифода намегардид” [97, с .110]. Танҳо дар ШМА ин истилоҳ мазмуни муосири худро пайдо кард, ки дар доираи он як шахс ҳамзамон вазифаҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳукуматро иҷро менамояд.

Масъалаи таъсиси мансаби президент бори нахуст соли 1787 дар шаҳри Филаделфия зимни фаъолияти Конвенти конститутсионӣ ва таҳияи Конститутсияи нави Штатҳои Муттаҳида мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифт. То ин давра шакли монархии идоракунӣ дар аксари давлатҳо ҳукмфармо буда, бо хусусиятҳое чун меросӣ будани ҳокимияти олӣ, ҳукмронии якумрӣ ва ваколатҳои васеи қариб номаҳдуд тавсиф мешуд. Бо вуҷуди ин, чунин низоми ташкили ҳокимияти давлатӣ барои иёлатҳои Амрикои Шимолӣ қобили қабул набуд.

Пас аз таҷрибаи ШМА, кишварҳои Амрикои Лотинӣ низ шакли президентии идоракуниро қабул намуданд ва баъдан ин раванд тадриҷан ба Аврупо низ паҳн гардид. Аввалин кишварҳои аврупоӣ, ки соли 1848 мансаби Президентро ҷорӣ карданд, Фаронса ва Швейтсария буданд. Дар дигар кишварҳои Аврупо, инчунин дар аксари давлатҳои Осиё ва Африқо, то охири асри XIX шакли монархии идоракунӣ ҳукмфармо боқӣ монд.

Дар ин хусус муҳаққиқон В. Фокин ва И. Фокина чунин таъкид менамоянд: “Соли 1789 Ҷорҷ Вашингтон нахустин Президенти ШМА интихоб гардид. Дар нимаи аввали асри XIX ниҳоди Президент дар кишварҳои Амрикои Лотинӣ босуръат рушд кард. Соли 1848 Луи Наполеон Бонапарт аввалин Президенти Фаронса интихоб шуд, дар ҳоле ки Йонас Фурер нахустин Президенти Швейтсария ба ҳисоб меравад. Дар Осиё Сун Ят Сен соли 1911 аввалин Президенти Чин ва Мустафо Камол (Отатурк) соли 1923 аввалин Президенти Туркия гардиданд. Дар Африқо бошад, соли 1847 Ҷозеф Ҷенкинс Робертс нахустин Президенти Либерия интихоб шудааст” [45, с. 47]. Мавқеи пешниҳоднамудаи онҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ташаккул ва рушди ниҳоди президентӣ, инчунин омилҳои таъсиргузор ба мақоми конститутсионии он дар низомҳои гуногуни сиёсӣ амиқтар дарк карда шаванд.

Дар ШМА мансабдори олии давлатӣ, ки ҳамзамон, ваколатҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳукуматро иҷро менамояд, Президент мебошад. Дар таҷрибаи фаъолияти як қатор президентҳои амрикоӣ сохтори кобинаи вазирон такмил ёфта, ба шакли Шуроҳои байниидоравӣ тақсим гардид, ки ин имкон фароҳам овард, масъалаҳои мушаххас бидуни ҷалби тамоми ҳайати кобина баррасӣ шаванд.

Интихоботи президентӣ дар ШМА хусусияти ғайримустақим дорад: шаҳрвандон мустақиман Президентро интихоб намекунанд, балки ба интихобкунандагон овоз медиҳанд, ки онҳо дар ҳайати коллегияи интихобкунандагон қарор дошта, сарвари давлатро интихоб менамоянд. Дар ҳолатҳои истеъфо, барканорӣ, вафот ё нотавонӣ дар иҷрои вазифа, ноиби Президент ваколатҳои ӯро ба уҳда мегирад.

Таҳиягарони Конститутсияи ШМА низоми ҳокимияти иҷроияи мутамарказ ва яккаи шахсиро пешбинӣ намуда, дар шахси Президент ваколатҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳукуматро муттаҳид сохтанд. Тибқи Конститутсия, ҳокимияти иҷроия аз ҷониби Президент амалӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, на худи Конститутсия ва на тағйиротҳои минбаъдаи он тавсифи мукаммали ин ниҳодро пешниҳод намекунанд. Президент ҳамчун субъекти мустақили сиёсӣ баромад намуда, ба Конгресс ҳисобот намедиҳад ва пеш аз ҳама, дар назди шаҳрвандон масъул мебошад. Ваколатҳои ӯ дорои хусусияти фарох буда, дар амал тамоюли васеъшавӣ доранд.

Дар муқоиса бо модели амрикоӣ, Президент дар низоми мақомоти давлатии Фаронса, бахусус дар шароити Ҷумҳурии панҷум, мавқеи марказӣ ва нақши калидӣ дорад. Тибқи моддаи 5-уми Конститутсияи Фаронса, “Президент риоя ва татбиқи Конститутсияро таъмин намуда, фаъолияти мунтазами мақомоти давлатӣ ва ҳамоҳангии онҳоро кафолат медиҳад, барои ҳифзи истиқлолияти миллӣ, тамомияти арзӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии давлат масъул мебошад. Президент ҳамчун Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ баромад намуда, мансабдорони олии ҳарбӣ ва шаҳрвандиро таъин мекунад, давлатро дар арсаи байналмилалӣ намояндагӣ

менамояд ва дар таҳия ва бастани шартномаҳои байналмилалӣ иштирок мекунад”[13, м.5]. Ба андешаи мо, доираи васеи ваколатҳои Президенти Фаронса аз хусусияти нимпрезидентии низоми идоракунии ин кишвар шаҳодат дода, нақши калидии сарвари давлатро дар таъмини суботи сиёсӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ инъикос менамояд

Конститутсияи Фаронса ба Президент як қатор ваколатҳои шахсӣ ва мустақилро вогузор намудааст. Аз ҷумла, ӯ ҳуқуқ дорад Сарвазирро таъин намояд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун Маҷлиси миллиро пеш аз муҳлат пароканда кунад ва дар шароити истисноӣ аз ваколатҳои фавқулодае, ки моддаи 16-уми Конститутсия пешбинӣ намудааст, истифода барад. Бар хилофи ШМА, Президент дар Фаронса тавассути овоздиҳии умумӣ, мустақим, баробар ва пинҳонӣ интихоб мегардад. Муҳлати ваколати ӯ 5 сол буда, на бештар аз ду маротиба метавонад ба ин мансаб интихоб шавад [5, м.16].

Президенти Ҷумҳурии панҷуми Фаронса дар самти идора ва роҳбарии корҳои давлатӣ дорои ваколатҳои васеъ мебошад. Ӯ ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дошта, дар соҳаи судӣ низ як қатор ваколатҳоро амалӣ мекунад: аз ҷумла, судяҳои касбиро таъин ва аз вазифа озод менамояд, инчунин ҳуқуқи авф дорад.

Олмон низ аз ҷумлаи кишварҳое ба ҳисоб меравад, ки анъанаи тулонии ташаккули низоми ҷумҳуриявӣ дорад. Ҷумҳурии Федеративии Олмон (ҶФО) давлати федеративӣ буда, федерализм барои он шакли анъанавии сохтори давлатӣ маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди ин, Олмон ҳамчун давлати ягона таърихи нисбатан кӯтоҳ дорад: то миёнаҳои асри XIX дар қаламрави он даҳҳо давлатҳои мустақил вуҷуд доштанд. Танҳо пас аз муттаҳидшавӣ дар соли 1871 ва таъсиси давлати ягона ин воҳидҳо ба ҳайати як федератсия дохил гардиданд. Имрӯз Олмон федератсияи конститутсионӣ мебошад, яъне сохтори федеративии он на дар асоси шартнома, балки бар пояи Конститутсия (Қонуни асосӣ) ташкил ёфтааст.

Тибқи Қонуни асосӣ, сарвари Ҷумҳурии Федеративии Олмон Президенти Федератсия мебошад. Дар ҶФО Президент дорои мақом ва ҷойгоҳи хос аст, аммо қисми зиёди ваколатҳои иҷроия ба Канслери Федератсия тааллуқ доранд.

Яке аз вижагиҳои муҳимми ин низом тартиби интихоби Президент мебошад: Президенти ҶФО аз ҷониби мақоми махсус Маҷлиси Федералӣ интихоб карда мешавад. Ин мақом танҳо барои интихоботи Президент таъсис ёфта, на дертар аз 30 рӯз пеш аз анҷоми муҳлати ваколати Президент даъват мегардад.

Мувофиқи қисми 1 ва қисми 2 моддаи 54-и Қонуни асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон, ба мансаби Президенти федералӣ шаҳрвандоне метавонанд интихоб шаванд, ки ҳуқуқи интихоб шудан ба Бундестагро дошта, ба синни 40-солагӣ расидаанд. Президенти федералӣ ба муҳлати панҷ сол интихоб гардида, танҳо як маротиба метавонад аз нав интихоб шавад.

Тибқи Қонуни асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон Президенти федералӣ як қатор ваколатҳои муҳимми давлатӣ дорад. Аз ҷумла, “Президент қонунҳои федералиро имзо намуда, барои интишори онҳо дастур медиҳад” [5, м.82]; “ба Бундестаг номзадии Канслери федералиро пешниҳод менамояд” [5, м.63]; “бо пешниҳоди Канслери федералӣ вазирони федералиро таъин ва аз вазифа озод мекунад” [5, м.64]. Илова бар ин, “Президенти федералӣ судяҳои федералӣ, хизматчиёни федералӣ, афсарон ва афсарони хурдро таъин ва аз вазифа озод менамояд, инчунин дар ҳолатҳои алоҳида ҳуқуқи авфро амалӣ мекунад” [5,м.60].

Таҳлили меъёрҳои конститутсионии Федеративии Олмон нишон медиҳад, ки Президент, сарфи назар аз маҳдуд будани ваколатҳои сиёсии худ, дар соҳаи сиёсати хориҷӣ нақши муайян ва рамзӣ дорад. Ӯ ҳамчун намояндаи расмии давлат дар муносибатҳои байналмилалӣ амал намуда, таъин ва бозхонди намояндагони дипломатиро анҷом медиҳад. Ҳамзамон, Президенти ҶФО дорои як қатор ваколатҳои ба истилоҳ «захиравӣ» мебошад, ки метавонад тавассути онҳо ба равандҳои сиёсӣ таъсир расонад. Масалан, ӯ ҳуқуқ дорад Бундестагро даъват намояд ва дар ҳолате, ки ин мақом Канслерро

бо аксарияти зарурӣ интихоб карда натавонад, метавонад онро пароканда созад.

Президенти Федералӣ дар назди мақомоти давлатӣ масъулияти сиёсӣ надорад: ӯ на дар назди Бундестаг ва на дар назди Маҷлиси Федералӣ ҳисоботдиҳанда мебошад.

Дар Исландия мансаби президент ҳамчун сарвари давлат соли 1944 таъсис ёфтааст. Президенти Исландия ҳар чор сол тавассути интихоботи бевоситаи умумӣ бо овоздиҳии махфӣ интихоб мегардад. Интихоботи навбатӣ одатан дар моҳҳои июн ё июли ҳамон соле баргузор мешавад, ки муҳлати ваколати президент ба анҷом мерасад. Номзад ба ин мансаб бояд шаҳрванди Исландия бошад, ба синни на камтар аз 35-солагӣ расида бошад, доғи судӣ надошта бошад ва аз ҳуқуқи интихобӣ маҳрум нашуда бошад. Номзадӣ аз ҷониби гурӯҳи интихобкунандагон, ки аз 1500 то 3000 нафар иборатанд, пешбарӣ мегардад. Агар якчанд номзад иштирок намоянд, шахсе интихоб мегардад, ки аксарияти овозҳоро ба даст овардааст; агар танҳо як номзад бошад, овоздиҳӣ баргузор намешавад ва ӯ бевосита президент эълон мегардад. Як шахс метавонад чандин маротиба ба ин мансаб интихоб шавад.

Тағйироти амиқи геосиёсӣ, ки дар охири солҳои 1980-уми асри XX дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омаданд, ба рушди минбаъда ва густариши ниҳоди президент дар як қатор давлатҳо заминаи мусоид фароҳам оварданд. Фурӯпошии низоми дуқутбаи ҷаҳонӣ ва дигаргуниҳои сохторӣ дар кишварҳои сотсиалистӣ боиси тағдиди низоми идоракунии давлатӣ гардиданд.

Таҳаввулоти минбаъдаи ин ниҳод нишон дод, ки самаранокии фаъолияти он аз хусусиятҳои низоми сиёсӣ, шакли идоракунӣ ва сатҳи рушди ниҳодҳои демократии ҳар як давлат вобастагии мустақим дорад. Дар заминаи чунин равандҳо масъалаи таъсиси мансаби президент дар Иттиҳоди Шуравӣ низ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, ҳангоми таҳияи лоиҳаи Конститутсияи соли 1962, Никита Сергеевич Хрушёв пешниҳод намуд, ки дар низоми мақомоти олии давлатӣ мансаби президент таъсис дода шавад. Бо ин

мақсад комиссияи махсуси конститутсионӣ ташкил гардида, лоиҳаи дахлдор таҳия шуд. Бо вуҷуди ин, пас аз барканор гардидани Хрушёв раванди мазкур идома наёфта, татбиқи амалии он мавқуф гузошта шуд. Дар миёнаҳои солҳои 1970 масъалаи таъсиси мансаби президент бори дигар дар доираҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии кишвар матраҳ гардид. Аммо ҳангоми таҳия ва қабули Конститутсияи нави Иттиҳоди Шуравӣ ин пешниҳод ба матни ниҳоии қонуни асосӣ ворид карда нашуд.

Заминаҳои воқеии таъсиси ниҳоди президентӣ дар ҷараёни ислоҳоти сиёсӣ ва конститутсионии охири солҳои 1980, ки дар доираи сиёсати «бозсозӣ» амалӣ гардиданд, ташаккул ёфтанд. Дар замони роҳбарии Михаил Сергеевич Горбачёв масъалаи таъсиси мансаби Президенти ИҶШС зимни омодагӣ ба Конференсияи XIX умумииттифоқии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ ва дар ҷараёни фаъолияти он мавриди муҳокима қарор гирифт. Бо вуҷуди ин, дар марҳилаи аввал ба ҷойи таъсиси мансаби президент мақоми Раиси Шурои Олии ИҶШС таъсис дода шуд, ки онро Горбачёв ишғол намуд.

Ҳамин тариқ, ташаккули ниҳоди президент дар Иттиҳоди Шуравӣ натиҷаи мантиқии таҳаввулоти сиёсӣ ва ислоҳоти пайдарпайи сохтори идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ниҳоят ба таъсиси расмии мансаби Президенти ИҶШС дар соли 1990 мусоидат намуд. Танҳо дар моҳи марти соли 1990, дар Иҷлосияи III-и вакилони халқии ИҶШС, мансаби Президенти ИҶШС расман таъсис дода шуда, М.С. Горбачёв нахустин ва ягона Президент интихоб гардид. Бо таъсиси ин мансаб умед мерафт, ки мушкилоти мавҷуда ҳал хоҳанд шуд, аммо дар амал вазъият мураккабтар гардида, ҳатто дар бораи самаранокии ин ниҳод шубҳаҳо ба вуҷуд омаданд.

Сиёсатшиноси ватанӣ А. Е. Комилбек чунин андеша дорад, ки “Ниҳоди президент дар аҳди Шуравӣ дар заминаи мавҷудаи муносибатҳои идорӣ, бидуни дигаргун намудани моҳияти онҳо, таъсис ёфт. Он фақат василаи қонунигардонии ҳокимият ба шумор мерафт, на низоми нави идоракунӣ дар марҳилаи гузариши давлат. Асосҳои консептуалии он бисёр сусту заиф буда,

таҷрибаи амалиаш маҳдуд буд. Дар заминаи чунин низоми сиёсӣ Шурои Олӣ, Анҷуман ва ниҳоди президентӣ танҳо ба таври қолабӣ мавҷуд буданд. Таъсири онҳо ба дигаргунсозии куллии вазъият амалан эҳсос намешуд. Механизмҳои институтсионалии таъсиррасон ба вазъи мавҷуда қариб ки вуҷуд надоштанд. Ниҳоди президентӣ низ дар ҳамин қатор қарор дошта, фақат ҳамчун мансаби идорӣ фаъолият менамуд" [27, с. 65]. Ба андешаи мо, ин нуктаи назар то андозае воқеияти давраи шуравиро инъикос менамояд, зеро ниҳоди президентӣ воқеан дар шароите таъсис ёфт, ки низоми сиёсӣ ҳанӯз хусусияти маъмурию фармондеҳӣ дошт ва барои фаъолияти мустақили ниҳодҳои сиёсӣ заминаи кофӣ муҳайё набуд. Дар чунин шароит ниҳоди президентӣ на нақши як ниҳоди сиёсии мустақил, балки бештар вазифаи қонунигардонӣ ва нигоҳдории низоми мавҷударо иҷро мекард.

Бо вуҷуди ин, пурра қолабӣ ва бетаъсир арзёбӣ намудани ин ниҳод низ чандон дуруст нест. Таъсиси ниҳоди президент, сарфи назар аз маҳдудиятҳои мавҷуда, яке аз қадамҳои аввалин дар роҳи гузариш аз низоми шуравии ҳокимият ба шаклҳои нави идоракунии давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Маҳз ҳамин таҷрибаи ибтидоӣ баъдан барои ташаккули ниҳоди президентӣ дар давлатҳои соҳибистиқлол, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Дар моҳи августи соли 1991 кӯшиши табаддулоти давлатӣ ба амал омад. 18 августи ҳамон сол муроҷиате қабул ва паҳн гардид, ки дар он изҳор мешуд: вобаста ба вазъи саломатӣ М.С. Горбачёв наметавонад ваколатҳои Президенти Иттиҳоди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистиро иҷро намояд ва мутобиқи моддаи 127 Конститутсияи ИҶШС уҳдадориҳои ӯ ба зиммаи ноиби президент Г.С. Янаев вогузор карда мешаванд. Ҳамзамон, пешбинӣ гардид, ки дар баъзе минтақаҳои алоҳида ҳолати фавқулода ҷорӣ карда шуда, Кумитаи давлатии ҳолатҳои фавқулода таъсис дода шавад. Қайд мешуд, ки қарорҳои ин Кумита барои ҳамаи мақомоти ҳокимият, идоракунӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон дар тамоми қаламрави ИҶШС ҳатмӣ мебошанд.

Дар ҳамон рӯз Президенти Ҷумҳурии Федеративии Шуравии Сотсиалистии Русия Борис Николаевич Елсин бо муроҷиати расмӣ ба шаҳрвандон баромад намуда, чунин изҳор дошт: “Дар шаби аз 18 ба 19 августи соли 1991 Президенти қонуниантихобшудаи кишвар ғайриқонунӣ аз иҷрои ваколатҳои худ дур карда шуд. Новобаста аз он ки барои чунин амал кадом асос пешниҳод мегардад, он моҳияти табаддулоти зиддиконститутсионӣ дорад… Ин воқеа моро водор месозад, ки сохтори ғайриқонунӣ ба сари қудрат омадаро ҳамчун мақомоти қонунӣ эътироф накунем… Мо даъват менамоем, ки иҷлосияи фавқулодаи вакилони мардумии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ ҳарчи зудтар даъват карда шавад. Мо мутмаинем, ки ҷомеаи байналмилалӣ ба кӯшиши табаддулоти давлатӣ баҳои воқеӣ ва одилона хоҳад дод” [65, с. 1-2].

Баъдан, 20 августи соли 1991, тавассути содир гардидани фармони махсус расман эълон карда шуд, ки Президенти Федератсияи Россия Борис Николаевич Елсин тамоми ваколатҳои марбут ба Сарфармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳро дар ҳудуди Федератсия ба уҳдаи худ қабул менамояд. Татбиқи ин ваколатҳо то лаҳзаи оғоз ёфтани фаъолияти расмии Президенти Иттифоқи Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ Михаил Сергеевич Горбачев идома хоҳад ёфт.

Сипас, 22 августи ҳамон сол тамоми шахсоне, ки дар кӯшиши анҷом додани табаддулоти давлатӣ иштирок доштанд, боздошт карда шуданд ва нисбати онҳо бо тартиби муқарраргардида парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид.

Ҳамин тариқ, метавон ба чунин хулоса расид, ки ташаккули ин ё он шакли идоракунӣ дар кишварҳои гуногун аз маҷмуии омилҳои сиёсӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ вобастагӣ дорад. Дар ин раванд, таъсири назаррасро хусусиятҳои рушди таърихии кишвар, вижагиҳои фарҳанги сиёсӣ, анъанаҳои ташаккулёфтаи давлатдорӣ, инчунин таносуби қувваҳои сиёсӣ дар марҳилаи таҳия ва қабули Конститутсия мерасонанд. Дар баробари ин, омили субъективӣ низ аҳаммияти муҳим дорад, ки он дар шахсияти роҳбарони сиёсӣ

ва қобилияти онҳо барои муттаҳид намудани неруҳои сиёсӣ, таъмини суботи давлатӣ ва ташаккули низоми самараноки идоракунӣ ифода меёбад.

Бо ҳамин асос, дар як қатор кишварҳо шакли идоракунии парламентӣ интихоб гардидааст, ки дар доираи он вазифаи сарвари давлатро шоҳ (монарх)-и конститутсионӣ ё президент иҷро менамояд, дар ҳоле ки ҳокимияти иҷроия асосан дар ихтиёри Ҳукумат қарор дошта, он дар назди парламент масъул ва ҳисоботдиҳанда мебошад. Баръакс, дар дигар давлатҳо низоме ташаккул ёфтааст, ки дар он ҳокимияти пуриқтидори президент таъсис дода шуда, мавқеи он нисбат ба дигар шохаҳои ҳокимият бартарӣ дорад.

Ҳамзамон, дар харитаи сиёсии ҷаҳони муосир давлатҳое низ мавҷуданд, ки бе таъсиси ниҳоди президент ва мансаби дахлдори он фаъолият менамоянд, ки ин ҳолат бори дигар гуногунрангӣ ва бисёршаклии низомҳои давлатдориро дар ҷаҳон тасдиқ мекунад.

1.3. Низоми идоракунии президентӣ: моҳият, хусусиятҳо ва типологияи он

Фаҳмиши ҳамаҷонибаи мафҳуми шакли ҳокимияти давлатӣ яке аз масъалаҳои бунёдии назарияи давлат ва ҳуқуқ ба шумор меравад, зеро он имкон медиҳад хусусиятҳои ташкили ҳокимияти олӣ ва механизмҳои амалисозии онро дар давлат муайян намуд. Ин мафҳум дар таҳлили сохтори сиёсӣ ва низоми ҳуқуқии давлат аҳаммияти махсус дошта, тавассути он тартиби таъсис, сохтор, салоҳият ва тарзи ҳамкории мақомоти олии давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Дар давлатшиносии муосир шакли ҳокимияти давлатӣ, ҳамчун тарзи ташкили мақомоти олии давлат ва низоми муносибатҳои байни онҳо арзёбӣ мегардад. Ин мафҳум на танҳо сохтор ва тартиби таъсиси мақомоти олии ҳокимиятро дар бар мегирад, балки хусусиятҳои фаъолияти онҳо, доираи салоҳиятҳо ва механизмҳои ҳамоҳангсозии онҳоро низ муайян менамояд. Ҳамзамон, шакли ҳокимияти давлатӣ тарзи тақсимоти ваколатҳо ва усулҳои ҳамкории мақомоти олии давлатиро дар раванди амалӣ намудани ҳокимият

инъикос мекунад. Мазмун ва моҳияти шакли давлат, пеш аз ҳама, дар фаъолияти мақомоти олии ҳокимият таҷассум меёбад, зеро маҳз ҳамин ниҳодҳо пояи асосии механизми давлатӣ ва низоми идоракунии ҷамъиятро ташкил медиҳанд. Самаранокии фаъолияти онҳо, дараҷаи ҳамоҳангии байни шохаҳои ҳокимият ва тартиби татбиқи салоҳиятҳои конститутсионӣ ба хусусиятҳои шакли ҳокимияти давлатӣ таъсири мустақим мерасонанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши шакли ҳокимияти давлатӣ на танҳо барои дарки хусусиятҳои сохтори конститутсионии давлат аҳаммияти назариявӣ дорад, балки барои таҳлили амалии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муайян намудани самтҳои такмили низоми идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти давлатӣ низ дорои аҳаммияти муҳим мебошад. Байни ин мақомоти олӣ ҳамеша муносибатҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии мушаххас мавҷуданд, ки онҳо на танҳо шакли муайяни давлатро ташаккул медиҳанд, балки ба низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии он якпорчагӣ, устуворӣ ва тамомият мебахшанд. Аз ин рӯ, сарфи назар аз он ки шакли ҳокимият бештар ҷанбаи ташкилӣ ва сохториро ифода менамояд, маҳз робитаҳои ҳуқуқӣ ва тақсимоти салоҳиятҳо байни мақомоти олии давлатӣ унсури марказӣ ва муайянкунандаи он маҳсуб мешаванд. Бидуни таҳлили ҳамаҷонибаи ин муносибатҳо дарки воқеии гуногуншаклии шаклҳои ҳокимият ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, мафҳуми шакли ҳокимияти давлатӣ танҳо тартиб ва усулҳои ташкили мақомоти олии ҳокимияти давлатиро фаро намегирад, балки низоми муносибатҳои мутақобила, устувор ва ҳуқуқан танзимшавандаи байни онҳоро низ дар бар мегирад. Маҳз хусусияти ин муносибатҳо, тақсимоти ваколатҳо, тартиби ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва механизмҳои мувозинати байни онҳо мазмун ва моҳияти шакли ҳокимияти давлатиро муайян месозанд. Ин мафҳум тамоми низоми робитаҳои мутақобилаи байни субъектҳои асосии ҳокимияти давлатиро фаро гирифта, моҳияти амалии фаъолияти онҳоро инъикос менамояд. Масъалаҳои зикршударо тибқи андешаи муҳаққиқ Р. С. Мартинюк метавон чунин ҷамъбаст менамояд: “Ба ҳайати унсурҳои асосии шакли ҳокимият, пеш аз ҳама, роҳҳо ва

усулҳои таъсис ва ташаккули мақомоти олии давлатӣ, принсипҳои ташкил ва фаъолияти онҳо, шаклҳои ҳамкории институтсионалии байни онҳо, инчунин тартиби дақиқи тақсими салоҳиятҳо ва масъулияти муштараки онҳо дар доираи низоми ягонаи давлатӣ дохил мегарданд”[83, с. 64]. Ҳамзамон, шакли ҳокимияти давлатӣ на танҳо ҷанбаҳои сохторию ташкилӣ, балки асосҳои ҳуқуқию конститутсионии фаъолияти мақомоти олии давлатиро низ дар бар мегирад.

Ғайр аз ин, шакли ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, низоми муносибатҳои салоҳиятӣ ва институтсионалии байни мақомоти олии ҳокимияти давлатиро инъикос менамояд. Ба андешаи Р. С. Мартынюк “диққати асосӣ ба хусусиятҳои ҳамкории мутақобилаи мақомоти қонунгузор ва иҷроия, тартиби ташаккул, амалисозӣ ва тақсимоти ваколатҳои ҳокимияти иҷроия равона карда мешавад. Муносибатҳои мазкур дар доираи низоми ягонаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, бо хусусиятҳое чун устуворӣ, пайдарҳамӣ ва ҳамоҳангӣ тавсиф мегарданд”[83, с. 65]. Маҳз ҳамин робитаҳои салоҳиятӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар заминаи принсипҳои қонуният, мувозинати ҳокимият ва масъулияти мутақобила ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тавр, шакли ҳокимияти давлатӣ на танҳо маҷмуии мақомоти олии давлатиро дар бар мегирад, балки низоми муносибатҳои мутақобила ва ҳамкории байни онҳоро низ инъикос менамояд. Маҳз тавассути ин муносибатҳо мантиқи дохилӣ, хусусиятҳои сохторӣ ва қонуниятҳои ташаккул ва фаъолияти низоми ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегарданд.

Ҳамзамон, шакли ҳокимияти давлатӣ ҳамчун усули ташкили ҳокимияти олӣ на танҳо маҷмуии мақомоти давлатиро фаро мегирад, балки ҷойгоҳ, нақш ва дараҷаи ҳамоҳангии фаъолияти онҳоро дар доираи механизми ягонаи идоракунии давлатӣ муайян менамояд. Дар ин замина, сарвари давлат, парламент ва ҳукумат ҳамчун унсурҳои асосии шаклсоз баромад намуда, дар ташаккул ва фаъолияти низоми ҳокимият нақши калидӣ мебозанд.

Бо вуҷуди ин, барои дарки ҳамаҷониба ва илмии моҳияти шакли ҳокимияти давлатӣ, таҳлили фаъолияти мақомоти мазкур ба танҳоӣ кофӣ нест. Ҳамзамон, барои дарки ҳамаҷонибаи низоми ҳокимияти давлатӣ муайян намудани мақом ва нақши мақомоти олии судии салоҳияти умумӣ, судҳои махсусгардонидашудаи олӣ ва дигар ниҳодҳои дорои салоҳиятҳои конститутсионӣ аҳаммияти хос дорад. Маҳз ҳамкории мутақобилаи ин ниҳодҳо тавозуни ҳокимият, самаранокии идоракунии давлатӣ ва татбиқи принсипи волоияти қонунро таъмин менамояд.

Аз нуқтаи назари илмӣ, таҳлили шакли ҳокимияти давлатӣ бидуни омӯзиши хусусиятҳои сохторӣ ва функсионалии ҳамаи унсурҳои зикршуда нопурра хоҳад буд. Зеро танҳо таҳқиқи маҷмуиии тартиби ташаккул, доираи салоҳиятҳо ва механизми ҳамкории байни мақомоти олии давлатӣ имкон медиҳад, ки қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси ташкили ҳокимият дар давлат муайян карда шаванд.

Дар адабиёти илмӣ дар баробари мафҳуми «ниҳоди президентӣ», инчунин мафҳуми «ҳокимияти президентӣ» низ мавриди истифода қарор гирифта, он хусусиятҳои амалишавии ваколатҳои президентро дар низоми идоракунии давлатӣ инъикос менамояд. Муҳаққиқи рус Б. А. Мухамеджанов қайд менамояд, ки “идеяи ҳокимияти президентӣ дар тули садсолаҳои рушди худ дар зиёда аз сад давлати ҷаҳон шаклҳои гуногуни татбиқро пайдо намудааст. Табиист, ки дар ҳар яке аз онҳо на худи ҳокимияти президентӣ, балки низомҳои сиёсии аз ҳамдигар фарқкунанда амал мекунанд. Бо вуҷуди ин, маҳз вобаста ба ҳаҷми ваколатҳои сарвари давлат, тартиби интихоб шудани ӯ ва як қатор хусусиятҳои муҳимми дигар таснифи давлатҳо амалӣ мегардад (монархия ё ҷумҳурӣ, монархияи мутлақ, дуалистӣ ё парламентӣ, ҷумҳуриҳои президентӣ, президентӣ-парламентӣ, парламентӣ ва ғайра). Бидуни омӯзиши ниҳоди сарвари давлат анҷом додани таҳқиқоти ҷиддӣ оид ба низоми ҳокимияти давлатӣ ва сиёсии ҳар як кишвар ғайриимкон мебошад” [84, с. 40]. Ҳокимияти президентиро муаллиф ҳамчун шакли амалишавии ваколатҳои сарвари давлат арзёбӣ намуда, нишон медиҳад, ки хусусиятҳои он

аз ҳаҷми ваколатҳои президент ва модели низоми идоракунӣ вобастагӣ доранд.

Р..С.Мартинюк дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки “Ҷумҳурии президентӣ ҳамчун яке аз нахустин шаклҳои классикии идораи ҷумҳуриявӣ дар раванди рушди таърихии давлатдорӣ ташаккул ёфтааст. Аломатҳои хоси он, пеш аз ҳама, дар легитиматсияи ҳокимияти сарвари давлат тавассути интихоботи мустақим ё ғайримустақим, инчунин дар муттаҳид гардидани мақоми сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия дар шахсияти президент ифода меёбанд” [83, с. 63]. Ба андешаи мо, мавқеи мазкур хусусиятҳои бунёдӣ ва муайянкунандаи шакли идораи президентро ба таври умумӣ инъикос менамояд. Воқеан, манбаи мустақили қонунияти демократии ҳокимияти президент, ки тавассути иродаи интихобкунандагон ташаккул меёбад, яке аз меъёрҳои асосии фарқкунандаи ҷумҳурии президентӣ аз дигар шаклҳои идораи давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ин, муттаҳид гардидани вазифаҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия дар шахсияти президент ба ташаккули низоми ягона ва мутамаркази идоракунӣ мусоидат намуда, барои таъмини масъулияти сиёсӣ ва самаранокии фаъолияти ҳокимияти иҷроия замина фароҳам меорад. Дар чунин низом президент на танҳо самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян мекунад, балки фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро низ роҳбарӣ ва ҳамоҳанг месозад.

Бо вуҷуди ин, барои муайян намудани ҷумҳурии президентӣ танҳо ин аломатҳо кофӣ нестанд. Аз ҷумлаи нишонаҳои муҳимми он мустақилияти нисбии ҳокимияти иҷроия аз парламент, набудани масъулияти сиёсии ҳукумат дар назди мақомоти қонунгузор, татбиқи принсипи ҷудоии ҳокимият ба шумор мераванд.

Муҳаққиқи дигар Б.А. Майлибаев қайд менамояд, ки “Ҳокимияти президентӣ барои ташкил ва ба роҳ мондани низоми мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва маъмурию сиёсӣ, инчунин барои иҷрои вазифаҳои созанда, ҳамгиросоз ва муҳофизатӣ зарур

мебошад. Бо дарназардошти гуногунрангии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки махсусан дар давраи гузариш хусусияти динамикӣ пайдо мекунанд, дигар шохаҳои ҳокимият наметавонанд ин маҷмуии вазифаҳоро ба таври пурра ба зимма гиранд" [22, с. 444]. Ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки Б.А. Майлибаев ҳокимияти президентиро на танҳо ҳамчун шакли амалисозии ваколатҳои сарвари давлат, балки ҳамчун унсури муҳимми таъмини субот ва идоракунии самараноки давлатӣ арзёбӣ менамояд.

Дар доираи шакли идораи президентӣ, ки хусусиятҳои он дар сохтор ва муҳтавои конститутсияҳои як қатор давлатҳо ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд, ғояи классикии ҷудо намудани ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ, ки аз ҷониби Шарл-Луи де Монтескё асоснок гардидааст, татбиқи амалии худро пайдо намудааст. Мувофиқи ин назария, ҳар як шохаи ҳокимият дорои салоҳиятҳои мустақил буда, дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи конститутсия фаъолият менамояд.

Принсипи мазкур на танҳо дар доктринаи ҳуқуқи конститутсионӣ, балки дар матни қонунҳои асосии бисёр давлатҳои дорои шакли идораи президентӣ низ мустақиман муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, дар Мексика ин принсип дар Конститутсияи Мексика инъикоси ҳуқуқии худро пайдо кардааст. Тибқи муқаррароти моддаи 49-и Конститутсияи мазкур, "ҳокимияти олии федералӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад ва муттаҳид сохтани ду ё зиёда шохаи ҳокимият дар дасти як шахс ё мақом, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи конститутсия, манъ мебошад" [10, м.49].

Муқаррароти мазкур на танҳо аҳаммияти бунёдии принсипи ҷудоии ҳокимиятро таъкид менамояд, балки зарурати таъмини мустақилияти институтсионалии ҳар як шохаи ҳокимиятро ҳамчун шарти муҳимми фаъолияти самараноки механизми давлатӣ ва ҳифзи арзишҳои демократӣ муайян месозад.

Ин равиш, пеш аз ҳама, ба татбиқи пайгирона ва возеҳи принсипи ҷудоии ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои мустақили қонунгузор, иҷроия ва судӣ асос меёбад. Дар чунин низом, ҳар як шохаи ҳокимият дорои салоҳиятҳои

мушаххас ва мустақили конститутсионӣ буда, дахолати беасос ба фаъолияти якдигар истисно карда мешавад.

Дар ҳамин замина, зарурати муайян намудани ҷойгоҳ ва мансубияти институтсионалии ниҳоди президентӣ дар сохтори ҳокимияти давлатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Бо назардошти он, ки президент дар ҷумҳуриҳои президентӣ одатан, ҳамзамон вазифаҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроияро амалӣ менамояд, воридшавии сохторӣ ва функсионалии ин ниҳод ба низоми ҳокимияти иҷроия аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок ба назар мерасад.

Бо дарназардошти он ки фаъолияти президент аз лиҳози табиӣ ва функсионалӣ бештар ба соҳаи ҳокимияти иҷроия наздик аст, ҳамоҳангӣ ва пайвастшавии ӯ бо ин шоха дар шароити ҷумҳурияти президентӣ комилан мантиқӣ ва асоснок ба назар мерасад.

Хусусияти асосии модели мазкур дар он ифода меёбад, ки воситаҳои ҳуқуқии таъсиррасонии як шохаи ҳокимият ба шохаи дигар маҳдуд буда, механизмҳои боздорӣ ва мувозинат, асосан, хусусияти истисноӣ доранд. Ба ибораи дигар, шохаҳои ҳокимият аз ҷиҳати ташкилӣ ва функсионалӣ то ҳадди имкон аз ҳамдигар ҷудо буда, танҳо дар доираи ваколатҳои муайянкардаи конститутсия бо ҳамдигар ҳамкорӣ менамоянд.

Дар шароити татбиқи модели классикии тақсимоти қатъии ҳокимият, робитаи байни мақомоти қонунгузор ва иҷроия бештар тавассути уҳдадории мақомоти иҷроия оид ба татбиқи қонунҳои қабулнамудаи парламент амалӣ мегардад. Дар чунин низом ҳукумат ҳамчун мақоми олии ҳокимияти иҷроия, одатан, аз имкониятҳои васеи таъсиррасонӣ ба фаъолияти мақомоти қонунгузор маҳрум мебошад. Яке аз истисноҳои муҳим дар ин самт ҳуқуқи ветои мавқуфи президент нисбат ба қонунҳои қабулкардаи парламент ба ҳисоб меравад, ки он ҳамчун воситаи таъмини мувозинати байни шохаҳои ҳокимият истифода мешавад. Ин андешаҳо, ки дар асари машҳури Шарл-Луи де Монтеске “Руҳияи қонунҳо” [35] асоснок шудаанд, баъдан дар амалияи конститутсионии давлатҳои гуногун татбиқи воқеии худро пайдо намуданд.

Яке аз паёмадҳои мантиқии татбиқи принсипи тақсимоти қатъии ҳокимият маҳдуд гардидани имкониятҳои иштироки президент дар фаъолияти қонунгузорӣ мебошад. Аз нуқтаи назари назарияи классикии ҷумҳурии президентӣ, сарвари давлат ва мақомоти тобеи ҳокимияти иҷроия набояд дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ бошанд, зеро чунин салоҳият метавонад ба мустақилияти мақомоти намояндагӣ таъсири манфӣ расонад.

Муҳаққиқи рус А. В Полтаветс чунин таъкид менамояд, ки “Дар баъзе давлатҳо президентҳо танҳо шахсияте мебошанд, ки дар амал имкониятҳои маҳдуд дошта, барои татбиқи ваколатҳои худ таҳти идоракунии парламент қарор доранд. Дар дигар давлатҳо бошад, президент метавонад шахсияти калидӣ бошад, ки то андозае ба ҳокимияти монархӣ шабоҳат дорад, вале ҳамзамон хусусиятҳои президентиро низ дар худ нигоҳ медорад. Ҳангоми татбиқи ниҳоди Президент дар Иттиҳоди Шуравӣ низ чунин таҷрибаҳо бояд ба инобат гирифта мешуданд. Ба ибораи дигар, роҳбар метавонад то он дараҷа мавқеи худро таҳким бахшад, ки ҳокимияти ӯ ба як навъ сохти монархӣ табдил ёбад, ки ҳадафҳои муайян дошта, ҳокимияти худро тавассути идоракунии техникии давлат ба манфиатҳои шахсӣ амалӣ намояд. Чунин ҳолатҳо аллакай дар таърихи Иттиҳоди Шуравӣ вуҷуд доштанд. Яке аз намунаҳои равшани чунин ҳокимият И.В. Сталин буд” [87, с. 289]. Ба назари мо, муаллиф таъкид менамояд, ки ҷойгоҳ ва ваколатҳои президент аз хусусияти низоми идоракунӣ вобастагӣ дошта, мутамарказшавии аз ҳад зиёди ҳокимият метавонад ба монархиямонанд гардидани он оварда расонад.

Маҳрум будани Президенти ШМА, ки нахустин намунаи классикии ҷумҳурии президентӣ ба ҳисоб меравад, аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ низ, бевосита, бо таъсири назарияи ҷудоии ҳокимиятҳои Монтескё алоқаманд аст. Муаллифони Конститутсияи ШМА, бо такя ба ин ғоя, кӯшиш намуданд, ки ҳар гуна имконияти тамаркузи аз ҳад зиёди ҳокимиятро пешгирӣ намуда, мувозинати устувори байни шохаҳои ҳокимиятро таъмин созанд.

Ин мавқеи назариявӣ, ки дар доираи илми ҳуқуқшиносӣ ва сиёсатшиносӣ ташаккул ёфтааст, бар принсипи тақсимоти ҳокимиятҳо асос

ёфта, ҳадафи асосии он пешгирии мутамарказшавии аз ҳад зиёди қудрат дар дасти як ниҳоди давлатӣ мебошад. Монтеске чунин мешуморид, ки “Ҳокимияти иҷроия набояд дорои ваколати ташаббуси қонунгузорӣ бошад, зеро додани чунин салоҳият метавонад ба вайрон шудани тавозуни дохилии низоми сиёсӣ оварда расонад ва мустақилияти шохаи қонунгузориро коҳиш диҳад. Яъне, ҳатто зарурате вуҷуд надорад, ки он (ҳокимияти иҷроия) пешниҳоди худро ироа намояд” [35, с. 182]

Аз ин рӯ, дар ҷараёни ташаккули низоми конститутсионии ШМА, ки ҳамчун аввалин намунаи классикии ҷумҳурияти президентӣ эътироф мегардад, қонунгузорони ҳамон давра андешаҳои Шарл-Луи Монтескёро ба эътибор гирифта, ба Президент ҳуқуқи мустақими ташаббуси қонунгузориро вогузор накарданд. Ин қарор, ки хусусияти меъёрӣ ва оналӣ дошт, ба танзими мутавозини муносибатҳои байни шохаҳои ҳокимият мусоидат намуда, мустақилияти Конгрессро ҳамчун ниҳоди марказии қонунгузорӣ таъмин кард.

Дар чунин низом ҳокимияти иҷроия аз ҷониби парламент ташаккул намеёбад ва фаъолияти он ба эътимоди сиёсии мақомоти қонунгузор вобаста нест. Президент, ки ҳамзамон вазифаҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроияро иҷро менамояд, мустақиман аз ҷониби халқ ё тавассути механизми махсуси интихоботӣ соҳиби ваколат мегардад. Аз ин рӯ, парламент аз имконияти таъсиррасонии мустақим ба раванди ташаккули ҳайати мақомоти иҷроия ва муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ маҳрум мебошад.

Дар навбати худ, ҳокимияти иҷроия низ дорои имкониятҳои маҳдуди таъсиррасонӣ ба фаъолияти мақомоти қонунгузор мебошад. Маҳрум будани президент ва ҳукумат аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли классикии ҷумҳурии президентӣ, инчунин набудани дигар воситаҳои таъсиргузории мустақим ба фаъолияти парламент, ба таъмини мустақилияти ҳар ду шохаи ҳокимият мусоидат мекунад. Чунин низом барои нигоҳ доштани тавозуни институтсионалӣ ва пешгирии тамаркузи аз ҳад зиёди ҳокимият аҳаммияти муҳим дорад.

Сахтии тақсимоти ҳокимиятҳо, ҳамчунин, дар он ифода меёбад, ки президент ҳамчун таҷассумгари ҳокимияти иҷроия ва роҳбари ҳукумат, одатан, аз ҳуқуқи пароканда намудани парламент маҳрум мебошад. Дар айни замон, парламент низ ҳуқуқ надорад мақомоти ҳокимияти иҷроияро бо сабабҳои сиёсӣ аз вазифа барканор намояд, зеро фаъолияти онҳо ба эътимоди парламент вобаста нест. Барканории президент ё дигар шахсони мансабдори олии ҳокимияти иҷроия танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва тибқи расмиёти махсуси конститутсионӣ, аз ҷумла тавассути импичмент, имконпазир мебошад.

Таҳиякунандагони Конститутсияи ШМА чунин мешумориданд, ки вогузории ҳуқуқи пароканда намудани парламент ба Президент метавонад ба тамаркузи аз ҳад зиёди ҳокимият дар дасти мақомоти иҷроия оварда расонад. Онҳо бар он ақида буданд, ки “Додани чунин ваколат ба сарвари давлат тавозуни муқарраргардидаи байни шохаҳои қонунгузор ва иҷроияро халалдор сохта, метавонад ба тамаркузи ҳокимият дар дасти ҳокимияти иҷроия ва дар ниҳоят, ба ташаккули ҳукмронии инфиродии Президент дар низоми давлатӣ оварда расонад” [17, с. 215]. Бо дарназардошти таҷрибаи таърихии давлатдорӣ ва зарурати пешгирӣ аз эҳтимоли эҳёи шаклҳои авторитарии ҳокимият, муассисони Конститутсияи ШМА огоҳона аз додани чунин салоҳият ба Президент худдорӣ намуданд, то ки Конгресс ҳамчун мақоми олии қонунгузор мустақилияти худро комилан ҳифз намояд ва тавозуни сохтории шохаҳои ҳокимият таъмин гардад. Шакли классикии ҷумҳурии президентӣ бо мантиқи дохилӣ ва ратсионалияти хоси ташкили ниҳоди сарвари давлат тавсиф мегардад. Дар доираи ин шакли идоракунӣ президент на танҳо сарвари давлат, балки роҳбари олии ҳокимияти иҷроия низ ба ҳисоб рафта, дар шахсияти ӯ маҷмуии асосии салоҳиятҳои иҷроия мутамарказ мегарданд.

Чунин принсип дар санадҳои асосии як қатор давлатҳо инъикоси возеҳ пайдо кардааст. Масалан, дар Конститутсияи ШМАаз соли 1787 муқаррар шудааст, ки “Ҳокимияти иҷроия ба Президент дода мешавад” [12, м.2] Ҳамчунин, дар Конститутсияи Филиппин аз соли 1987 из ҳамин меъёр ба

таври мустақим ифода гардидааст, ки “Ҳокимияти иҷроия ба Президенти Филиппин вогузор мешавад” [11, м1].

Мақоми «дабири давлатӣ» (ки аз лиҳози функсионалӣ ба мансаби вазир баробар ва ҳамрадиф аст) дар Мексика, ки низ дорои шакли ҷумҳурияти президентӣ мебошад, ҳамин хусусиятро таҷассум менамояд. Мувофиқи Конститутсияи Мексика аз соли 1917 (моддаҳои 89 ва 92), ҳамаи санадҳои президент бояд аз ҷониби дабирони соҳавӣ контрасигна карда шаванд, аммо худи ин дабирон аз ҷониби президент таъин ва барканор карда мешаванд «ба салоҳдиди худи ӯ», ки ин ҳолат вобастагии мустақими онҳо аз сарвари давлатро нишон медиҳад [10, м.89,92].

Бар хилофи ҷумҳуриҳои омехта, ки дар онҳо ваколатҳои иҷроия байни президент ва сарвазир тақсим шуда, ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо аҳаммияти махсус пайдо мекунад, дар ҷумҳурии президентӣ роҳбарии ҳокимияти иҷроия дорои сохтори ягона ва пайдарҳам мебошад. Чунин тарзи ташкили ҳокимияти иҷроия ба таъмини возеҳияти салоҳиятҳо, ягонагии сиёсати давлатӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроия мусоидат менамояд.

Хусусияти дигари муҳимми ҷумҳурии президентӣ мустақилияти раванди ташаккули ҳокимияти иҷроия аз расмиёти парлумонӣ мебошад. Ташаккул ва фаъолияти дастгоҳи сарвари давлат, инчунин, таъин намудани шахсони мансабдори ҳокимияти иҷроия, ба тартиби инвеститураи парлумонӣ вобаста нестанд, зеро чунин ниҳод барои модели классикии ҷумҳурии президентӣ хос намебошад.

Дар ин шакли идоракунӣ президент ваколатҳои худро мустақиман аз иродаи интихобкунандагон ба даст оварда, ҳокимияти иҷроия дар асоси мандати мустақили конститутсионӣ фаъолият мекунад. Аз ин рӯ, ташаккули мақомоти иҷроия аз дастгирии парламент вобастагӣ надошта, муносибатҳои байни шохаҳои ҳокимият дар асоси принсипи мустақилияти институтсионалӣ ва ҷудоии салоҳиятҳо ба роҳ монда мешаванд. Усули ташкили ҳукумат дар доираи шакли президентии ҳокимият ба таври қатъӣ хусусияти

ғайрипарлумонӣ дошта, мустақилияти нисбии ҳокимияти иҷроияро аз парламент таъмин менамояд.

Гарчанде ки дар баъзе конститутсияҳои давлатҳои дорои шакли идораи президентӣ шаклҳои алоҳидаи иштироки парламент дар раванди ташаккул ва мукаммалсозии ҳайати мақомоти ҳокимияти иҷроия пешбинӣ шудаанд, чунин иштирок одатан хусусияти маҳдуд ва ёрирасон дорад.

Дар ин гуна ҳолатҳо нақши парламент бештар ба иҷрои ваколатҳои тасдиққунанда, машваратӣ ё назоратӣ маҳдуд гардида, он ба принсипи мустақилияти ҳокимияти иҷроия таъсири ҷиддӣ намерасонад. Иштироки мақомоти қонунгузор дар расмиёти таъйини баъзе шахсони мансабдори давлатӣ ҳамчун унсури низоми мувозинати конститутсионӣ арзёбӣ гардида, ба тағйир ёфтани моҳияти модели президентии идоракунӣ асос намегузорад.

Аз ин рӯ, ҳатто дар сурати мавҷуд будани шаклҳои муайяни ҳамкории институтсионалӣ байни парламент ва ҳокимияти иҷроия, ташаккули ҳукумат дар ҷумҳурии президентӣ мустақилияти худро нигоҳ дошта, ба дастгирии сиёсӣ ё расмиёти инвеститураи парлумонӣ вобаста намегардад. Масалан, Конститутсияи ШМА аз соли 1787 пешбинӣ менамояд, ки “Президент бо машварат ва ризоияти Сенат сафирон, намояндагони дипломатӣ ва консулҳо, судяҳои Суди Олӣ, инчунин дигар шахсони мансабдори ШМА-ро таъин мекунад” [12, м.3].

Конститутсияи Филиппин аз соли 1987 муқаррар менамояд, ки “номзадҳое, ки аз ҷониби Президент пешниҳод мегарданд, танҳо баъд аз гирифтани тасдиқи пешакии Комиссияи махсус оид ба таъиноти мансабдорон метавонанд пазируфта шаванд. Ин Комиссия дар асоси принсипи намояндагии баробар аз вакилони палатаҳои поёнӣ ва болоии парламент ташаккул ёфта, фаъолияти худро таҳти роҳбарии раиси Сенат амалӣ менамояд” [11, м.16].

Бо вуҷуди ин, дар ҳар ду кишвар тартиби ғайрипарлумонии ташаккули ҳокимияти иҷроия ҳифз гардидааст. Иштироки парламент дар таъйини баъзе шахсони мансабдор на ба хотири таъсиррасонӣ ба самти сиёсати ҳукумат,

балки барои арзёбии тахассуси касбӣ, мутобиқати номзадҳо ба талаботи ҳуқуқӣ ва риояи меъёрҳои ахлоқӣ амалӣ мешавад.

Тартиби ғайрипарлумонии ташаккули ҳокимияти иҷроия дар шароити ҷумҳурии президентӣ боиси набудани яке аз ниҳодҳои калидии шаклҳои парламентарӣ ва омехтаи идоракунӣ масъулияти сиёсии ҳукумат дар назди парламент мегардад. Дар чунин низом ҳукумат фаъолияти худро дар асоси мандати мустақили конститутсионӣ амалӣ намуда, барои сиёсати пешгирифтааш дар назди парламент ҷавобгарии сиёсӣ надорад.

Ҳамзамон, президент ҳамчун сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия низ аз эътимоди сиёсии парламент вобаста нест. Аз ин рӯ, парламент наметавонад бо сабабҳои сиёсӣ масъалаи истеъфои ҳукумат ё сарвари давлатро ба миён гузорад. Барканории президент танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ва тибқи расмиёти махсуси конститутсионӣ, аз ҷумла тавассути импичмент, имконпазир мебошад.

Ҷумҳурии президентӣ, ҳамчунин, бо татбиқи қатъии принсипи носозгории мансабҳо тавсиф мегардад. Мувофиқи ин принсип, як шахс наметавонад ҳамзамон вазифаи узви мақомоти қонунгузор ва мансаби мақомоти ҳокимияти иҷроияро ишғол намояд. Ҳадафи асосии чунин маҳдудият таъмини мустақилияти институтсионалии шохаҳои ҳокимият ва пешгирии омехташавии ваколатҳои онҳо мебошад.

Ин принсип дар қонунгузории конститутсионии бисёр ҷумҳуриҳои президентӣ мустаҳкам гардидааст. Аз ҷумла, ШМА дар Конститутсияи худ муқаррар намудааст, ки “ҳеҷ як сенатор ё вакили палатаи намояндагон дар давраи ваколатҳои худ наметавонад ба мансаби дигари давлатии федералӣ таъин карда шавад. Ҳамзамон, шахсоне, ки мансаби давлатии федералиро ишғол менамоянд, ҳуқуқ надоранд узви ягон палатаи Конгресс бошанд” [12, м.1].

Муқаррароти мазкур яке аз унсурҳои муҳимми татбиқи амалии принсипи ҷудоии ҳокимият ба шумор рафта, ба нигоҳ доштани мустақилияти

шохаҳои қонунгузор ва иҷроия, инчунин таъмини фаъолияти муназзам ва мутавозини механизми давлатӣ мусоидат менамояд.

Набудани як қатор унсурҳои низоми боздоранда ва муқовиматӣ, ки барои шаклҳои парламентарӣ ва омехтаи ҷумҳуриявии ҳокимият хос мебошанд, дар шароити ҷумҳурияти президентӣ зарурати ба вуҷуд омадани созишҳои сиёсӣ ва ғайриинститутионалиро ба миён меорад. Чунин созишҳо ҳамчун василаҳои иловагӣ ва ёрирасон барои таъмини фаъолияти устувори механизми давлатӣ дар шароити тақсимоти қатъии ҳокимият хизмат мекунанд.

Дар чунин низом ҳар як шохаи ҳокимият дар доираи салоҳиятҳои мустақили конститутсионии худ фаъолият намуда, аз эътимоди сиёсии шохаи дигар вобастагӣ надорад. Аз як тараф, мақомоти қонунгузор дар ташаккули ҳокимияти иҷроия нақши ҳалкунанда намебозанд, аз ҷониби дигар, ҳокимияти иҷроия низ имкониятҳои маҳдуди таъсиррасонӣ ба фаъолияти парламентро доро мебошад. Ин хусусият метавонад дар баъзе мавридҳо ба пайдоиши ихтилофоти сиёсӣ ва институтсионалӣ байни шохаҳои ҳокимият мусоидат намояд. Ба андешаи Елена Коврякова, “Тарзи ғайрипарлумонии ташаккули ҳукумат ва ҳамзамон набудани масъулияти парламентии он ба таври назаррас эҳтимоли сар задани муноқишаҳо миёни мақомоти давлатӣ зиёд мегардонад. Илова бар ин, набудани масъулияти парламентии ҳукумат боиси коҳиш ёфтани самаранокии шаклҳои назорати парламент аз болои фаъолияти ҳокимияти иҷроия мегардад, ки ин ҳолат метавонад ба заиф шудани механизмҳои мувозинати ҳокимият таъсир расонад” [71, с. 63]. Аз ин лиҳоз, дар ҷумҳурии президентӣ маҷмуи василаҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ мавҷуданд, ки барои маҳдуд намудани ҳокимияти иҷроия, бахусус салоҳиятҳои президент, пешбинӣ гардидаанд. Дар миёни ин василаҳо нақши муҳим ба ваколатҳои буҷетии парламент мансуб мебошад. Маҳз, тавассути татбиқи назорати қонунгузорӣ нисбат ба равандҳои маблағгузорӣ ва хароҷоти давлатӣ, парламент имконият пайдо мекунад, ки фаъолияти ҳокимияти иҷроияро ба таври муассир назорат намояд ва ҳамзамон тавозуни зарурии

байни шохаҳои ҳокимиятро таъмин созад [55, с. 389]. Масалан, Конгресси ШМА тавассути ваколатҳои буҷетии худ имкони назорати мустақимро бар фаъолияти сарвари давлат ва тамоми сохторҳои ҳокимияти иҷроия фароҳам меорад.

Бо вуҷуди ин, сатҳи рушди механизмҳои ҳуқуқии назорат ва мувозинати ҳокимият дар ҷумҳуриҳои президентӣ яксон нест. Самаранокии онҳо аз омилҳои гуногун, аз ҷумла мустақилияти мақомоти судӣ, сатҳи рушди ниҳодҳои демократӣ, нуфузи парламент ва устувории анъанаҳои конститутсионӣ вобаста мебошад. Дар ҳолатҳое, ки ниҳодҳои назорати конститутсионӣ аз мустақилияти кофӣ бархӯрдор нестанд ё парламент имкониятҳои маҳдуди назоратӣ дорад, татбиқи амалии принсипи ҷудоии ҳокимият метавонад бо мушкилоти муайян рӯ ба рӯ гардад.

Азбаски дар ҷумҳурии президентӣ президент ҳамзамон вазифаҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроияро иҷро менамояд, муносибатҳои байни сарвари давлат ва мақомоти иҷроия хусусияти махсус пайдо мекунанд. Дар чунин низом президент дорои салоҳиятҳои васеи кадрӣ буда, метавонад вазирон ва дигар мансабдорони олии ҳокимияти иҷроияро таъин ва аз вазифа озод намояд. Ин тартиб ба таъмини ягонагии сиёсати давлатӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроия ва баланд бардоштани масъулияти шахсии сарвари давлат барои натиҷаҳои идоракунӣ мусоидат мекунад.

Дар амал, таркиби ҳукумат дар бисёр ҷумҳуриҳои президентӣ бо назардошти барномаи сиёсӣ ва афзалиятҳои президент ташаккул меёбад. Одатан, ба ҳайати ҳукумат намояндагони ҳизби сиёсӣ ё гурӯҳи сиёсие ворид мешаванд, ки аз ҷониби президент дастгирӣ мешаванд. Ҳамзамон, дар баъзе давлатҳо ба ҳайати ҳукумат ҷалб намудани мутахассисони ғайриҳизбӣ ва коршиносони соҳавӣ низ ба мушоҳида мерасад.

Дар чунин низом ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатӣ асосан таҳти роҳбарии президент амалӣ мегардад. Ҷаласаҳои ҳукумат бо иштироки бевоситаи сарвари давлат баргузор шуда, дар онҳо масъалаҳои муҳимтарини

сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ баррасӣ мегарданд. Вазифаи асосии аъзои ҳукумат дар ин раванд таҳия, ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи қарорҳои қабулшуда мебошад.

Бо назардошти он ки президент дар ҷумҳуриҳои президентӣ ҳамзамон сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия мебошад, ниҳоди президентӣ хусусияти мураккаби сиёсӣ ва ҳуқуқӣ касб мекунад. Ин хусусият дар таҷрибаи давлатҳои гуногун вобаста ба шароити таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии онҳо ба таври гуногун зоҳир мегардад.

Самаранокии ҷумҳурии президентӣ, мисли ҳар шакли дигари идоракунӣ, на танҳо аз муқаррароти конститутсионӣ, балки аз сатҳи рушди низоми ҳизбӣ, фаъолияти ниҳодҳои намояндагӣ, мустақилияти мақомоти судӣ ва фарҳанги сиёсӣ низ вобастагӣ дорад.

Таҷрибаи амалии давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки мансубияти ҳизбии президент ва аксарияти парламент метавонад ба хусусияти ҳамкории байни шохаҳои ҳокимият таъсир расонад, аммо ин омил дар низоми президентӣ аҳаммияти ҳалкунанда надорад. Дар чунин шароит, самаранокии фаъолияти механизми давлатӣ бештар аз қобилияти ниҳодҳо барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои сиёсӣ ва таъмини муколамаи созанда вобаста мебошад.

Бо дарназардошти ин омилҳо, метавон ба чунин натиҷа расид, ки таҷрибаи ташаккул ва фаъолияти ҷумҳурияти президентӣ дар ШМА воқеан хусусияти нодир ва бесобиқа дорад [51, с. 39] ва кӯшиши нусхабардории он, эҳтимолан, иқдоми номуносиб хоҳад буд, агар дар кишвари мавриди назар заминаҳои зарурии сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои татбиқи чунин модел мавҷуд набошанд.

Ба андешаи муаҳаққиқ Д. А, Базарнова “Ниҳоди президентӣ ин ҳамгироии хусусиятҳои иҷтимоӣ, касбӣ ва равонии шахсиятро ифода менамояд, ки дар шуури омма ба таври мақсаднок ташаккул ёфта, натиҷаи таҳаввулоти пайвастаи ҷомеа мебошанд. Одатан, субъекти сиёсӣ ҳомили симои муайян буда, ин симо дар натиҷаи тасаввуроти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Симои ниҳоди президентӣ бо марҳилаи муайяни рушди таърихӣ

алоқаманд буда, маҳз ҳамин омил самаранокии таъсири онро ба шуури омма муайян менамояд” [60, с. 88]. Ба назари мо, муаллиф ниҳоди президентиро на танҳо ҳамчун институти ҳуқуқӣ, балки ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ арзёбӣ намуда, аҳаммияти симои ҷамъиятӣ ва таъсири онро ба шуури омма таъкид менамояд. Инчунин, таҷрибаи таърихию сиёсии давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки модели ҷумҳурии президентӣ дар шароити гузариш ва ислоҳоти амиқи сиёсиву иҷтимоӣ метавонад ба таҳкими идоракунии давлатӣ, нигоҳдории суботи сиёсӣ ва таъмини муттасилии ҳокимият мусоидат намояд.

Дар шароити ислоҳоти амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, вақте ки зарурати қабули фаврӣ ва пайгиронаи қарорҳои стратегӣ ба миён меояд, чунин шакли идоракунӣ имкониятҳои иловагӣ барои таъмини муттасилӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ фароҳам меорад.

Муҳаққиқи рус Х. Б. Нарматов барои дарки моҳияти ниҳоди президентӣ хусусиятҳои асосии онро чунин арзёбӣ менамояд: “Президент сарвари интихобшавандаи давлат буда, метавонад ҳокимияти иҷроияро роҳбарӣ намояд ё дар низоми тақсимоти ҳокимият нақши доварро иҷро кунад; Аз нуқтаи назари ташкилии давлатӣ, Президент ба ҳеҷ як мақомоти давлатӣ итоат намекунад ва дорои дараҷаи баланди мустақилият мебошад, аммо ин ӯро аз уҳдадории амал кардан дар асос ва доираи қонун озод намекунад; Мансаби президент хусусияти равшани сиёсӣ дошта, дар ташаккули сиёсати давлатӣ ва роҳбарии олии сиёсии корҳои давлатӣ нақши муҳим мебозад” [86, с. 138]. Тибқи андешаи мо муаллиф моҳияти ниҳоди президентиро дар маҷмуии хусусиятҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ташкилии он инъикос намуда, нақши президентро ҳамчун субъекти мустақили ҳокимияти давлатӣ ва иштирокчии калидии ташаккули сиёсати давлатӣ арзёбӣ кардааст.

Бо вуҷуди ин, дар шароити суботи сиёсӣ ва таҳкими давлатдории демократӣ масъалаи самаранокии дарозмуддати ин шакли идоракунӣ метавонад мавриди баҳси илмӣ қарор гирад. Таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки дар марҳилаи рушди устувори ниҳодҳои сиёсӣ зарурати такмили механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти шохаҳои ҳокимият,

густариши имкониятҳои назорати ҷамъиятӣ ва таҳкими нақши ниҳодҳои намояндагӣ аҳаммияти бештар касб менамояд. Дар чунин шароит ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроия бештар дар доираи роҳбарии ягонаи сиёсӣ амалӣ гардида, аҳаммияти расмиёти ҳуқуқие, аз ҷумла ниҳоди контрасигнатура, метавонад тағйир ёбад.

Дар марҳилаҳои гузаришии рушди давлатдорӣ президент метавонад нақши муҳимро дар таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва мусоидат ба татбиқи ислоҳоти оналӣ иҷро намояд. Ҳамзамон, самаранокии фаъолияти ҳокимияти иҷроия ба дараҷаи ҳамкории муназзами байни президент ва ҳукумат, инчунин ба возеҳияти тақсимоти салоҳиятҳо байни онҳо вобаста мебошад.

Таҷрибаи давлатҳои гуногун нишон медиҳад, ки фаъолияти босамари механизми давлатӣ дар ҳолате таъмин мегардад, ки мақоми ҳукумат ҳамчун субъекти мустақили идоракунии давлатӣ ба таври возеҳ муайян шуда, муносибатҳои байни сарвари давлат ва мақомоти иҷроия дар асоси ҳамоҳангии оналӣ ва ҳамкории мутақобила ба роҳ монда шаванд.

Дар ҳолатҳое, ки байни мақомоти олии давлатӣ эҳтимоли пайдо шудани ихтилофоти институтсионалӣ ҷой дорад, таъмини мустақилияти сохторӣ ва функсионалии онҳо ба яке аз шартҳои асосии нигоҳ доштани тавозуни ҳокимият ва фаъолияти устувори низоми давлатӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ, ҳангоми тарҳрезии шакли ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки низоми мақомоти давлатӣ дар асоси принсипҳои возеҳият, шаффофият ва тақсимоти дақиқи салоҳиятҳо ташаккул дода шавад.

Дар баъзе ҳолатҳо, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва пешгирии такрори салоҳиятҳо, ваколатҳои муайян метавонанд ба мақомоти алоҳида ё шахсони мансабдори мушаххас вогузор карда шаванд.

Ҳамин тариқ, мутобиқ намудани унсурҳои алоҳидаи моделҳои гуногуни ташкили ҳокимият ба хусусиятҳои миллӣ ва шароити мушаххаси рушди

давлатдорӣ метавонад ба таҳкими устувории низоми сиёсӣ, такмили ҳамкории байни мақомоти давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии механизми идоракунии давлатӣ мусоидат намояд.

Дар шароити муосир ду шакли асосии роҳбарии давлат мавҷуд аст монархия (император, шоҳ, амир) ва ҷумҳурӣ (президент). Фарқияти бунёдии ин ду шакли роҳбарии давлат, тибқи ақидаи аксарияти олимон, пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дар муқоиса бо шоҳ, президент мақоми интихобшаванда мебошад ва муҳлати дар вазифа қарор доштани ӯ бо меъёрҳои муайяни вақтӣ маҳдуд карда шудааст.

Шакли идоракунӣ, дар навбати худ, аз мақом ва тарзи ташкили мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ муайян мегардад. Он сохтор, тартиби ташаккул ва принсипҳои фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатиро, инчунин хусусияти муносибатҳои мутақобилаи байни онҳоро бо назардошти тақсим ва ҳадгузории салоҳиятҳои онҳо дар бар мегирад.

А.С. Пиголкин яке аз барҷастатарин назарияпардозони соҳаи ҳуқуқи давлатӣ дар давраи шуравӣ ва пасошуравӣ ба шумор рафта, дар рушди назарияи танзими ҳуқуқӣ ва масъалаҳои идоракунии давлатӣ саҳми назаррас гузоштааст. Дар осори илмии ӯ, идоракунии давлатӣ ҳамчун як навъи махсуси фаъолияти давлат шарҳ дода мешавад, ки ба татбиқи амалии вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ ва танзими равандҳои иҷтимоӣ дар заминаи меъёрҳои ҳуқуқӣ равона гардидааст.

Пиголкин ба таҳқиқи шакли ҷумҳуриявии ҳокимият таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид мекунад, ки хусусияти асосии он дар мавҷудияти мақомоти интихобшаванда ва ивазшавандаи ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардад. Ин мақомоти давлатӣ дар асоси принсипҳои ҷудоии ҳокимият, қонуният, ошкорбаёнӣ ва масъулият дар назди халқ фаъолият менамоянд. Ба андешаи ӯ, “устуворӣ ва қонунияти шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ маҳз тавассути механизми демократии ташаккули мақомоти олии ҳокимият, инчунин тавассути танзими дақиқи ҳуқуқии салоҳиятҳо ва тартиби фаъолияти онҳо таъмин карда мешавад” [37, с. 27].

Бар асоси назарияи Пиголкин, дар шароити давлати ҳуқуқбунёд идоракунии давлатӣ бояд на танҳо самаранок ва аз ҷиҳати ташкилӣ босалоҳият бошад, балки пурра ба талаботи ҳуқуқ низ тобеъ гардад. Ӯ таъкид менамуд, ки танзими ҳуқуқӣ на танҳо воситаи техникӣ барои амалисозии идоракунӣ мебошад, балки ҳамчун принсипи бунёдӣ баромад карда, ҳудуд ва шаклҳои таъсири ҳокимияти давлатиро ба равандҳои иҷтимоӣ муайян месозад. Бо ҳамин асос, идоракунии давлатӣ ҳамчун абзори амалисозии манфиатҳои ҷамъиятӣ маънидод мегардад, ки бар пояи қонуният, ҳисоботдиҳандагӣ ва шаффофият бунёд ёфтааст. Ба таври умум, барои шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ интихобшаванда ё таъсис дода шудани мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ба муҳлати муайян хос мебошад. Ин раванд ё тавассути иштироки шаҳрвандон дар интихобот ва ё ба воситаи мақомоти намояндагии умумимиллӣ амалӣ мегардад.

Дар ин замина, ниҳоди президентӣ шакли инфиродии амалӣ намудани вазифаҳои сарвари давлатро ифода менамояд, дар ҳоле ки хусусияти коллегиалии идоракунӣ дар доираи фаъолияти мустақили шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ зоҳир мегардад. Дар доираи чунин низом, механизми нигоҳдошт ва тавозуни ҳокимият амал мекунад, ки яке аз асосҳои муҳимми давлати ҳуқуқбунёд ба ҳисоб меравад.

Интихобӣ будани сарвари давлат ва дигар мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ба муҳлати муайян дар он ифода меёбад, ки онҳо тавассути интихоботи бевоситаи умумихалқӣ ташкил гардида, ваколатҳои худро дар давоми муҳлати муқаррарнамудаи Конститутсия амалӣ месозанд.

Амалисозии ҳокимияти давлатӣ на аз рӯи иродаи худ, балки дар асоси супориши халқ, дар принсипҳои волоияти қонун, тобеияти ҳамаи мақомоти давлатӣ ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва равона будани фаъолияти ҳокимият ба манфиатҳои ҷомеа таҷассум меёбад, на ба манфиатҳои худи давлат.

Ҳатмӣ будани қарорҳои мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти онҳо мутобиқи қонун амалӣ гардида, ҳамаи қарорҳои қабулшуда хусусияти уҳдадоркунанда доранд. Масалан, дар Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки “Ҳукумат мувофиқи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ қарор мебарорад ва фармоиш медиҳад, ки иҷрои онҳо дар қаламрави Тоҷикистон ҳатмист” [2, м.74].

Дар Юнон ҳамаи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ниҳоди калидӣ маҷлиси халқӣ, аз ҷониби шаҳрвандони соҳибҳуқуқ интихоб мешуданд. Дар марҳилаи феодалӣ бошад, шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ паҳншавии васеъ наёфта, нисбатан кам истифода мегардид.

Аз нуқтаи назари таснифот, ҷумҳуриҳо метавонанд ба ду навъи асосӣ аристократӣ (ашрофӣ) ва демократӣ ҷудо карда шаванд. Ҳамзамон, вобаста ба тарзи интихоб ва ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, онҳо ба шаклҳои коллегиалӣ (масалан, парламент) ва яккасарварӣ (сарвари давлат президент) тақсим мегарданд.

Ҷумҳурии аристократӣ бо он фарқ мекунад, ки дар он намояндагони табақаҳои баргузида ва элитаи иҷтимоӣ ҳокимияти олиро амалӣ менамоянд. Баръакс, дар ҷумҳурии демократӣ асоси ташкили ҳокимиятро принсипи соҳибистиқлолии халқ ташкил медиҳад, яъне эътирофи халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимият. Инчунин, дар чунин давлатҳо ҳуқуқу озодиҳои демократии инсон дар конститутсия ба таври махсус муқаррар гардида, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун, ҳуқуқи умумии интихобот ва интихобӣ будани мақомоти намояндагии ҳокимият таъмин карда мешавад.

Аз ҷиҳати таърихӣ, се навъи асосии ҷумҳурияти демократӣ ташаккул ёфтааст: президентӣ, парламентӣ ва омехта (ё нимапрезидентӣ). Ба қатори намунаҳои нисбатан рушдёфтаи ҷумҳуриҳои демократии дорои шакли идоракунии президентӣ метавон давлатҳое чун ШМА, Аргентина ва Мексикаро номбар намуд.

Дар давлатҳое, ки чунин шакли идоракунӣ амал мекунад, сарвари давлат президент мебошад, ки, одатан, ба мансаб тавассути интихобот мерасад. Дар баъзе ҷумҳуриҳои президентӣ, аз ҷумла Мексика, президент бо роҳи ғайрипарлумонӣ интихоб карда мешавад, яъне мустақилона аз парламент, тавассути интихоботи умумии мустақим бо иштироки шаҳрвандон. Ин низом

самаранок арзёбӣ мегардад, зеро дар ҳолати ба даст наомадани аксарият дар даври аввал, даври дуюм баргузор шуда, интихобкунандагон байни ду номзади пешсаф интихоб анҷом медиҳанд. Барои пирӯзӣ дар чунин давр гирифтани аксарияти одии овозҳо кофӣ мебошад.

Дар як қатор ҷумҳуриҳои президентӣ, ба монанди ШМА ва Аргентина, сарвари давлат тавассути интихоботи ғайримустақим интихоб мегардад. Дар ин ҳолат, интихоб аз ҷониби коллегияи махсуси интихобкунандагон анҷом дода мешавад.

Дар низоми классикии ҷумҳурии президентӣ президент, ҳамзамон, мақоми сарвари давлат ва роҳбари олии ҳокимияти иҷроияро ишғол менамояд. Маҳз ӯ роҳбарии умумии ҳокимияти иҷроияро амалӣ намуда, тартиб ва самтҳои асосии фаъолияти онро муайян месозад.

Дар чунин шакли идоракунӣ ташаккули ҳукумат аз ҷониби президент амалӣ гардида, мақомоти иҷроия фаъолияти худро дар асоси ваколатҳои мустақили конститутсионӣ анҷом медиҳанд. Ҳукумат дар доираи салоҳиятҳои муайянгардидаи қонунгузорӣ ба президент тобеъ буда, татбиқи сиёсати давлатӣ ва иҷрои қарорҳои қабулшударо таъмин менамояд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми ҷумҳурии президентии классикӣ набудани масъулияти сиёсии ҳукумат дар назди парламент мебошад. Дар ин низом фаъолияти ҳокимияти иҷроия ба эътимоди сиёсии мақомоти қонунгузор вобаста нест. Аз ин рӯ, парламент, чун қоида, ҳуқуқи изҳори нобоварӣ ба ҳукуматро надорад. Ҳамзамон, президент низ, чун қоида, дорои салоҳияти пароканда намудани парламент намебошад.

Дар шароити ҷумҳурии президентӣ ҳамкории мақомоти қонунгузор ва иҷроия ба принсипи тақзияи ҳокимияти давлатӣ такя намуда, мустақилияти институтсионалии ҳар як шохаи ҳокимиятро таъмин менамояд. Ҳар як шохаи ҳокимият дар доираи салоҳиятҳои конститутсионии худ фаъолият намуда, бо дигар мақомоти давлатӣ тавассути механизмҳои ҳуқуқии ҳамоҳангсозӣ ва мувозинат ҳамкорӣ менамояд.

Ҳамчун сарвари давлат, президент давлатро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ карда, самтҳои асосии сиёсати хориҷиро муайян менамояд. Ӯ аз номи давлат дар музокироти байналмилалӣ иштирок намуда, шартномаҳои байналмилалиро ба имзо мерасонад, намояндагони дипломатиро таъйин ва бозхонд менамояд, инчунин дар таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ нақши муҳим мебозад.

Ҷумҳуриҳои президентӣ бар асоси принсипи мураккаби тақсимоти ҳокимият бо ҳадгузории дақиқи салоҳиятҳо байни мақомоти давлатӣ ва инчунин, низоми амалкунандаи «нигоҳдошт» ва «тавозун» бунёд ёфтаанд. Дар доираи ин низом, инчунин, принсипи номутобиқии мандати вакилӣ бо мансаби вазир татбиқ мегардад.

Дар ҷумҳурии президентӣ ҳокимияти иҷроия ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ фаъолият намуда, тартиби ташаккул, фаъолияти ташкилӣ ва асосҳои масъулияти он аз мақомоти қонунгузор мустақил мебошад. Муносибатҳои байни ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия дар чунин низом на дар асоси тобеияти мутақобила, балки дар заминаи ҷудоии салоҳиятҳо, ҳамкории институтсионалӣ ва механизмҳои ҳуқуқии мувозинат ба роҳ монда мешаванд. Ҳадафи асосии чунин сохтор таъмини фаъолияти мустақили ҳар як шохаи ҳокимият дар доираи ваколатҳои конститутсионии он мебошад.

Аз моҳият ва хусусиятҳои мазкур як қатор аломатҳои бунёдии ҷумҳурии президентӣ бармеоянд:

– президент ва парламент ҳамчун ниҳодҳои асосии ҳокимияти давлатӣ мустақиман аз ҷониби шаҳрвандон ё тавассути расмиёти мустақили интихоботӣ соҳиби ваколат мегарданд ва ҳар кадоми онҳо манбаи мустақили легитимият доранд;

– президент, тибқи қоидаи умумӣ, наметавонад фаъолияти парламентро пеш аз анҷоми муҳлати ваколатҳояш қатъ намояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки чунин имконият бевосита дар конститутсия пешбинӣ шудааст. Дар навбати худ, парламент низ ҳуқуқ надорад бо сабабҳои сиёсӣ президентро аз вазифа

озод намояд ва ё фаъолияти ҳукуматро тавассути расмиёти изҳори нобоварӣ қатъ кунад;

– президент дар низоми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи марказӣ дошта, ҳамчун сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия амал мекунад ва фаъолияти умумии мақомоти иҷроияро роҳнамоӣ менамояд;

– ташаккули ҳайати ҳукумат ба салоҳияти президент дохил шуда, ӯ таъйин, ҷойивазкунӣ ва озод намудани аъзои ҳукуматро тибқи тартиби муқаррарнамудаи конститутсия амалӣ менамояд;

– ҳукумат фаъолияти худро дар асоси мандати мустақили иҷроия анҷом дода, барои натиҷаҳои кори худ, пеш аз ҳама, дар назди президент ҷавобгар мебошад. Дар чунин низом парламент ваколати мустақими барканор намудани аъзои ҳукуматро надорад, агар барои ин асосҳои ҳуқуқии пешбининамудаи қонун вуҷуд надошта бошанд;

– президент метавонад нисбат ба санадҳои қонунгузории қабулнамудаи парламент ҳуқуқи вето татбиқ намояд.

– дар як қатор давлатҳо барои таъйини баъзе шахсони мансабдори олии мақомоти иҷроия, мақомоти судӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ иштироки парламент дар шакли додани розигӣ ё тасдиқи номзадҳо пешбинӣ шудааст, ки ба таҳкими ҳамкории байни шохаҳои ҳокимият мусоидат мекунад;

– шартномаҳои байналмилалии аз ҷониби президент баимзорасида, одатан, баъд аз гузаштани расмиёти тасдиқ ё ратификатсияи парламент қувваи ҳуқуқӣ пайдо менамоянд;

– мақомоти судӣ ҳамчун унсури муҳимми механизми давлатӣ риояи Конститутсия ва қонунҳоро таъмин намуда, мутобиқати санадҳо ва амалҳои мақомоти қонунгузор ва иҷроияро ба талаботи ҳуқуқӣ арзёбӣ мекунанд. Тавассути чунин ваколатҳо ҳокимияти судӣ дар ҳифзи принсипи волоияти қонун ва таъмини фаъолияти мутавозини шохаҳои ҳокимият саҳми назаррас мегузорад.

Ҳамин тариқ, ҷумҳурии президентӣ ба шакли идоракуние мансуб аст, ки дар он ҳар як шохаи ҳокимият дар доираи ваколатҳои мустақили худ фаъолият

намуда, ҳамзамон, тавассути низоми мувозинат ва ҳамкории конститутсионӣ фаъолияти устувори механизми давлатиро таъмин менамояд.

Дар ҷумҳуриҳои парламентӣ, аз қабили Англия, Италия, Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва ғайра, президент, чун қоида, тавассути интихоботи бисёрзинагӣ интихоб гардида, мандати худро аз парламент ба даст меорад.

Дар солҳои охир тамоюле мушоҳида мешавад, ки баъзе давлатҳо аз чунин тарзи интихоб даст кашида, ба интихоботи мустақими умумихалқии президент мегузаранд. Масалан, 10 августи соли 2014 дар Ҷумҳурии Туркия бори аввал интихоботи мустақими президент баргузор гардид. Пеш аз ин, президент дар Туркия аз ҷониби парламент интихоб мешуд.

Ташкили ҳукумат дар Туркия низ, мисли тартиби пешинаи интихоботи президент, тавассути парламент ва бо иштироки намояндагони ҳизбҳои сиёсие, ки дар интихобот аксарияти овозҳоро ба даст овардаанд, амалӣ мегардад. Аъзои ҳукумат (вазирон), одатан, аз ҳисоби вакилони парламент интихоб мешаванд. Президент дар чунин низом вазифаҳои сарвари давлатро иҷро намуда, дар ташкили ҳукумат иштирок мекунад, мансабдорони давлатиро таъин ва барканор менамояд, ҳуқуқи пароканда сохтани палатаи поёнии парламентро дорад, парламентро ба иҷлосияҳо даъват мекунад ва метавонад вазъияти фавқулодаро ҷорӣ намояд.

Сарвари ҳокимияти иҷроия дар Туркия сарвазир мебошад. Хусусияти муҳимми ин шакли идоракунӣ дар он аст, ки ҳукумат дар назди парламент масъулияти сиёсӣ дорад. Ғайр аз ваколати асосӣ, қабули ҳокими парламент дорои салоҳияти назоратӣ низ мебошад, ки тавассути муҳокимаҳои парлумонӣ ва санҷишҳои махсус амалӣ карда мешавад. Парламент нисбат ба ҳукумат дорои салоҳияти назоратӣ низ буда, тавассути муҳокимаҳои парлумонӣ сурат мегирад.

Дар шакли идоракунии омехта (ё нимапрезидентӣ) ҳамгироии унсурҳои алоҳидаи низомҳои президентӣ ва парламентӣ мушоҳида мегардад. Ин шакл, аз як тараф, натиҷаи талошҳои тақвияти нақши парламент дар ҷумҳуриҳои президентӣ ва, аз тарафи дигар, натиҷаи болоравии мақоми президент дар

ҷумҳуриҳои парламентӣ мебошад. Ба ибораи дигар, салоҳиятҳои васеи сарвари давлат, ки барои шакли президентӣ хосанд, бо унсурҳои хоси низоми парламентӣ мутавозин гардонида мешаванд.

Нишонаҳои шакли идоракунии омехта дар Ҷумҳурии Франсия ва Федератсияи Россия ба таври возеҳ мушоҳида мегарданд. Масалан, таҳлили сохтори ташкили ҳокимияти давлатӣ дар Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки дар он унсурҳои модели ҷумҳурияти президентӣ татбиқ гардидаанд: ба Президент доираи васеи салоҳиятҳо вогузор шудааст ва ӯ мустақиман аз ҷониби шаҳрвандони кишвар тавассути интихоботи умумӣ интихоб мегардад [1, м.181]. Президенти Федератсияи Россия ҳамчун сарвари давлат дорои доираи васеи салоҳиятҳои муҳим мебошад, ки ба таъмини соҳибихтиёрӣ, амният ва якпорчагии кишвар равона шудаанд. Ҳамзамон, ӯ вазифаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти гуногуни ҳокимияти давлатиро ба уҳда дошта, дар таъмин намудани фаъолияти мутаносиб ва самараноки онҳо нақши марказӣ мебозад [1, м.80]. Бо вуҷуди он ки Президент расман сарвари ҳокимияти иҷроия намебошад, ӯ дорои салоҳиятҳои васеъ мебошад, дар самти муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ, ташкили ҳайати Ҳукумат ва таъйини роҳбарияти мақомоти федералии ҳокимияти иҷроия [1, м.83]. Президент фаъолияти шохаҳои ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судиро мувофиқа ва ҳамоҳанг месозад [1, м.80].

Дар таърих, инчунин, шакли ҷумҳурияти сотсиалистӣ мавқеи муайян доштааст, ки намудҳои асосии он ҷумҳурии шуравӣ ва ҷумҳурии халқӣ-демократӣ ба ҳисоб мераванд. Дар чунин низомҳо Шуроҳо ва анҷуманҳои халқӣ (миллӣ) ҳамчун шакли асосии муттаҳидсозии сиёсӣ ва намояндагии ҷомеа баромад мекарданд. Ин ниҳодҳо дар ихтиёри худ на танҳо ҳокимияти қонунгузор, балки назорат аз болои иҷрои қонунҳо ва инчунин, идоракунии умумии давлатиро мутамарказ менамуданд. Ҳамин тавр, тамоми ҳокимияти давлатӣ, ҳам дар сатҳи марказӣ ва ҳам дар сатҳи маҳаллӣ, ба ин мақомот тааллуқ дошт. Мақомоти иҷроия-амрдиҳанда пурра ба Шуроҳо тобеъ буда, вазифаи асосии онҳо татбиқи қарорҳои қабулшуда маҳсуб мешуд. Барои чунин

шакли ҷумҳурӣ интихобӣ будани мақомоти ҳокимияти давлатӣ хос буда, мақомоти иҷроия ба Шуроҳо итоат мекарданд ва иҷрои қарорҳои мақомоти болоӣ барои сохторҳои поёнӣ ҳатмӣ ба шумор мерафт. Дар айни замон, нақши ҳизби сиёсӣ (махсусан, ҳизбҳои коммунистӣ ё коргарӣ) дар фаъолияти механизми давлатӣ ҳалкунанда буд.

Дар ҷаҳон, дар маҷмуъ, ду шакли асосии амалисозии ниҳоди президентӣ мавҷуд аст: шакли шахсан (яъне президент ҳамчун шахси ягона) ва шакли коллегиалӣ. Шакли коллегиалӣ, одатан, дар кишварҳои дорои низоми сотсиалистӣ паҳн гардида буд. Дар шароити муосир ин шакл камтар истифода мешавад, ҳарчанд дар баъзе давлатҳо то ҳол амал мекунад. Масалан, Шурои федералии Швейтсария функсияҳои сарвари давлат ва ҳукуматро дар шакли коллегиалӣ муттаҳид менамояд. Дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бошад, ваколатҳои асосии президентӣ байни Роҳбари олӣ (ки тавассути механизми махсус аз ҷониби рӯҳониён интихоб мегардад) ва президент (ки аз ҷониби шаҳрвандон интихоб мешавад) тақсим шудаанд.

Ҳамин тариқ дар кишварҳои гуногун ҷойгоҳи президент дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ яксон нест. Мавқеи президент дар низоми тақсимоти ҳокимият бевосита аз шакли идоракунии давлат вобаста мебошад. Президент дар бархе аз давлатҳо на танҳо сарвари давлат, балки роҳбари ҳукумат ва ҳокимияти иҷроия низ маҳсуб шуда, дар идоракунии давлатӣ нақши ҳалкунанда дорад. Дар дигар давлатҳо бошад, президент бештар мақоми расмӣ дошта, шакли идоракунӣ хусусияти парламентӣ дорад. Дар чунин низомҳо ҳокимияти иҷроияи воқеӣ дар ихтиёри ҳукумат қарор дошта, сарвари он (сарвазир) дар низоми идоракунӣ нақши калидӣ мебозад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ шаклҳое низ мавҷуданд, ки дар онҳо хусусиятҳои ҷумҳуриҳои парламентӣ ва президентӣ ба ҳам омехта шудаанд, ки онҳоро шакли омехтаи идоракунӣ меноманд. Дар чунин низом, чун қоида, сарвари давлат шахсе мебошад, ки мақоми баландро дар иерархияи мақомоти давлатӣ ишғол намуда, намояндагии олии давлатро ҳам дар дохил ва ҳам дар арсаи байналмилалӣ таъмин менамояд. Дар айни замон, ӯ метавонад ҳамчун

субъекти муҳимми ҳокимияти иҷроия баромад намуда, ваколатҳои худро ё мустақиман ва ё дар ҳамкорӣ бо ҳукумат амалӣ намояд.

Дар ҳамаи давлатҳое, ки шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ доранд, мансаби президент хусусияти интихобӣ дорад. Шахсе, ки ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва Конститутсия ҷавобгӯ мебошад, метавонад ба ин мансаб интихоб гардад. Ҳамаи президентҳо ба муҳлати муайян интихоб мешаванд, зеро ишғоли мансаби президентӣ бо доираи мандати конститутсионӣ маҳдуд карда мешавад.

Тартиби интихоботи президент дар кишварҳои гуногун фарқ мекунад. Дар ҷумҳуриҳои дорои шакли идоракунии президентӣ президент мандати бевоситаи халқро соҳиб мегардад, яъне тавассути интихоботи мустақими умумӣ интихоб мешавад. Дар чунин ҳолат парламент дар раванди интихоботи президент иштирок намекунад ва ба ташаккули ин мақом дахолат надорад.

Дар баъзе ҷумҳуриҳои нимапрезидентӣ ва омехта низ, президент дорои мандати мустақими халқ мебошад. Чунин тарзи ташкили ниҳоди президентӣ аз ҷиҳати демократӣ нисбатан самаранок арзёбӣ мегардад, ба шарте ки интихобот дар асоси принсипҳои озод, шаффоф ва рақобатпазир баргузор гардад.

Ғайр аз ин, дар як қатор кишварҳо таҷрибаи интихоботи ғайримустақими президент низ амал мекунад. Дар чунин низом, сарвари давлат бидуни иштироки бевоситаи парламент интихоб мешавад, аммо мандати худро на аз раъйи мустақими шаҳрвандон, балки аз коллегияи махсуси интихобкунандагон ба даст меорад, ки худи онҳо аз ҷониби мардум интихоб гардидаанд. Ин тартиб, масалан, дар ШМА, Индонезия ва Покистон истифода мешавад.

Дар ҷумҳуриҳои парламентӣ бошад, тартиби интихоботи сарвари давлат комилан фарқ мекунад. Дар ин кишварҳо президент, одатан, мандати мустақими халқро соҳиб нест, зеро тавассути механизми интихоботи бисёрзинагӣ (аз ҷониби парламент ё коллегияи интихобкунандагон) интихоб мегардад.

Таҳлили шаклҳои гуногуни идоракунӣ нишон медиҳад, ки ҳар як давлати ҷумҳуриявӣ бо дарназардошти шароити таърихӣ, анъанаҳои сиёсӣ ва сохтори иҷтимоии худ шакли мувофиқтарини ташкили ҳокимияти давлатиро интихоб менамояд. Шакли идоракунии омехта, ки унсурҳои президентӣ ва парламентиро дар бар мегирад, ҳамчун кӯшиши таъмини тавозуни ҳокимият байни президент ва парламент арзёбӣ мешавад. Дар чунин низом ҳукумат ҳам дар назди президент ва ҳам дар назди парламент ҷавобгар буда, ҳар ду ниҳод дар раванди ташаккули он иштирок менамоянд.

Намунаҳои амалии чунин шаклро метавон дар кишварҳое чун Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Франсия мушоҳида кард, ки дар онҳо президент дорои салоҳиятҳои васеъ мебошад, аммо иҷрои бевоситаи вазифаҳои идоракунии ҳукуматро ба уҳда надорад. Дар баробари ин, таҷрибаи давлатдории сотсиалистӣ низ як шакли хоси ҷумҳуриявӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он Шуроҳо ё анҷуманҳои халқӣ ҳокимияти мутлақро амалӣ намуда, нақши ҳизби сиёсӣ (асосан, коммунистӣ) дар фаъолияти механизми давлатӣ ҳалкунанда мебошад.

Дар низомҳои гуногуни давлатдорӣ, аз ҷумла монархияи парламентӣ, ҷумҳурияти президентӣ ва нимапрезидентӣ, нақш ва мақоми сарвари давлат бевосита, аз ҳаҷм ва хусусияти салоҳиятҳои ӯ вобаста мебошад. Дар баъзе кишварҳо президент танҳо мақоми рамзӣ ва расмӣ дошта, вазифаҳои намояндагиро иҷро мекунад, дар ҳоле ки дар давлатҳои дигар ӯ ҳамчун роҳбари воқеии ҳукумат ва ҳокимияти иҷроия баромад намуда, дар идоракунии давлатӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

Хусусан, дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки низомҳои давлатдорӣ пайваста дар ҳоли тағйир ва таҳаввул қарор доранд, масъалаи интихоби шакли идоракунӣ ва таъмини фаъолияти муназзами шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, инчунин робитаи онҳо бо ҷомеа аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Бо вуҷуди ин, бояд таъкид намуд, ки на худи шакли идоракунӣ, балки сатҳи воқеии демократия ва дараҷаи кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд меъёри

асосии арзёбии самаранокии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, самаранокии фаъолияти ниҳоди президент нақши калидӣ мебозад.

Ҳамин тариқ, таҳлили таҷрибаи кишварҳои гуногуни дорои шакли ҷумҳуриявии идоракунӣ нишон медиҳад, ки дар амал шаклҳои гуногуни ҷойгоҳи ниҳоди президентӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ, махсусан дар муносибат бо ҳокимияти иҷроия, ташаккул ёфтаанд:

- президент ҳамчун сарвари давлат (масалан, Олмон);
- президент ҳамчун сарвари давлат ва сарвари ҳокимияти иҷроия (масалан, ШМА);
- президент ҳамчун сарвари давлат ва роҳбари воқеии ҳукумат (масалан, Франсия).

Дар ҳамаи ин моделҳо президент ба сифати сарвари давлат баромад мекунад, аммо фарқияти асосӣ дар дараҷаи иштирок ва нақши ӯ дар амалисозии ҳокимияти иҷроия зоҳир мегардад. Бо назардошти ин хусусиятҳо, ин шаклҳои маъмулро метавон шартан ҳамчун моделҳои аврупоӣ, амрикоӣ ва фаронсавии ниҳоди президент тавсиф намуд.

БОБИ II. ТАШАККУЛ ВА РУШДИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

2.1. Заминаҳои сиёсии пайдоиш ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мавҷудияти ниҳоди президент чунин низоми идоракуниро таъмин мекунад, ки дар доираи он сарвари давлат метавонад, фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро ба таври ҳамоҳанг роҳнамоӣ намуда, нуфузи ҳуқуқӣ ва сиёсии худро дар татбиқи ҳокимияти иҷроия самаранок амалӣ гардонад. Бо дарназардошти он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз беш аз се даҳсола таҷрибаи амалии низоми идоракунии президентиро соҳиб гардидааст, масъалаи такмили минбаъдаи фаъолияти ин ниҳод аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар ин замина, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, арзёбиҳои таҳлилӣ ва тавсияҳои олимону коршиносон метавонад барои такмили механизмҳои фаъолияти ниҳоди Президент, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва баланд бардоштани самаранокии ҳокимияти иҷроия заминаи устувор муҳайё созад

Ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи тулонии пайдоиш ва амал надорад. Дар ин давраи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маротиба бозбинӣ ва таҷдид гардидааст, ки ин раванд аз вазъи сиёсӣ ва ниёзҳои давлати Тоҷикистон бармеомад.

Пайдоиши ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз рӯйдодҳои муҳимми таърихи давлатдории навини кишвар ба ҳисоб рафта, аз рӯй овардани Тоҷикистон ба таҷрибаи муосири ташкил ва фаъолияти ниҳодҳои сиёсиву ҳуқуқии давлатҳои демократӣ шаҳодат медиҳад. Баррасии мавқеи муҳаққиқоне, ки дар фаслҳои қаблӣ таҳлил гардиданд, нишон медиҳад, ки зарурати тақвияти ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ, таъмини қабули фаврӣ ва босифати қарорҳои идорӣ, такмили механизми татбиқи қонунҳо, инчунин таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз муҳимтарин омилҳое ба шумор мерафтанд, ки барои ташаккули модели нави идоракунии давлатӣ бо сарварии Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси воқеӣ фароҳам оварданд.

Ниҳоди Президент дар Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлатдории навин ҳамчун воситаи муҳимми таъмини суботи сиёсӣ ва таҳкими ҳокимияти давлатӣ баромад намуд. Маҳз тавассути ин ниҳод имконият фароҳам омад, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ ҳамоҳанг гардида, самаранокии низоми идоракунӣ баланд бардошта шавад ва барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар шароити мусоид муҳайё гардад.

Дар марҳилаҳои аввали ташаккули он Консепсияи ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон пурра ва бо тамоми ҷузъиёташ таҳия ва коркард нашуда буд. Аз ин рӯ, мазмун ва муҳтавои он ба тағйироти куллӣ дар ҳамаи механизмҳои давлатии идоракунӣ таъсири кофӣ расонида натавонист. Дар натиҷа, мансаби президентӣ дар асоси Қонуне, ки 27-уми ноябри соли 1992 қабул гардид, барҳам дода шуд.

Асоси сиёсию ҳуқуқии таъсиси мансаби Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро Эъломия «Дар бораи Истиқлолияти давлатӣ» аз 24 августи соли 1990, ки аввалин маротиба дар он дарҷ гардида буд, ташкил медиҳад [9]. Баъдан дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: “Ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи тақзияи ҳокимият ба роҳ монда мешавад” [2, м.9]. Моддаи мазкур таъкид мекунад, ки ҳокимияти давлатӣ ба се шохаи мустақил тақсим мешавад: қонунгузор, иҷроия ва судӣ.

Барои амалисозии ин принсип Қонун «Дар бораи таъсиси мансаби Президенти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» аз 29 ноябри соли 1990 қабул гардид. Тартиби баргузории нахустин интихоботи Президенти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бо қонуни махсуси конститутсионӣ муайян гардида буд. Тибқи ин санади ҳуқуқӣ, ваколати интихоби Президент ба зиммаи Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон вогузор шуда, интихобот дар шакли овоздиҳии пинҳонӣ баргузор мегардид. Дар баробари ин, муҳлати ваколати Президенти интихобшуда ба давраи фаъолияти Шурои Олии даъвати дувоздаҳум мутобиқ карда шуда буд.

Қонуни мазкур барои иштирок дар интихоботи президентӣ низ талаботи мушаххас пешбинӣ менамуд. Аз ҷумла, шахсе метавонист ба ҳайси номзад пешниҳод гардад, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бошад, ба миллати тоҷик тааллуқ дошта, синнаш аз 35 сол кам набошад.

Ҳуқуқи пешбарии номзадҳо ба вазифаи Президенти ҶШСТ тибқи муқаррароти қонун танҳо ба вакилони халқи ҷумҳурӣ мансуб буд. Ғолиби интихобот он номзад эътироф мегардид, ки зиёда аз нисфи овозҳои шумораи умумии вакилони халқи Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистонро соҳиб мешуд.

Дар асоси ҳамин тартиби ҳуқуқӣ Қаҳҳор Маҳкамов нахустин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Ӯ моҳи ноябри соли 1990 дар Иҷлосияи чаҳоруми Шурои Олии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум бо овоздиҳии вакилон ба ин мансаб интихоб шуда, то 4 сентябри соли 1991 ваколати Президенти ҷумҳуриро амалӣ намуд.

Пас аз анҷоми ваколатҳои ӯ ва то баргузории интихоботи нав, иҷрои вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Аслонов вогузор гардид. Моҳи ноябри соли 1991 дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол аввалин маротиба интихоботи умумихалқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар варақаҳои интихоботӣ номзадии 7 нафар ба мансаби Президент пешниҳод шуда буд. Инҳо: Набиев Раҳмон, Худоназаров Давлат, Тураев Сайфуддин, Насриддинов Ҳикматулло, Салимов Бурихон, Шоев Бобишо ва Махсумов Акбар буданд, ки аз миёни инҳо Набиев Раҳмон бо гирифтани 1 321 189 овоз (58,52%) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Илова ба ин, ҳар як номзад ба Президент номзад ба мансаби ноиби Президентро низ муаррифӣ менамуд.

Интихобот дар фазои ором бо риояи талаботи қонунгузорӣ баргузор гардид, ки инро нозирон аз дигар кишварҳои мустақил – Қазоқистон, Латвия,

Украина, Узбекистон, Қирғизистон, Россия, Армения, Гурҷистон ва Эстония тасдиқ намуданд.

Раҳмон Набиев дар мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон то 7 сентябри соли 1992 ифои вазифа намуд. Баъдан иҷрои салоҳиятҳои Президент ба зиммаи Раиси Шурои Олӣ А.Искандаров вогузор карда шуд, ки то баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ба ҳайси иҷрокунандаи вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуд.

Дар марҳилаи ташаккули давлатдории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) ҳамчун рӯйдоди сарнавиштсоз ва нақши меҳвариро дар таҳкими сулҳу ваҳдат ва пойдории миллӣ нақши асосӣ бозидааст [24, с. 7]. Иҷлосияи XVI на танҳо як рӯйдоди муваққатӣ, балки оғози марҳилаи нав дар худшиносии сиёсиву ҳуқуқии ҷомеаи тоҷик буда, арзишҳои таърихиву фарҳангиро ба пояҳои сиёсии давлат табдил дод. Таҳкими пояҳои арзишӣ дар ин марҳила ҳамчун заминаи руҳониву маънавии давлатдорӣ хизмат кардааст.

Гузаронидани ин иҷлосияи таърихӣ ва қабули қарорҳои ҳалкунанда дар раванди эъмори сулҳу субот, таъмини истиқлолияти воқеии давлатӣ, таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлатдорӣ, рушди ниҳодҳои сиёсӣ, махсусан ниҳоди Президент ва гузариш ба шакли идоракунии президентӣ , заминаи воқеӣ ва устувор фароҳам овард. Дар он замон иҷлосия нақши ҳамчун нуқтаи гардишии конститутсиониро иҷро карда модели навини ҳокимияти сиёсиро ба вуҷуд овард. Ин ҳодиса аз лиҳози назариявӣ ҳамчун марҳилаи институтсионализатсияи низоми сиёсӣ ва ташаккули шахсияти давлат арзёбӣ мешавад.

Иҷлосия, ки дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ баргузор гардид, шароити мусоидеро барои ташаккули роҳбарияти олии кишвар фароҳам овард ва бо қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии сарнавиштсоз, ба марҳилаи нави ташаккул ва танзими ҳуқуқии ҷомеа оғоз бахшид [24, с. 10]. Иҷлосия дар шароите баргузор гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҳрони амиқи сиёсӣ ва хатари фурӯпошии сохторҳои давлатӣ

рӯ ба рӯ шуда буд. Дар чунин вазъият, қарорҳои қабулшуда на танҳо ба ҳифзи пояҳои сиёсии давлатдорӣ мусоидат намуданд, балки барои ташаккули заминаҳои ҳуқуқии рушди минбаъдаи низоми давлатӣ ва ҳуқуқӣ низ шароити зарурӣ фароҳам оварданд. Аз ин лиҳоз, нақши иҷлосияи мазкур дар раванди барқарорсозӣ ва таҳкими сохтори давлатӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Қарори муҳимтарин ва тақдирсоз дар ин иҷлосия интихоби Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки дар шахсияти ӯ арзишҳои миллӣ, иродаи сиёсии устувор ва садоқат ба ормонҳои мардум таҷассум ёфта буданд. Ин интихоби таърихӣ шакли устувори раҳбарии сиёсиро ба вуҷуд овард ва ба таври воқеӣ раҳнамои давраи барқарории сиёсӣ гардид. Таҳлили илмии ин воқеа нишон медиҳад, ки шахсият ва сиёсати Эмомалӣ Раҳмон бо эҳёи давлатдории миллӣ тавъам гардид.

Зимни фаъолияти иҷлосия 23 масъалаи калидии марбут ба барқарор намудани суботи сиёсӣ ва таҳкими амнияти миллӣ муҳокима гардида, дар натиҷа 74 санади меъёрии ҳуқуқии дорои аҳаммияти умумидавлатӣ, аз ҷумла қонунҳо, қарорҳо ва фармонҳо, ба тасвиб расонида шуданд. Миқдори зиёди санадҳои қабулгардида нишон медиҳад, ки иҷлосия ҳамчун як парламенти фавқулода амал карда, фазои ҳуқуқии давлатро ба вуҷуд овард. Аз лиҳози ҳуқуқшиносӣ, ин раванди санадбарорӣ пояи ҳуқуқии гузаришро таъмин намуд.

Дар иҷлосия як қатор қонунҳои муҳимми иҷтимоӣ, ба мисли Қонун «Дар бораи авфи умум», санадҳо оид ба дастгирии гурезагон, маъюбони ҷанги шаҳрвандӣ ва оилаҳое, ки саробони худро аз даст додаанд, қабул гардиданд, ки нишонгари ташаккули сиёсатҳои башардӯстона ва иҷтимоии давлат дар марҳилаи буҳронӣ буданд.

Ин тадбирҳо ҳамчун ҷавоби давлатӣ ба ниёзҳои ҷомеа дар шароити буҳрон ва ҷанги шаҳрвандӣ арзёбӣ мешаванд. Ҳуқуқи инсон ва масъалаи реинтегратсияи иҷтимоӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор гирифт.

Бо ташаббуси иҷлосия ва қарорҳои қабулшуда баъдан замина барои таъсиси парламенти касбӣ ва рукнҳои бунёдии низоми намояндагии халқӣ

гузошта шуд. Ин иқдом оғози ислоҳоти конститутсионӣ ва гузариш ба низоми муосири ҳокимиятро ифода намуд. Аз нигоҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ин марҳила ташаккули низоми демократиро замина гузошт.

Қонунҳои қабулшуда самтҳои асосии фаъолияти минбаъдаи мақомоти қонунгузорӣ дар солҳои ташаккули сулҳу субот, таҳкими пояҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро муайян карданд. Аз ин рӯ, иҷлосия ҳамчун таҳиякунандаи стратегия ва механизми рушд баромад намуд. Он масири тағйироти конститутсионӣ ва институтсионалиро дақиқ намуд.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқ А. Саидов чунин андеша дорад, ки “маҳз дар пайи ин иҷлосия ва иқдомҳои он арзишҳое ба монанди давлатдории ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоӣ, истиқлолияти қонунгузорӣ, гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, иқтисоди бозорӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, парламентаризм, худидораи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки дар низоми шуравӣ мавҷуд набуданд, оғоз ба ташаккул намуданд” [39, с. 17]. Андешаи мо оиди андешаи муаллиф дар ин аст, ки маҳз, ин Иҷлосия, аз як тараф, тавассути таҳкими заминаҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ ва фароҳам овардани шароит барои таъмини волоияти қонун, барои бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд асос гузошт. Аз ҷониби дигар, он риояи меъёрҳои эътирофшудаи байналмилалиро ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд.

Ин ду ҷабҳаи сиёсати иҷлосия нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар пайи ҳамгироии дохилӣ ва эътирофи байналмилалӣ ҳаракат дошт. Ҳамзамон, он бо ин иқдом вориди муколамаи байналмилалӣ гардид.Ин равандҳоро метавон ҳамчун оғози шаклгирии давлати ҳуқуқбунёд арзёбӣ кард. Ислоҳоти сохторӣ дар асоси заруратҳои ҷомеаи гузариш ба роҳ монда шуданд.

Бори нахуст дар сатҳи расмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин иҷлосия мавқеи худро ҳамчун ҷонибдори арзишҳои ҳуқуқбунёд, низоми дунявӣ, риояи ҳуқуқи инсон, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар асоси принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ эълон кард. Ин мавқеъ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ, парлумонҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба таври мусбат пазируфта шуд ва роҳро барои эътирофи дипломатии минбаъдаи Тоҷикистон ҳамвор

кард. Ин иқдом ҳамчун оғози дипломатияи фаъол ва ҳуқуқмеҳвар арзёбӣ мегардад. Тоҷикистон худро ба ҳайси як субъекти комили ҳуқуқи байналмилалӣ муаррифӣ кард.

Дар маҷмуъ, метавон хулоса кард, ки Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди низоми идоракунии президентӣ, таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ, ташаккули низоми сиёсии муосир ва ба роҳ мондани фаъолияти муассири мақомоти ҳокимияти давлатӣ нақши ҳалкунанда бозид ва ҳамчун заминаи устувори ташаккули давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд хидмат намуд.

Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 19 ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоб баргузор шуд, дар таърихи давлатдории кишвар нуқтаи гардиш ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин иҷлосия вакили Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб Эмомалӣ Раҳмон бо овоздиҳии вакилон Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Зимни баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вакил Ю. Б. Исҳоқӣ пешниҳод намуд, ки бо назардошти вазъи мураккаби ҷамъиятӣ ва сиёсӣ дар кишвар, то ба эътидол омадани вазъ ва қабули Конститутсияи нав фаъолияти ниҳоди Президент муваққатан боздошта шавад.

Ташаббуси мазкур аз ҷониби вакилони Шурои Олӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифта, дар натиҷа то қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 фаъолияти ниҳоди Президент дар кишвар ба таври муваққатӣ боздошта шуд. Ҳамзамон, заминаи ҳуқуқии таъсиси мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бояд тавассути интихоботи умумӣ ва мустақими шаҳрвандон интихоб мегардид, бо Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 1990 гузошта шуда буд. Бо мақсади рушди минбаъдаи танзими ҳуқуқии ин ниҳод, 10 сентябри соли 1991 Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуд, ки тартиби баргузории интихоботи президентиро муайян мекард.

Дар асоси муқаррароти мазкур, 24 ноябри соли 1991 аввалин интихоботи умумихалқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда шуд. Вале, вазъи муташшаниҷи сиёсӣ, баъд аз интихоботи Президент ба ҷанги шаҳрванди табдил гашт камбудии ҳокимияти президентиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он муҳлати вақт, нишон дод. Аз ин сабаб дар Иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ қарор қабул карда шуд, ки мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода шавад. Бо ҳамин марҳилаи аввали шаклгирии ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расид.

Марҳилаи дуюми ташаккул ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст. Моҳи марти соли 1994 ду лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: президентӣ ва парламентӣ таҳия карда шуда буд. Баъди баррасиҳои зиёд комиссия оид ба таҳияи Конститутсия ба хулоса омад, ки танҳо лоиҳаи Конститутсияи шакли идоракунии президентӣ ба баррасии умумихалқӣ пешниҳод карда шавад. 6 ноябри соли 1994 ҳамзамон бо баргузории раъйпурсии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоботи президент низ баргузор карда шуд. Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди Президент дубора таъсис дода шуд.

Пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 то ба имрӯз дар Тоҷикистон 5 маротиба солҳои 1994, 1999, 2006, 2013 ва 2020 интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар ин маъракаҳои сиёсӣ бо гирифтани аксарияти овозҳо ва бартарии комил Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии президентӣ ҳамон усули ташкили ҳокимияти президентиро интихоб намудааст, ки президент бевосита, аз ҷониби халқ интихоб карда мешавад. Моддаи 65 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки: “Президентро шаҳрвандони Тоҷикистон ба тарзи умумӣ, мустақим, баробар ва овоздиҳии пинҳонӣ ба муҳлати 7 сол интихоб менамоянд. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз 35 кам набошад, забони давлатиро донад ва дар қаламрави ҷумҳурӣ на камтар

аз 10 соли охир истиқомат дошта бошад, метавонад ба номзадии Президент пешниҳод гардад. Шахсе ба номзадии Президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд” [2, м.65].

Дар воқеъ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури асосии низоми давлатдорӣ, тавозуни устувори сохтори «секунҷаро»-и рукнҳои давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судиро таъмин менамояд. “Маҳз тавассути фаъолияти самаранок ва мақсадноки ин мансаб, ягонагӣ ва тамомияти арзии кишвар ҳифз гардида, пойдорӣ ва устувории давлат таъмин карда мешавад. Дар баробари ин, фаъолияти мақомоти давлатӣ дар асоси қонун ба роҳ монда шуда, ҳамкории созанда ва ҳамоҳангии онҳо таҳким меёбад, инчунин иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таъмин ва тақвият дода мешавад” [48, с. 74-75].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили истиқлолияти миллӣ ва устувории давлатдорӣ мавқеи марказӣ дар пешбурди минбаъдаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ ишғол менамояд. Фаъолияти ӯ ба ташаккули низоми шаффоф ва самараноки фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини истифодаи мақсаднок ва оқилонаи захираҳои буҷетӣ, инчунин, ба рушди устувори соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар равона гардидааст. Бо ин мақсад, Президент вазифаҳо ва ваколатҳои мақомоти идоракуниро дақиқ муайян ва ҷудо менамояд, ки он ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳокимияти иҷроия мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон – кишвари ҷавон ва соҳибистиқлол мебошад, ки қадамҳои аввалинро дар роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократӣ, ки дар заминаи ҷомеаи шаҳрвандии пешрафта асос ёфтааст, гузошта истодааст. Ин раванди мураккаб ва давомдор буда, зарурати шикастани қолабҳои низоми собиқи тоталитарӣ, тағйири Конститутсия ва низоми идоракуниро дорад.

Ҳамин тариқ, пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули Конститутсия, ташаккули низоми нави ҳокимияти давлатӣ ва таъсиси ниҳоди Президент аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми давлатсозии навин ба ҳисоб

мерафтанд. Таъсиси ин ниҳод марҳилаи сифатан нави рушди давлатдории миллиро оғоз бахшид. Аз ин рӯ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи ниҳоди Президент дар Тоҷикистон бояд бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва фаъолияти ин ниҳоди давлатӣ амалӣ карда шавад.

Таҳлили конститутсионию ҳуқуқии мақом ва вазъи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти нақши воқеии ӯ дар амалисозии идоракунии давлатӣ, на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти муҳимми амалӣ низ дорад. Чунин таҳлил барои рушди минбаъдаи давлатдории миллӣ, такмили механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунӣ аҳаммияти хос касб менамояд.

Таҷрибаи андӯхтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент ба унвони яке аз унсурҳои муҳимми низоми сиёсӣ дар танзими равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар нақши назаррас дорад. Фаъолияти ин ниҳод дар таҳкими давлатдорӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва фароҳам овардани замина барои рушди устувори ҷомеа аҳаммияти муҳим пайдо кардааст.

Ҳамчунин, ташаккули сохтори нави фаъолияти сиёсӣ ва низоми идоракунии давлатӣ таҳти роҳбарии Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистони тозаистиқлол, ҳамзамон бо ба вуҷуд омадани ниҳоди Президент ҳамчун падидаи нави сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ зуҳур намуд, ки дар тамоми марҳилаҳои таърихи давлатдории тоҷикон аз давраи ҳукмронии асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ то имрӯз ҳамтои мустақими таърихӣ надорад.

Бо вуҷуди мавҷудияти таҷрибаҳои гуногуни ислоҳот, мушкилот ва тағйироти сохторӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист хусусияти худро ҳамчун яке аз рукнҳои асосии ҳокимияти давлатӣ, пеш аз ҳама, ҳокимияти иҷроия, ки моҳиятан бо он робитаи зич ва ҷудонопазир дорад, ҳифз намуда, устувории онро таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, дар шароити давлати ҳуқуқбунёд фаъолияти мунтазам, ҳамоҳанг ва самараноки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин муносибати мутақобилаи онҳо бо ҷомеа аҳаммияти махсус касб менамояд. Самаранокии фаъолияти низоми давлатӣ на танҳо аз такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии он, балки аз сатҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти шохаҳои ҳокимият, риояи принсипи волоияти қонун, таъмини шаффофият ва ҷавобгарии мақомоти давлатӣ дар назди ҷомеа вобастагии мустақим дорад.

Дар чунин шароит, ташаккули муносибатҳои устувори байни давлат ва ҷомеа, таҳкими эътимоди шаҳрвандон ба ниҳодҳои давлатӣ ва фароҳам овардани механизмҳои муассири иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар идоракунии давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим ба ҳисоб мераванд. Ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ бо ҷомеа яке аз омилҳои асосии ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба шумор рафта, барои таҳкими суботи сиёсӣ, кафолати риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин таъмини рушди устувори давлат шароити мусоид муҳайё месозад.

Бо ҳамин асос, самаранокии фаъолияти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва такмили низоми ҳамкории онҳо бо ҷомеа ҳамчун яке аз шартҳои муҳимми ташаккул ва рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ арзёбӣ мегардад.

2.2. Мақом ва ҷойгоҳи ниҳоди Президент дар низоми тақсимоти ҳокимияти сиёсии Тоҷикистони муосир

Ҳокимияти сиёсӣ дар шароити муосир яке аз унсурҳои асосии ташаккул ва фаъолияти низоми сиёсии давлат ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути он самтҳои умумии рушди ҷомеа муайян гардида, муносибатҳои байни давлат, ҷомеа, ниҳодҳои сиёсӣ ва шаҳрвандон танзим карда мешаванд. Дар ҳар як низоми сиёсӣ мавҷудияти маркази муайяни сиёсӣ зарур аст, ки тавонад равандҳои сиёсиро ба низом дарорад, фаъолияти субъектҳои гуногуни сиёсиро ҳамоҳанг созад ва устувории умумии ҷомеаро таъмин намояд. Аз ин рӯ,

ҳокимияти сиёсӣ на танҳо воситаи татбиқи қарорҳои давлатӣ, балки заминаи асосии ташкили муносибатҳои сиёсӣ ва нигоҳдории суботи ҷомеа ба шумор меравад.

Дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир ниҳоди Президент мақом ва ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Ин ниҳод ҳамчун яке аз унсурҳои марказии низоми сиёсӣ баромад карда, дар ташаккули самтҳои асосии рушди сиёсӣ, таъмини пайдарҳамии сиёсати давлатӣ ва нигоҳдории тавозуни муносибатҳои сиёсӣ нақши муҳим дорад. Мақоми Президент дар ин низом танҳо бо салоҳиятҳои ҳуқуқӣ маҳдуд намегардад, балки аҳаммияти сиёсӣ ва институтсионалии васеътар дорад. Зеро, Президент дар амал ҳамчун маркази муттаҳидкунандаи иродаи сиёсӣ, кафили суботи сиёсӣ ва омили асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳои гуногуни сиёсӣ баромад менамояд.

Хусусияти муҳимми ҷойгоҳи Президент дар низоми сиёсии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки ин ниҳод робитаи байни давлат ва ҷомеаро дар сатҳи олӣ таҷассум менамояд. Ҳамзамон, Президент ҳамчун сарвари давлат вазифаи таъмини ягонагии низоми сиёсӣ, ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ ва таҳкими пояҳои давлатдориро иҷро менамояд. Дар ин замина, фаъолияти ӯ ба нигоҳ доштани суботи сиёсӣ, ҳамоҳангсозии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ ва пешгирии ихтилофоти эҳтимолии сиёсӣ равона карда мешавад. Дар чунин шароит ниҳоди Президент ба унсури одии сохтори сиёсӣ маҳдуд нашуда, балки ҳамчун меҳвари асосии низоми сиёсии Тоҷикистони муосир арзёбӣ мегардад.

Нақш ва аҳаммияти ниҳоди Президент дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо муайян намудани мақоми конститутсионии он маҳдуд намегардад. Таҳлили таҷрибаи амалии фаъолияти ин ниҳод нишон медиҳад, ки Президент дар механизми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи марказӣ дошта, дар таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ нақши калидӣ мебозад.

Дар марҳилаи кунунии рушди давлатдорӣ ниҳоди Президент мавқеи меҳвариро дар низоми идоракунии давлатӣ ишғол менамояд, зеро татбиқи

самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, инчунин таъмини ҳамоҳангии фаъолияти шохаҳои ҳокимияти давлатӣ маҳз тавассути ин ниҳод амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, ин ниҳод ҳамчун василаи муҳимми ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими қонуният, нигоҳдории суботи сиёсӣ ва рушди устувори ҷомеа баромад менамояд.

Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи мақом, ваколатҳо ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки моҳият ва хусусиятҳои рушди давлатдории миллӣ амиқтар дарк карда шуда, роҳҳои такмили минбаъдаи низоми идоракунии давлатӣ муайян карда шаванд.

Дар шароити муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти сиёсӣ ва ҳуқуқии ниҳоди Президент аз доираи ваколатҳои расмии конститутсионӣ фаротар рафта, он ҳамчун омили муҳимми таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди давлат баромад менамояд.

Аз ин рӯ, омӯзиши мақом ва ҷойгоҳи ниҳоди Президент дар низоми сиёсии Тоҷикистон бояд на танҳо аз дидгоҳи ҳуқуқи конститутсионӣ, балки бо дарназардошти нақши воқеии он дар ташаккул ва рушди муносибатҳои сиёсӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ ва таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти ҳокимият амалӣ карда шавад. “Ин ниҳод дар раванди ташаккул, устуворсозӣ ва рушди низоми сиёсии кишвар таъсири назаррас дошта, дар шароити мураккаби инкишофи сиёсӣ вазифаи таъмини субот, муттаҳидсозии ҷомеа ва нигоҳдории пайдарҳамии сиёсати давлатиро иҷро менамояд. Бинобар ин, омӯзиши ниҳоди Президент дар низоми сиёсии Тоҷикистони муосир барои дарки хусусиятҳои давлатдории миллӣ ва равандҳои сиёсии кишвар аҳаммияти махсус дорад” [36, с. 256].

Раванди баргузории интихоботи президентӣ дар аксар кишварҳои ҷаҳон бо иштироки фаъолонаи шаҳрвандон сурат гирифта, иштироки мустақими онҳо дар маъракаҳои сиёсӣ таъмин карда мешавад. Шаҳрвандон дар интихоби сарвари давлат таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, рушди минбаъда ва пешрафти

иҷтимоӣ-иқтисодии кишварро ба шахсияти сарвари давлат вобаста меҳисобанд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент бевосита ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия баромад намуда, тавассути Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро шахсан ба сифати Раиси Ҳукумат роҳбарӣ менамояд, фаъолияти сатҳи марказии ҳокимияти иҷроияро ташкил, ҳамоҳанг ва назорат мекунад. Ин сатҳ вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти ҷумҳуриявиро дар бар мегирад. Самаранокии татбиқи салоҳиятҳои Президент дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба таври мустақим ба сатҳ ва сифати фаъолияти ин ниҳодҳо вобаста мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия вазифаҳои идоракунии давлатиро бевосита амалӣ намуда, татбиқи амалии қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати ҷумҳуриро таъмин менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар идоракунии ҷомеа ва давлат, инчунин, дар ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти шохаҳои гуногуни ҳокимияти давлатӣ, бахусус дар низоми ҳокимияти иҷроияи марказӣ ва маҳаллӣ, дорои ваколатҳои васеъ мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки дар ин лоиҳаҳо ҳукумати марказии мустақил вуҷуд надорад. Муаллифони онҳо бо роҳи ҷумҳурии президентии классикӣ рафтаанд, ки ҳукумат дар симои президент таҷассум меёбад.

Дар моддаи 2 қонуни мазкур қайд гардида буд, ки “Раиси ҳукумат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия мебошад” [2, м.2]. Дар ин қонун ба Раиси ҳукумат ваколатҳои ҳалкунанда дода шуда буд. Ҳамзамон, ӯ санадҳои ҳукуматиро имзо намуда, ҷаласаҳои Ҳукуматро роҳбарӣ ва баргузор мекунад. Дар баробари ин дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, бо супориши ӯ ин ҷаласаҳо аз ҷониби сарвазир баргузор мегарданд.

Бояд қайд намуд, ки дар муқоиса бо таҳрири Конститутсияи соли 1994, тағйиротҳои баъдӣ дар солҳои 1999, 2003ва 2016 ваколатҳои Президентро васеъ намуданд. Агар мутобиқи таҳрири Конститутсияи соли 1994 вазоратҳо

ва кумитаҳои давлатӣ бо розигии парламент таъсис ва барҳам дода мешуданд; бо розигии Шурои парламент Президент роҳбарони намояндагиҳо дипломатӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва намояндагони ҷумҳурӣ дар ташкилотҳои байналмилалиро таъин ва озод менамуд, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро таъин ва озод менамуд ва барои тасдиқ ба мақомоти намояндагии дахлдор пешниҳод менамуд ва ғайра.

Дар натиҷаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи кишвар дар соли 1999 доираи салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас тавсеа ва таҳким ёфт. Аз ҷумла, Президент ваколати мустақилона бидуни зарурати гирифтани розигии парламент ё сохторҳои он таъин ва аз вазифа озод намудани роҳбарони намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар кишварҳои хориҷӣ, инчунин намояндагони он дар ташкилотҳои байналмилалиро ба даст оварад.

Иловаҳои соли 2003 ба Қонуни асосӣ воридгардида, ваколатҳои Президентро боз бештар намуд. Тибқи тағйиротҳои соли 1999 ба Конститутсия ворид карда шуда, Президент барои як ҳафтсола интихоб мешуд, иловаҳои соли 2003 бошад, ба Президент ҳуқуқ дод, ки ду ҳафтсола, пай дар пай интихоб шавад [2].

Яке аз принсипҳои калидии давлати ҳуқуқбунёд тақсимоти ҳокимияти сиёсӣ ба се шохаи мустақил ба ҳисоб меравад, ки ба таври муассир амал намояд. Дар ҷараёни фаъолияти худ ниҳоди Президент худро ҳамчун унсури муҳимми низоми сиёсӣ муаррифӣ намуда, исбот кардааст, ки қобилияти идоракунии давлатро ҳатто дар шароити мураккабтарин ва буҳронӣ дорад. Дар айни замон, вазъи сиёсӣ ва равандҳои рушди неруҳои демократӣ зарурати тақвияти минбаъдаи ин ниҳодро дар кишвар асоснок мегардонанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ ҳамчун роҳбари Ҳукумат баромад намуда, рушди муназзам ва ҳамаҷонибаи кишварро таъмин мекунад ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукуматро муайян месозад. Мувофиқи моддаи 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Президент ҳамчун ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд,

кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, устуворӣ ва давомнокии давлат, инчунин, таъминкунандаи фаъолияти мутаносиби мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, ҳамзамон, кафили иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд” [2, м.4].

Таҷрибаи рушди сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки модели амалкунандаи идоракунии давлатӣ дар бартараф намудани буҳронҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давраи гузариш нақши муҳим бозидааст. Мавҷудияти низоми идоракунӣ ба таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи ягонагии давлатӣ ва фароҳам овардани заминаҳои зарурӣ барои татбиқи ислоҳоти минбаъда мусоидат намуд.

Дар натиҷа, Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист марҳилаи мураккаби давлатсозиро паси сар карда, барои рушди ниҳодҳои демократӣ ва бунёди ҷомеаи муосир шароити мусоид фароҳам оварад.

Интихоботҳои президентие, ки дар солҳои гуногун баргузор гардиданд, рисолати таърихии худро иҷро намуда, ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ мусоидат карданд. Маҳз натиҷаи чунин низоми идоракунӣ буд, ки дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ ба даргириҳои дохилӣ хотима бахшида шуда, паёмадҳои онҳо бартараф гардиданд. Фирориён ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан баргардонида шуда, ваҳдат ва сарҷамъии миллӣ таъмин гардид. Ҳамзамон, иқтисодиёти кишвар тамоюли рушдро соҳиб шуда, як қатор барномаву стратегияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат дар марҳилаҳои гуногуни татбиқ қарор гирифтанд.

Дар ин давра як қатор иншооти муҳимми стратегӣ бунёд ва мавриди истифода қарор гирифтанд, аз ҷумла неругоҳҳои барқии обӣ, хатҳои интиқоли неруи барқ, таҷдид ва навсозии инфрасохтори энергетикӣ, роҳҳо, нақбҳо ва пулҳои дорои аҳаммияти миллӣ ва байналмилалӣ. Ин тадбирҳо имкон доданд, ки кишвар аз бунбасти коммуникатсионии дохилӣ раҳо ёбад. Ҳамзамон, сохтмони муассисаҳои илмиву маърифатӣ, тиббӣ, варзишӣ ва дигар иншооти иҷтимоӣ низ ба таври васеъ роҳандозӣ гардид. Раванди бунёди ҷомеаи демокративу дунявӣ ва ҳуқуқбунёд бо суръати устувор идома дорад.

Қобили зикр аст, ки дар тули ду даҳсолаи охир сатҳи ҳамкории мутақобилаи байни шохаҳои ҳокимият, махсусан байни мақоми қонунгузор ва мақомоти иҷроия, аз ҷумла ниҳоди Президент, ба марҳилаи сифатан нав расидааст. Имрӯз ин ҳамкорӣ барои татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ, амалисозии барномаву стратегияҳои миллӣ, инчунин таҳия ва қабули қонунҳои муҳим ва ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меорад.

Бояд таъкид намуд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар давраи фаъолияти парламенти касбӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии муҳиму ҳаётан заруриро пешниҳод намудааст, ки ба раванди созандагӣ мусоидат карда, ҳамзамон, робита ва ҳамкории байни мақомоти иҷроия ва қонунгузорро тақвият бахшидааст.

Таҳлили мавқеъ ва нақши ниҳоди Президент дар сохтори низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод ба чунин хулоса расем, ки ин ниҳод танҳо ба ҳайси яке аз мақомоти олии давлатӣ фаъолият намекунад, балки ҳамчун меҳвари асосии низоми сиёсии кишвар ҷойгоҳи махсусро ишғол менамояд. Дар ин замина Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муттаҳидсозии иродаи сиёсӣ, таъмини устувории давлатдорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро ба уҳда дошта, дар фаъолияти низоми давлатӣ мақоми ҳалкунанда дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин собит намуданд, ки мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти фарогири сиёсӣ ва институтсионалӣ мебошад. Салоҳият ва мақоми конститутсионии Президент танҳо ба муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат маҳдуд нашуда, доираи васеи вазифаҳои давлатдориро дар бар мегирад. Дар асоси муқаррароти Конститутсия Президент кафили риояи Конститутсия, ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, нигоҳдории ягонагӣ ва таъмини тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ эътироф шудааст. Маҳз ҳамин ваколатҳо ҷойгоҳи махсуси ӯро дар механизми ҳокимияти давлатӣ муайян мекунанд. Маҳз ҳамин хусусиятҳо ба ниҳоди

Президент имкон медиҳанд, ки ҳамчун унсури муттаҳидкунандаи тамоми сохтори сиёсӣ ва омили муҳимми таъмини суботи сиёсӣ амал намояд.

Омӯзиши асосҳои сиёсии фаъолияти Президент нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон модели идоракунии президентӣ ташаккул ёфтааст, ки дар он Президент ҳамзамон сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия мебошад. Дар ин замина, ӯ ваколатҳои васеи ташкилию сиёсӣ дошта, фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияро роҳбарӣ ва ҳамоҳанг месозад. Тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016 баъд аз он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба таҳкими мақоми сиёсӣ ва ҳуқуқии Президент мусоидат намуда, имкониятҳои ӯро дар самти идоракунии давлат ва татбиқи сиёсати давлатӣ густариш доданд.

Ҳамзамон, таҳлил собит намуд, ки самаранокии фаъолияти ниҳоди Президент бо масъалаи мувозинати ҳокимиятҳо робитаи зич дорад. Гарчанде Президент дар Конститутсия ба ягон шохаи алоҳидаи ҳокимият шомил карда нашудааст, ӯ ҳамчун кафили фаъолияти мутаносиби ҳамаи мақомоти давлатӣ ва ҳамкории байни онҳо амал менамояд. Ин ҳолат ба таҷрибаи муосири давлатдории ҷаҳонӣ мувофиқ буда, имконият медиҳад, ки байни шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҳамоҳангӣ ва ҳамкории муассир таъмин гардад. Аз ин рӯ, нақши Президент бояд на ҳамчун мақоми болотар аз дигар сохторҳои давлатӣ, балки ҳамчун унсури ҳамоҳангсоз ва таъминкунандаи фаъолияти муназзами онҳо арзёбӣ шавад.

Таҳлили таҷрибаи солҳои истиқлолият нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент дар Тоҷикистон дар раванди таҳкими давлатдорӣ, барқарорсозии сулҳу субот, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши ҳалкунанда доштааст. Маҳз дар заминаи фаъолияти ин ниҳод барои рафъи паёмадҳои низои дохилӣ, таъмини бозгашти муҳоҷирони иҷборӣ, таҳкими сохторҳои давлатӣ ва татбиқи барномаҳои муҳимми стратегии миллӣ шароити мусоид фароҳам гардид. Дар натиҷа рушди устувори иқтисодӣ, сохтмони инфрасохтори муҳимми миллӣ, густариши имкониятҳои энергетикӣ

ва коммуникатсионӣ, инчунин, таҳкими заминаҳои ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд таъмин карда шуданд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса намуд, ки дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди Президент ҳамчун меҳвари асосии ҳокимияти сиёсӣ ва яке аз омилҳои муҳимми субот ва рушди давлатдорӣ баромад менамояд. Самаранокии фаъолияти ин ниҳод аз тавозуни муносибатҳои байни шохаҳои ҳокимият, риояи меъёрҳои конститутсионӣ, такмили механизмҳои идоракунии давлатӣ ва таҳкими робитаи давлат бо ҷомеа вобаста мебошад. Дар шароити мураккаби инкишофи сиёсӣ ниҳоди Президент ҳамоно ҳамчун ниҳоди муҳимми таъмини манфиатҳои миллӣ, рушди устувори давлат ва таҳкими пояҳои давлатдории муосири Тоҷикистон аҳаммияти калидии худро нигоҳ медорад.

2.3. Инъикоси конститутсионии фаъолияти Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳким ва рушди минбаъдаи ниҳоди Президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули заминаи мукаммали ҳуқуқиро тақозо намуд. Бо ин мақсад, дар кишвар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки онҳо мақом ва вазъи ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доираи ваколатҳои ӯ, инчунин асосҳои ташкилӣ ва тартиби амалисозии фаъолияти ин ниҳодро ба танзим медароранд. Мавҷудияти чунин заминаи ҳуқуқӣ барои таъмини фаъолияти самаранок ва бемонеаи ниҳоди Президент аҳаммияти муҳим дорад.

Яке аз ин санадҳо қонуни асосӣ – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он боби алоҳида барои Президент ҷудо карда шудааст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзими мақом ва фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дода шудааст. Аз ҷумла, Боби чаҳорум, пурра ба ин ниҳод бахшида шудааст. Дар он асосҳои конститутсионии мақоми Президент, ҷойгоҳи ӯ дар низоми тақзияи ҳокимияти давлатӣ, муҳлати ваколатҳо, талабот нисбат ба номзадҳо, тартиби

адои савганд, маҳдудиятҳои вобаста ба иҷрои ваколатҳо, салоҳиятҳои асосӣ, инчунин масъалаҳои марбут ба қатъ гардидани ваколатҳо ва кафолатҳои дахлнопазирии Президент ба танзим дароварда шудаанд [2].

Болотар мо доир ба баъзе меъёрҳои моддаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба Президент истода гузаштем. Ин ҷо мехоҳем шарҳ ва тафсири баъзе аз моддаҳои дигарро пешниҳод намоем.

Тибқи муқаррароти сархати сеюми моддаи 66 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби интихоби Президентро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад. Қонуни мазкур Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз 7 боб ва 38 модда таркиб ёфтааст ва он 21 июли соли 1994 таҳти №1042 қабул гардидааст.

Масъалаи дигар ин ҳадди 5% мебошад, ки дар низоми интихоботии ҷаҳон ва доираҳои олимону коршиносон баҳсҳои зиёде атрофи он сурат мегирад. Дар сархати 5 моддаи 65 Конститутсия омадааст, ки “Шахсе ба номзадии президент ба қайд гирифта мешавад, ки ҳадди ақал 5 фоизи интихобкунандагон ба пешниҳоди номзадии ӯ имзо гузошта бошанд” [2, м.65].

Татбиқи ин меъёр дар ҷараёни баргузории интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад. Тибқи талаботи қонунгузорӣ, ҳар шахсе, ки қасди иштирок дар интихоботи президентиро дорад, уҳдадор аст ба ҷонибдории номзадии худ имзои на камтар аз 5 фоизи шумораи умумии интихобкунандагонро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро ба Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд. Танҳо баъд аз санҷиш ва қабули рӯйхати имзоҳое, ки ба таври муқарраргардида пешниҳод шудаанд, шахс мақоми расмии номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳиб гардида, ҳуқуқи иштирок дар маъракаи интихоботиро пайдо мекунад.

Ин меъёр дар сархати чоруми моддаи 24 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” чунин дарҷ гаштааст: “Номзади ба мансаби Президент

пешбаришуда бояд аз тарафи панҷ фоизи шумораи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи интихобот доранд, тарафдорӣ карда шавад” [138]. Ҷамъоварии имзои шаҳрвандон ба тарафдории номзади пешбаришаванда мувофиқи тартиб ва муҳлате, ки Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ муқаррар кардааст, сурат мегирад. Шаҳрванд ҳуқуқи овоз доданро дорад ва танҳо ба ҷонибдории як нафар метавонад имзои худро гузорад. Дурустии имзоҳои ҷамъоваришуда аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ санҷида мешавад.

Масъалаи ҳадди 5 фоиза дар тамоми ҷаҳон як гуна набуда, дар баъзе кишварҳо он мутаносибан 1; 1,5; 2; 3; 4; 5; ва ҳатто 10 фоизро ташкил медиҳад. Масалан, дар Изроил 2%, Туркия 10%, Федератсияи Россия 5%.

Дар Тоҷикистон низ масъалаи мазкур дар доираҳои коршиносон мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ борҳо пешниҳод гардидааст, ки ҳадди 5 % кам ва ё бекор карда шавад.

Мутобиқи моддаи 66 Конститусия интихоботи Президент “вақте боэътимод шумурда мешавад, ки дар он аз нисф зиёди интихобкунандагон ширкат варзида бошанд. Номзаде Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихобшуда эътироф мегардад, ки ба тарафдории ӯ бештар аз нисфи шумораи умумии интихобкунандагоне, ки дар интихобот иштирок намудаанд, овоз дода бошанд”[2, м.66]. Нишондиҳандаҳои интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 аз сатҳи баланди иштироки шаҳрвандон дар раванди интихобот шаҳодат медиҳанд. Аз шумораи умумии 4 миллиону 961 ҳазору 188 нафар интихобкунандагони сабтиномшуда, дар овоздиҳӣ 4 миллиону 238 ҳазору 839 нафар иштирок намуданд, ки 85,44 фоизи шумораи умумии интихобкунандагонро ташкил медиҳад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои зикршуда имкон медиҳад хулоса карда шавад, ки интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 2020 баргузор гардид, бо сатҳи баланди иштироки интихобкунандагон тавсиф меёбад. Тибқи маълумоти расмӣ, баргузории интихобот дар асоси талаботи қонунгузории амалкунанда сурат гирифта, натиҷаҳои он аз ҷониби мақомоти

ваколатдори давлатӣ эътироф ва тасдиқ гардиданд. Дар натиҷаи ин интихобот Эмомалӣ Раҳмон бо ба даст овардани 3 миллиону 853 ҳазору 987 овоз, ки 92,08 фоизи шумораи умумии овозҳои дуруст ҳисобшударо ташкил медиҳад, барои давраи навбатии ҳафтсола ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Натиҷаҳои расмии интихобот мутобиқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар муҳлати на дертар аз даҳ рӯзи пас аз баргузории интихобот дар воситаҳои ахбори омма интишор гардиданд.

Президенти навинтихобшуда пеш аз оғози иҷрои ваколатҳои худ дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон савганд ёд менамояд. Пас аз адои савганд, ваколатҳои Президенти пешина қатъ мегарданд ва ваколатҳои Президенти нав оғоз меёбанд.

Илова бар ин, қонунгузорӣ ҳолатҳои дигареро низ пешбинӣ менамояд, ки метавонанд боиси қатъ гардидани ваколатҳои Президент гарданд. Масалан, тибқи талаботи моддаи 71 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, “дар ҳолати вафот, истеъфо ё ғайри қобили амал донистани Президент, иҷрои ваколатҳои ӯ то оғози фаъолияти Президенти нав ба зиммаи Раиси Маҷлиси миллӣ вогузор карда мешавад. Дар чунин ҳолат, ваколатҳои Раиси Маҷлиси миллӣ ба муовини якуми ӯ мегузаранд” [2, м.71].

Ин муқаррарот низ дар ҳар як давлате, ки идоракунии президентиро интихоб намудааст, ба таври мухталиф сурат мегирад. Масалан, дар ШМА дар чунин ҳолатҳо ваколатҳои Президент ба зиммаи ноиби Президенти ШМА мегузарад. Дар аксарияти давлатҳо, дар ҳолатҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ, иҷрои ваколатҳои сарвари давлат муваққатан ба зиммаи сарвазир ё роҳбари ҳукумат вогузор мегардад.

Тибқи муқаррароти конститутсионӣ, агар Президент бинобар вазъи саломатӣ қобилияти иҷрои ваколатҳои худро аз даст диҳад, масъалаи пеш аз муҳлат қатъ гардидани ваколатҳои ӯ аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси

намояндагон дар ҷаласаи якҷоя баррасӣ карда мешавад. Асоси баррасии мазкурро хулосаи комиссияи давлатии тиббӣ, ки махсус бо ин мақсад таъсис мегардад, ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Президент як қатор салоҳиятҳоро муқаррар намудааст, ки амалисозии пурраи онҳо қудрати ниҳоди Президентро муаяйн мекунад. Дар моддаи 69 салоҳиятҳои зерин оварда шудаанд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: “самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад; Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндаги мекунад; вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад; сарвазир ва дигар аъзои ҳукуматро таъин ва озод мекунад; фармон дар бораи таъин ва озод кардани Сарвазир ва дигар аъзои Ҳукуматро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд; раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияро таъин ва озод мекунад ва ба тасдиқи Маҷлиси дахлдори вакилони халқ пешиҳод менамояд; санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳангоми мухолифати онҳо ба Конститутсия ва қонунҳо бекор мекунад ва ё бозмедорад; раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯро таъин ва озод мекунад ва фармонро ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд; номзадии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодиро барои интихоб ва бозхонд ба Маҷлиси миллӣ пешниҳод менамояд” [2, м.69].

Ҳамин тариқ, таҳлили салоҳиятҳои Президент нишон медиҳад, ки он дар маҷмуъ, махсусан дар самти салоҳиятҳои умумӣ ба салоҳиятҳои президентони дигар кишварҳо монандӣ дорад, ки ин аз он далолат медиҳад, ки ниҳоди Президент ҳарчанд барои ҳар як давлат вобаста ба гузаштаи таърихӣ, фарҳангу маданият сатҳи пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ фарқ кунад ҳам, ҳамоно баъзе умумиятҳои якхеларо пешниҳод менамояд ва он бетағйир қабул карда мешавад.

Таъсиси ниҳоди президентӣ дар ҳар як давлат ҳамчун марҳилаи муҳимми рушди давлатдорӣ ва такмили низоми идоракунии давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Таҷрибаи ташаккул ва фаъолияти ин ниҳод на танҳо хусусиятҳои таърихию сиёсӣ, балки сатҳи рушди фарҳанги конститутсионӣ ва ҳуқуқии ҷомеаро низ инъикос менамояд.

Дар ин замина, ташаккул ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи нисбатан нави сиёсӣ ва ҳуқуқӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад. Пайдоиши ин ниҳод бо тағйироти амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқие, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар кишвар ба амал омаданд, робитаи зич дорад.

Таъсиси ниҳоди президентӣ ба ташаккули низоми муосири идоракунии давлатӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мусоидат намуд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи ташаккул ва рушди ин ниҳод барои дарки хусусиятҳои давлатдории навини тоҷикон, муайян намудани ҷойгоҳи Президент дар механизми ҳокимияти давлатӣ ва такмили минбаъдаи низоми идоракунии давлатӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Маҳз истилоҳи “президент” аз назари таърихӣ бо шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ иртиботи мустақим дошта, мавқеи махсуси онро дар низоми идоракунии давлатӣ ифода менамояд. Мақоми ҳуқуқии президент дар аксари кишварҳои ҷаҳон, пеш аз ҳама, тавассути муқаррароти конститутсионӣ муайян гардида, ҳамчун мансаби олии давлатӣ ва ҳамзамон, рамзи волоияти ҳокимияти давлатӣ ба расмият дароварда мешавад.

Пайдоиши ҳуқуқии ниҳоди Президент ҳамчун мақоми давлатӣ бо шакли раёсати ҷумҳуриявӣ пайванди ногусастанӣ дошта, ҷузъи ҷудонашавандаи ин шакли давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Яке аз нишонаҳои асосии хоси истилоҳи “президент” дар он зоҳир мегардад, ки шахси номбурда ба воситаи интихоботи умумихалқӣ ва тариқи раъйдиҳии мустақими шаҳрвандон интихоб карда мешавад. Аслан, ин мансаб аз рӯи таъинот дода намешавад, балки ба таври демократӣ тавассути интихоботи умумимиллӣ муқаррар мегардад. Ба андешаи мо, президент дар силсилаи мансабҳои интихобии давлатӣ мақоми

волотаринро соҳиб буда, мансабдори олии сохтори ҳокимияти давлатӣ маҳсуб меёбад.

Президент дар раванди идоракунии давлатӣ ва татбиқи ҳокимияти марказии давлат нақши ҳалкунанда ва калидӣ дошта, бевосита, иҷрои ҳокимияти олии иҷроияро таъмин менамояд. Чунончи маълум аст, истилоҳи “ҳокимияти давлатӣ” худ ба мафҳумҳои “ҳокимият” ва “давлат” ишора менамояд, ки ин тафовут бидуни асос нест. Ҳокимияти давлатӣ яке аз шаклҳои асосии амалӣ намудани ҳокимият буда, тавассути мақомоти давлатӣ, аз ҷумла аз ҷониби мақоми олии ҳокимияти давлат – Президент, дар аксар кишварҳои ҷаҳон бевосита амалӣ карда мешавад. Таҳлили муқаррароти конститутсионӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи Президенти кишвар дар низоми ҳокимияти иҷроия бо он муайян мегардад, ки ӯ бевосита амалисозии ҳокимияти иҷроияро дар саросари қаламрави мамлакат ба уҳда дорад [2, м.74]. Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии мустақими Президенти мамлакат қарор дошта, ӯ бо истифода аз салоҳиятҳ муҳиме, ки дар Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ муқаррар гардидаанд, ба самтгирӣ ва фаъолияти ҳамаи зинаҳои ҳокимияти иҷроия таъсири ҳалкунанда мерасонад. Доираи васеи салоҳиятҳои Президент дар ин самт асоси конститутсионӣ дошта, минбаъд тавассути дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ такмил ва густариш ёфтааст. Ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи татбиқи ҳокимияти иҷроия маҷмуии иқтидор ва имкониятҳои қонунии ӯро дар ҳалли масъалаҳои маъмурию сиёсӣ дар бар мегирад.

Самтҳои калидии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар мамлакат, пеш аз ҳама тавассути санадҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии қабулгардида бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Мавқеи махсусро дар ин раванд Паёмҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар ишғол менамоянд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Паёми солонаи худ ба мардум ва Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ оид ба вазъи умумии кишвар ва самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат муроҷиат менамояд. Паёми

Президент ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ маҳсуб шуда, гарчанде барои он тасдиқи парлумонӣ пешбинӣ нашудааст, амалӣ гардидани он дар фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва низоми идоракунӣ аҳаммияти зарурӣ дорад.

Паём дорои арзёбии мукаммали вазъи умумии кишвар ва сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ буда, равандҳои тағйирот, ислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фаъолияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ барои татбиқи стратегияи рушди кишварро дар бар мегирад. Дар он самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ, инчунин вазифаҳои таҳкими низоми давлатдорӣ ва ҳифзи ваҳдати иҷтимоиву сиёсӣ муайян гардида, вазифаҳои аслии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ барои давраи оянда мушаххас карда мешаванд. Паём, тибқи моҳияти худ, ҳамчун абзори муҳимми муттаҳидсозии тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҳамаи табақаҳои иҷтимоии ҷомеа хизмат менамояд. Дар натиҷаи чунин раванд, шаҳрвандон бо такя ба дастуру роҳнамоиҳои дар Паём муайяншуда, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро инъикос менамоянд, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди кишвар ва таҳкими давлатдорӣ иштироки фаъолона менамоянд.

Ин ҷараён шаҳодат медиҳад, ки таҳкурсии устувор ва дурусти давлатдории тоҷикон мустақиман ба сатҳи иштироки омма вобастагӣ дорад. Нақши мардум дар сохтмон, таҳким ва рушди минбаъдаи давлатдорӣ яке аз ҷойгоҳҳои калидиро ишғол менамояд. Дар иртибот ба ин масъала, Сарвари давлат бо таъкид изҳор намуда буданд, ки “Бунёди давлати тоҷикон танҳо вазифаи Президенти кишвар, Ҳукумат ва Маҷлиси Олӣ нест, балки он пеш аз ҳама, рисолати муҳимми тамоми ҷомеа мебошад” [6].

Мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар робитаҳои мутақобила бо парлумон, ҳукумат ва мақомоти олии ҳокимияти судӣ ифода ёфта, фаъолияти ӯ ҳар се шохаи ҳокимият – қонунгузорӣ, иҷроия ва судиро фаро мегирад.

Мувофиқи анъанаҳои давлатдорӣ, заминаи ҳуқуқии фаъолияти Президенти кишвар дар муқаррароти Конститутсия таҳким ёфта, маҳз ҳамин

меъёрҳо мавқеи марказии ӯро дар низоми ҳокимияти давлатӣ муайян ва асоснок месозанд. Мазмуни ин меъёрҳои конститутсионӣ дар қонунгузории як қатор кишварҳо хусусияти умумии мақоми президентиро ифода намуда, нақши онро дар идоракунии давлат нишон медиҳанд.

Масалан, дар Конститутсияи Юнон зикр гардидааст, ки “Президент якҷоя бо Парламент фаъолияти қонунгузориро, якҷоя бо Ҳукумат ҳокимияти иҷроияро амалӣ намуда, ҳамчун танзимгари асосии сохтори давлатӣ баромад мекунад” [137].

Ҳамин тариқ, дар шароити кунунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди Президент бо рукнҳои асосии ҳокимияти иҷроия ва дар маҷмуъ бо тамоми низоми ҳокимияти давлатӣ робитаи устувор ва ҷудонопазир пайдо намудааст, зеро Конститутсияи кишвар нақши фаъол ва марказии ӯро дар сохтори ҳокимияти иҷроия ба таври возеҳ муқаррар кардааст. Ин модели конститутсионӣ на танҳо ба Сарвари давлат имконият медиҳад, ки ба мазмун ва самтҳои фаъолияти ниҳодҳои маъмурии давлатӣ таъсири ҳалкунанда расонад, балки ҳамзамон барои сафарбар намудани иқтидор ва нуфузи ҳокимияти иҷроия ҷиҳати татбиқи самараноки ислоҳоти муҳим дар марҳилаи гузариш ба низоми нави сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

БОБИ III. НАҚШИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР НИЗОМИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

3.1. Президент ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Амнияти миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои асосии давлатдории муосир дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини соҳибихтиёрии давлатӣ, тамомияти арзӣ ва нигоҳдории суботи ҷомеа нақши муҳим мебозад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳои гуногуни дохиливу хориҷӣ, масъалаи таъмини амнияти миллӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлати мустақил ба таҳкими низоми амниятии худ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, онро яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд. Дар ин замина, амнияти миллӣ на танҳо ҳамчун воситаи муҳофизати давлат аз таҳдидҳо, балки ҳамчун заминаи муҳим барои рушди устувор, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ баромад менамояд. Ҳамчунин дар тақвияти сархати мазкур андешаи С.Ятимовро овардан хеле бамаврид аст, ки чунин андеша дорад: “Агар ба хотири барпо кардани давлат чӣ қадар ҷоннисориҳо шуда бошад, барои ҳифз кардан, дар амну осудагӣ ва рушду тараққӣ нигоҳ доштани давлат, сарфи на камтар аз он зарур аст. Фаъолияти ҳаррӯзаи Пешвои муаззами миллати тоҷик нишонгар ва намунаи олии ҳамин гуна муносибат ба тақдири имрӯзу ояндаи давлати миллии мо мебошад” [104, с. 7].

Дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши марказӣ дар ташаккул ва татбиқи сиёсати амнияти миллӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад. Президент ҳамчун сарвари давлат ва кафили ҳифзи манфиатҳои миллӣ масъулияти баландро дар самти таъмини амнияти ҷомеа ва давлат ба зимма дорад. Таҷрибаи давлатдории муосир нишон медиҳад, ки таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва нигоҳдории суботи сиёсӣ бевосита аз самаранокии механизми идоракунии давлатӣ вобаста аст.

Дар ин замина, мақом ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таъмини амнияти миллӣ ва суботи сиёсӣ аҳаммияти махсус дорад. Ҳамчун сарвари давлат, Президент фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои дахлдорро дар самти татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар ҳамоҳанг намуда, барои таъмини фаъолияти самараноки механизми давлатӣ ва ҳифзи арзишҳои конститутсионӣ мусоидат мекунад.

Мақоми махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амният ва суботи ҷомеа, пеш аз ҳама, дар муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси ҳуқуқии худро ёфтааст. Тибқи моддаи 64-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Президент кафили соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва ягонагии давлат, тамомияти арзӣ, пойдории давлат ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад” [2, м.74]. Ин меъёри конститутсионӣ на танҳо мақоми ҳуқуқии Президентро муайян менамояд, балки доираи масъулияти ӯро дар самти ҳифзи давлат ва ҷомеа низ мушаххас месозад. Аз ин рӯ, фаъолияти Президент дар соҳаи амният танҳо ба идоракунии сохторҳои давлатӣ маҳдуд набуда, тамоми самтҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кишварро фаро мегирад.

Дар шароити муосир таъмини амнияти миллӣ танҳо бо муқовимат ба таҳдидҳои ҳарбӣ ё сиёсӣ маҳдуд намегардад. Дар баробари ин, омилҳои маънавию идеологӣ низ метавонанд ба суботи ҷомеа ва рушди давлат таъсири ҷиддӣ расонанд. Аз ин рӯ, мубориза бо ҷаҳолат, хурофотпарастӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми таъмини амнияти миллӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар ин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ пайваста ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҷомеа, таҳкими худшиносии миллӣ ва муқовимат ба андешаҳои иртиҷоӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳо ва мулоқотҳои расмии худ пайваста ба масъалаҳои таҳкими амнияти миллӣ, ҳифзи арзишҳои маънавӣ ва баланд бардоштани сатҳи

маърифати ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, Сарвари давлат зуҳуроти номатлуб, аз қабили ҷаҳолат, хурофотпарастӣ ва таассубро ҳамчун омилҳое арзёбӣ мекунанд, ки метавонанд ба рушди устувори ҷомеа ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ таъсири манфӣ расонанд. Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқовимат ба чунин падидаҳо тавассути баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, рушди тафаккури илмӣ ва тарбияи насли дорои ҷаҳонбинии муосир аҳаммияти муҳим дорад.

Дар ин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, ки 9 марти соли 2024 баргузор гардид, махсус таъкид намуданд, ки “Ҳар қавму миллате, ки дар рафтори он нишонаҳои ҷаҳолату хурофотпарастӣ густариш меёбанд, он миллат аз зиндагии босаодат маҳрум мегардад. Хурофот хатарест, ки ба имрӯзу ояндаи Тоҷикистон ва минтақа таҳдиди ҷиддӣ дорад. Борҳо гуфтаам, имрӯз низ баён медорам, ки хурофот ҷаҳолат аст, ҷаҳолат барои миллат танҳо бадбахтӣ меорад” [7]. Ба андешаи мо мавқеи Пешвои миллат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити таҳдидҳои муосир масъалаи таъмини амнияти миллӣ на танҳо ба фаъолияти мақомоти қудратӣ, балки ба сатҳи маърифат, ҷаҳонбинӣ ва фарҳанги сиёсии ҷомеа низ вобастагӣ дорад. Зеро густариши хурофотпарастӣ метавонад барои паҳн гардидани ақидаҳои ифротӣ, заиф шудани худшиносии миллӣ ва коста гардидани суботи иҷтимоӣ замина фароҳам оварад. Аз ин рӯ, сиёсати давлат дар самти баланд бардоштани маърифати шаҳрвандон, рушди илм ва маориф, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ яке аз омилҳои муҳимми таҳкими суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили амнияти миллӣ ва ҳимоятгари арзишҳои маънавии ҷомеа нақши муҳимро иҷро менамояд. Бо назардошти таҷрибаи таърихии Тоҷикистон, масъалаи суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ аҳаммияти махсус дорад. Ҷанги шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта нишон дод, ки бе мавҷудияти механизми устувори таъмини

амният ва суботи сиёсӣ рушди давлат ва ҷомеа ғайриимкон мебошад. Бо назардошти ин, дар низоми муосири давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми Президент танҳо бо ваколатҳои ҳуқуқии худ маҳдуд намешавад, балки ҳамчун омили асосии ҳифзи суботи сиёсӣ ва таҳкими амнияти миллӣ дорои аҳаммияти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ мебошад.

Дар айни замон, густариши зуҳуроти терроризм ва экстремизм ба қатори хатарҳои ҷиддие дохил мегардад, ки метавонанд ба амнияти миллӣ, суботи сиёсии кишвар ва раванди рушди устувори давлат таъсири манфӣ расонанд. Аз ин рӯ, муқовимати муассир ба чунин таҳдидҳо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи таърихии худ ва вазъи мураккаби геополитикии минтақа пайваста ҷонибдори таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба чунин таҳдидҳо мебошад. Дар ин замина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд, ки рӯзҳои 3–4 майи соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, таъкид намуда буданд, ки: “Вокуниш ба таҳдиди рӯзафзуни терроризм ва ифротгароӣ бояд бо нақши калидӣ ва ҳамоҳангсози Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои дахлдори он фарогир ва амиқ гардонда шавад. Стратегияи глобалии Созмони Милали Муттаҳид оид ба мубориза алайҳи терроризм ва конвенсияҳои зиддитеррористӣ, қатъномаҳои Шурои Амният ва Маҷмааи умумӣ бояд асоси муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароиро ташкил намоянд” [7]. Ба андешаи мо таъмини амнияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ танҳо тавассути иқдомҳои дохилӣ маҳдуд намегардад, балки ҳамоҳангсозии талошҳои байналмилалӣ ва истифодаи механизмҳои муассири ҳамкории байнидавлатиро низ тақозо менамояд. Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ низ барои таҳкими мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва дигар таҳдидҳои фаромиллӣ саҳми фаъол мегузорад. Чунин

фаъолият ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таҳкими суботи сиёсӣ ва таъмини амнияти дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Дар амалияи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳамчун маркази ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти таъмини амният баромад менамояд. Вай фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ, мақомоти амниятӣ ва дигар ниҳодҳои дахлдорро дар доираи сиёсати ягонаи давлатӣ ҳамоҳанг намуда, барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат дар соҳаи амният шароити зарурӣ фароҳам меорад. Аз ин рӯ, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми амнияти миллӣ танҳо бо салоҳиятҳои конститутсионӣ маҳдуд нашуда, ҳамчун унсури калидии ҳифзи давлатдорӣ, суботи сиёсӣ ва рушди устувори кишвар зоҳир мегардад.

Бо назардошти шароити таърихии рушди давлатдории навини Тоҷикистон, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини суботи сиёсӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Таҷрибаи солҳои аввали истиқлолият нишон дод, ки нооромии сиёсӣ, ихтилофҳои дохилӣ ва заиф гардидани низоми идоракунии давлатӣ метавонанд ба амният ва пойдории давлат таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод намоянд. Аз ин рӯ, масъалаи таъмини сулҳу субот ва барқарор намудани низоми устувори давлатдорӣ ба яке аз вазифаҳои муҳимтарини роҳбарияти сиёсии кишвар мубаддал гардид.

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 яке аз сангинтарин саҳифаҳои таърихи муосири Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи ин низоъ даҳҳо ҳазор нафар ҷони худро аз даст дода, садҳо ҳазор шаҳрвандон маҷбур шуданд тарки манзил намоянд. Ин вазъият ба иқтисодиёти миллӣ, сохторҳои давлатӣ ва ҳаёти иҷтимоии ҷомеа зарари ҷиддӣ расонид. Тоҷикистон дар остонаи аз байн рафтани давлатдории миллӣ қарор гирифта буд ва зарурати таъмини сулҳ ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ ба масъалаи ҳаётан муҳим табдил ёфта буд. Дар чунин шароити мураккаб нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муттаҳидсозандаи ҷомеа ва кафили суботи сиёсӣ тадриҷан тақвият ёфт.

Бо талошҳои пайгиронаи роҳбарияти давлат ва иродаи сиёсии ҷонибҳои музокиракунанда, раванди барқарорсозии сулҳ ва ризоияти миллӣ ба роҳ монда шуд. Ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои эҳёи сохти конститутсионӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва фароҳам сохтани шароити мусоид ҷиҳати рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти ҳалкунанда дошт. Дар пайи татбиқи ин созишнома кишвар тавонист марҳилаи низои мусаллаҳонаро паси сар намуда, ба роҳи сулҳу субот, бунёдкорӣ ва рушди устувор қадам гузорад.

Зарурати қабули чунин тадбирҳо, пеш аз ҳама, аз вазъияти мураккабе бармеомад, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар ба вуҷуд омада буд. Оқибатҳои ин низоъ ба буҳрони амиқи иқтисодӣ оварда расонида, ба аксари соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ осеби ҷиддӣ ворид намуданд. Тибқи маълумотҳои мавҷуда, зарари моддии расонидаи ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 7 миллиард долларро ташкил намуда, рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакатро барои даҳсолаҳо ба ақиб партофт. Дар чунин шароит барқарор намудани иқтисодиёти фалаҷгардида, эҳёи фаъолияти корхонаҳо, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва муҳайё намудани заминаҳои рушди устувор ба яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат мубаддал гардид.

Дар ин марҳилаи ҳассоси таърихӣ нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ боз ҳам равшантар зоҳир гардид. Маҳз бо ташаббус ва талошҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сиёсати фаъолонаи хориҷӣ роҳандозӣ гардида, барои барқарор намудани робитаҳои иқтисодӣ ва дипломатии кишвар бо давлатҳои хориҷӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуданд. Дар натиҷа Тоҷикистон тадриҷан ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ворид гардида, ҳамкориро бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ, муассисаҳои бонкӣ ва шарикони рушд густариш дод.

Тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ дар баробари мусоидат ба эҳё ва рушди иқтисоди миллӣ, дар таҳкими суботи сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ низ нақши муҳим бозид. Ҳамин тавр, густариши

муносибатҳои байналмилалӣ ба яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори давлат ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ табдил ёфт. Зеро беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, фароҳам омадани ҷойҳои нави корӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ барои коҳиш додани омилҳои эҳтимолии нооромии иҷтимоӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа заминаи мусоид фароҳам оварданд. Аз ин рӯ, фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти эҳёи иқтисоди миллӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ яке аз омилҳои муҳимми таҳкими суботи сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ дар марҳилаи баъдиҷангии рушди Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд танҳо ба анҷом расонидани музокироти сулҳ маҳдуд намешуд. Ҳамзамон, масъалаи таҳкими ваҳдати миллӣ, барқарор намудани эътимоди шаҳрвандон ба давлат, рушди фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва таъмини ҳамгироии иҷтимоӣ ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Маҳз чунин сиёсат барои муттаҳид сохтани гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ва ташаккули фазои мусоиди ҳамзистии шаҳрвандон мусоидат намуд.

Дар ҳамин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахсияти сиёсие баромад намуд, ки тавонист манфиатҳои умумимиллиро болотар аз манфиатҳои гурӯҳӣ қарор дода, ҷомеаро ба сӯи ҳадафҳои умумии давлатӣ сафарбар намояд. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар ҷомеаҳои пасомуноқишавӣ мавҷудияти роҳбарияти сиёсии дорои эътимоди ҷамъиятӣ ва қобилияти муттаҳидсозӣ яке аз шартҳои муҳимми таъмини суботи дарозмуддат ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, мақоми Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун сарвари давлат, балки ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ ва кафили сулҳу субот арзёбӣ мегардад.

Таҳқиқоти илмӣ низ аҳаммияти таҷрибаи Тоҷикистонро дар самти таҳкими сулҳ ва суботи сиёсӣ тасдиқ менамоянд. Муҳаққиқ Гулҳаё Мадимарова чунин менигорад, ки “Раванди барқарорсозии сулҳи тоҷикон боиси он гардидааст, ки сиёсатшиносони хориҷӣ ин муваффақиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсиро дар пажуҳишҳои худ объективона инъикос

намоянд. Омӯхтани он дар бисёр мамлакатҳо ва минтақаҳои ба низоъ дучоршуда метавонад муборизаи онҳоро дар роҳи бозсозӣ хеле осон ва ҳалли осоиштаи проблемаю ихтилофҳои ҷомеаро таъмин кунад" [82, с.75]. Ин андеша аҳаммияти байналмилалии тачрибаи сулҳи тоҷиконро нишон медиҳад. Воқеан ҳам, тачрибаи Тоҷикистон исбот намуд, ки тавассути муколамаи сиёсӣ, созиш, таҳаммулпазирӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ метавонад барои барқарорсозии давлат ва ҷомеа шароити мусоид фароҳам овард.

Тачрибаи муосири давлатдорӣ нишон медиҳад, ки масъалаи ҳифз ва таҳкими суботи сиёсӣ ҳамоно яке аз шартҳои асосии рушди устувори ҷомеа ва давлат боқӣ мемонад. Дар шароити таҳаввулоти босуръати геополитикӣ, тағйирёбии муҳити байналмилалӣ, афзоиши таҳдидҳои нави амниятӣ, густариши идеологияҳои ифротгароӣ ва зуҳури хатарҳои фаромиллӣ зарурати таҳкими пайвастаи пояҳои суботи сиёсӣ ва такмили механизмҳои таъмини амнияти миллӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Дар чунин шароит, таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои стратегии давлат аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, таҳкими ҳамбастагии ҷомеа, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи устуворii ниҳодҳои давлатӣ ҳамчун омилҳои муҳимми нигоҳдории суботи сиёсӣ аҳаммияти калидӣ касб менамоянд.

Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва кафили фаъолияти муназзами мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба масъалаҳои таҳкими давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамояд. Фаъолияти ӯ дар ин самт ба ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳкими иқтидори институтстионалии давлат ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои рушди устувори ҷомеа равона гардидааст.

Тачрибаи таърихии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои давлатдории миллӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини онҳо нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва омили муттаҳидсозандаи ҷомеа аҳаммияти

калидӣ дорад. Амалияи давлатдории муосири Тоҷикистон нишон медиҳад, ки сулҳу субот яке аз шартҳои асосии рушди устувори кишвар ба ҳисоб меравад. Маҳз дар заминаи таъмини сулҳу оромӣ барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа шароити мусоид фароҳам омада, заминаҳои таҳкими давлатдории миллӣ, рушди ниҳодҳои давлатӣ ва татбиқи ислоҳоти муҳим муҳайё гардидаанд.

Дар шароити муосир яке аз самтҳои муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ мубориза бо терроризм, экстремизм ва дигар зуҳуроти ифротгароӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мавқеи геополитикии худ ва мавҷудияти таҳдидҳои гуногуни минтақавӣ ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Оид ин ҳалли ин мушкилоти сайёра андешаи М. М. Курбоновро овардан хеле бамаврид аст, ки ӯ чунин мегӯяд: “Дар чунин шароит нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили амнияти миллӣ ва ҳамоҳангсози сиёсати давлатӣ дар самти пешгирӣ ва безараргардонии ин таҳдидҳо аҳаммияти калидӣ касб мекунад [79, с. 144].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир ба яке аз хатарҳои ҷиддитарин барои давлатҳо табдил ёфтаанд. Ин зуҳурот на танҳо ба амнияти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ таҳдид мекунанд, балки метавонанд ба ваҳдати миллӣ, рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ низ таъсири манфӣ расонанд.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои муҳимми стратегӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки ба таъмини амнияти миллӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои муосир равона шудаанд. Аз ҷумла, Стратегияи миллии муқовимат ба терроризм ва экстремизм барои солҳои 2021–2025, инчунин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм», «Дар бораи муқовимат ба экстремизм», «Дар бораи озодии вичдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ заминаи ҳуқуқии сиёсати давлатии амниятиро ташкил медиҳанд. Татбиқи пайгиронаи

ин санадҳо барои таҳкими низоми амнияти миллӣ ва пешгирии густариши ақидаҳои ифротӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар ин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ба масъалаи баланд бардоштани ҳушёрии сиёсӣ ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон диққати махсус медиҳад. Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, ки паҳншавии терроризм ва экстремизм бештар ба омилҳое вобаста аст, ки бо сатҳи пасти маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ, инчунин осебпазирии ҷавонон нисбат ба таъсири идеологияҳои ифротӣ алоқаманд мебошанд. Аз ин рӯ, дар сиёсати давлатии Тоҷикистон ба масъалаҳои тарбия, маърифат, рушди худшиносии миллӣ ва таҳкими арзишҳои давлатдорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Бо дастгирии сиёсати инсонпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чорабиниҳои муҳим барои баргардонидани шаҳрвандон аз минтақаҳои даргириҳои мусаллаҳона амалӣ гардидаанд. Дар солҳои охир садҳо занону кӯдакони тоҷик аз минтақаҳои низоъ, аз ҷумла Сурия ва Ироқ, ба Ватан баргардонида шуданд. Ин иқдом на танҳо аҳаммияти башардӯстона дорад, балки ҳамчун воситаи муҳимми пешгирии паҳншавии ақидаҳои ифротӣ ва мусоидат ба бозҳамгироии иҷтимоии шаҳрвандон арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, барои коҳиш додани хатари ҷалби ҷавонон ба гурӯҳҳои радикалӣ тадбирҳои мушаххаси пешгирикунанда амалӣ карда мешаванд.

Дар самти муқовимат ба фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ низ корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. То имрӯз фаъолияти 29 гурӯҳ, ҳаракат ва иттиҳодияи террористиву экстремистӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнӯъ эълон гардидааст. Ин тадбирҳо ба ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ ва пешгирии паҳншавии ғояҳои зиддиконститутсионӣ мусоидат намуда, барои нигоҳдории суботи сиёсӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Дар баробари ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи пешгирии ифротгароӣ дар муҳити ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Ҷавонон ҳамчун неруи асосии ҷомеа метавонанд ҳам омили рушди давлат ва ҳам объекти таъсири гурӯҳҳои ифротӣ қарор гиранд. Аз ин рӯ, татбиқи сиёсати

давлатии ҷавонон, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳсил, касбомӯзӣ, шуғл ва рушди маънавии онҳо ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми таъмини амнияти миллӣ арзёбӣ мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ мубориза бо терроризм ва экстремизм танҳо дар доираи як давлат имконпазир нест. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои фаъолро роҳандозӣ намудааст. Ин ҳамкориҳо барои мубодилаи иттилоот, ҳамоҳангсозии чораҳои амниятӣ ва таҳкими муборизаи муштарак бар зидди таҳдидҳои фаромиллӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Муқовимат ба терроризм, экстремизм ва дигар шаклҳои ифротгароӣ аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, сиёсати давлатӣ ба ҳифзи сулҳу субот ҳамчун арзишҳои меҳварии давлатдорӣ ва омили асосии рушди устувори ҷомеа равона гардидааст. Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит месозад, ки танҳо дар фазои сулҳу оромӣ имкониятҳои воқеӣ барои пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар фароҳам гардида, асосҳои давлатдории миллӣ таҳким меёбанд. Илова бар ин, устувории вазъи сиёсӣ барои татбиқи ислоҳоти стратегӣ, такмили фаъолияти ниҳодҳои демократӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ шароити боэътимодро муҳайё месозад.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва густариши фазои рақамӣ, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ба яке аз самтҳои муҳимми амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Агар дар гузашта таҳдидҳои асосӣ бештар хусусияти ҳарбӣ ва сиёсӣ дошта бошанд, имрӯз таҳдидҳои иттилоотӣ ва киберӣ низ метавонанд ба суботи сиёсӣ, амнияти давлатӣ ва рушди ҷомеа таъсири ҷиддӣ расонанд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти иттилоотӣ дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти миллӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Дар чунин шароит нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили амнияти миллӣ ва роҳбари сиёсати давлатӣ дар соҳаи иттилоот аҳаммияти махсус касб менамояд. Маҳз таҳти роҳбарии Президенти кишвар заминаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалии сиёсати давлатии иттилоотӣ ташаккул ёфта, тадбирҳои мушаххас ҷиҳати ҳифзи фазои иттилоотии миллӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои навини киберӣ амалӣ гардида истодаанд. Ин тадбирҳо ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии таъсири манфии омилҳои беруна ба афкори ҷамъиятӣ равона шудаанд.

Бо рушди интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ шаклҳои нави таҳдидҳои амниятӣ низ ба вуҷуд омадаанд. Имрӯз гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ аз воситаҳои муосири иртиботӣ барои паҳн намудани ғояҳои ифротӣ, ҷалби ҷавонон ба сафи худ ва ташкили фаъолияти ғайриқонунӣ истифода мебаранд. Бо дарназардошти он ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи истифодабарандагони интернет сол ба сол афзоиш меёбад ва қисми зиёди онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд, масъалаи таъмини амнияти иттилоотӣ ба яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мубаддал гардидааст.

Дар ин замина, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ба масъалаи ташаккули фарҳанги истифодаи масъулонаи технологияҳои иттилоотӣ ва баланд бардоштани маърифати иттилоотии шаҳрвандон диққати махсус медиҳад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки муқовимати муассир ба таҳдидҳои иттилоотӣ танҳо тавассути маҳдудиятҳои техникӣ имконнопазир буда, он пеш аз ҳама, ба сатҳи огоҳӣ ва маърифати ҷомеа вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии шаҳрвандон ҳамчун яке аз роҳҳои муҳимми таҳкими амнияти миллӣ арзёбӣ мегардад.

Бо мақсади ташаккул ва таҳкими низоми таъмини амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мукаммали меъёрии ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Асоси ин низомро қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи имзои

электронии рақамӣ», инчунин Консепсияи амнияти иттилоотӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ташкил медиҳанд. Маҳз ҳамин санадҳо самтҳои асосии сиёсати давлатро дар соҳаи амнияти иттилоотӣ муайян намуда, асосҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин самт муқаррар месозанд. Ф.Д. Ҳошимов чунин менигорад, ки “Татбиқи пайгиронаи ин санадҳо барои ҳифзи фазои иттилоотии кишвар ва пешгирии истифодаи ғайриқонунии технологияҳои иттилоотӣ аҳаммияти муҳим дорад”[101, с. 737].

Ҳамзамон, рушди ҳукумати электронӣ ва рақамикунонии идоракунии давлатӣ низ бо масъалаи амнияти иттилоотӣ робитаи зич дорад. Дар шароити муосир ҳифзи захираҳои иттилоотии давлатӣ, таъмини бехатарии низомҳои рақамӣ ва ҳифзи маълумоти шаҳрвандон ба яке аз шартҳои муҳимми фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, дар сиёсати давлатӣ масъалаҳои рақамикунонӣ ва амнияти киберӣ ҳамчун ҷузъҳои ба ҳам алоқаманди рушди устувор баррасӣ мешаванд.

Инчунин, дар фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои муқовимат ба ҷангҳои иттилоотӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар фазои рақамӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Аз ин рӯ, ба таҳкими амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар муҳити рақамӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Дар шароити муосир иттилоот ба яке аз абзорҳои таъсиррасонии сиёсӣ табдил ёфтааст ва истифодаи он метавонад ба суботи ҷомеа, муносибатҳои байнидавлатӣ ва амнияти миллӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, таҳкими фазои иттилоотии миллӣ ва таъмини фаъолияти бехатари инфрасохтори рақамӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Бо назардошти хусусияти фаромиллии таҳдидҳои киберӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт ҳамкориҳоро бо созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои шарик низ густариш медиҳад. Мубодилаи таҷриба, такмили низоми ҳуқуқӣ, омодасозии мутахассисони баландихтисос ва истифодаи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ барои баланд бардоштани сатҳи амнияти

иттилоотӣ аҳаммияти калон доранд. Ин ҳамкориҳо имконият медиҳанд, ки Тоҷикистон ба таҳдидҳои нави рақамӣ самараноктар муқобила намояд ва амнияти фазои иттилоотии худро тақвият бахшад.

Амнияти иттилоотӣ имрӯз ба яке аз унсурҳои муҳимми амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Тадбирҳое, ки таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти такмили қонунгузорӣ, рушди инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани маърифати иттилоотии аҳолӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои киберӣ амалӣ мегарданд, барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ аҳаммияти муҳим дошта, нақши Президентро ҳамчун кафили амнияти миллӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ боз ҳам тақвият мебахшанд.

Яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва таҳкими амнияти сарҳадӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон сарҳади тулонӣ дошта, дар минтақае қарор гирифтааст, ки солҳои зиёд таҳти таъсири таҳдидҳои гуногуни амниятӣ қарор дорад. Вобаста ба ин масъала муҳаққиқи ватанӣ А.Н.Маҳмадов чунин ибрози назар менамояд, ки “Масъалаҳои вобаста ба қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятқории фаромиллӣ, терроризм ва экстремизм бо амнияти миллӣ ва суботи сиёсии кишвар робитаи мустақим доранд. Дар чунин шароит, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили амнияти миллӣ ва ташаббускори сиёсати давлатӣ дар самти муқовимат ба ин таҳдидҳо аҳаммияти махсус касб менамояд” [32, с. 32].

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир на танҳо мушкилоти ҳуқуқӣ ё ҷиноятӣ, балки яке аз омилҳои ҷиддии халалдоркунандаи суботи сиёсӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Даромадҳои аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир бадастомада аксаран барои маблағгузории фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ истифода гардида, ба густариши ҷиноятқории муташаккил мусоидат менамоянд. Аз ин

лиҳоз, мубориза бо ин падида ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати амниятии давлат баррасӣ мешавад.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади таҳкими мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир соли 1999 Агентии назорати маводи мухаддири назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Таъсиси ин ниҳод қадами муҳим дар самти ташаккули низоми муосири муқовимат ба қочоқи маводи мухаддир ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ба ҳисоб меравад. Минбаъд низ таҳти роҳбарии Президенти кишвар як қатор стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ қабул ва татбиқ гардиданд, ки ба баланд бардоштани самаранокии мубориза бар зидди ин падида равона шудаанд.

Дар ин замина, Стратегияи миллии мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир барои солҳои 2013–2020 ва Стратегияи миллӣ барои солҳои 2021–2030 ҳамчун ҳуҷҷатҳои муҳимми сиёсати давлатӣ хизмат менамоянд. Ҳадафи асосии онҳо такмили низоми муқовимат ба қочоқи маводи мухаддир, таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва коҳиш додани таъсири манфии ин падида ба ҷомеа мебошад.

Дар баробари ин, масъалаи таъмини амнияти сарҳадӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми амнияти миллӣ мавқеи махсус дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои яке аз дарозтарин сарҳадҳо бо Афғонистон дар минтақа мебошад. Бо назардошти вазъи мураккаби сиёсию амниятии Афғонистон, ҳифзи сарҳади давлатӣ ва пешгирии интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ ва воридшавии унсурҳои ҷиноятқор ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати амниятии кишвар табдил ёфтааст. Дар ин раванд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун роҳбари олии сиёсати амниятӣ ва Сарфармондеҳи Олии Қуввахои Мусаллаҳ нақши калидӣ мебозад.

Дар солҳои охир Тоҷикистон тавонистааст дар самти мубориза бо қочоқи маводи мухаддир натиҷаҳои назаррас ба даст оварад. Танҳо дар ду соли охир мақомоти марзбонӣ ва сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ миқдори зиёди маводи

мухаддирро ҳангоми кӯшиши интиқоли ғайриқонунӣ аз қаламрави Афғонистон мусодира намуданд. Ин нишон медиҳад, ки низоми таъмини амнияти сарҳадӣ ва мубориза бо ҷиноятқории фаромиллӣ тадриҷан такмил ёфта истодааст.

Муқовимати самаранок ба таҳдидҳои муосир танҳо тавассути тадбирҳои дохилӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таъмини амният аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад.

Дар ин самт, бо ташаббус ва таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Дафтари Созмони Милали Муттаҳид оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятқорӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай ва Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, тавсеа ёфта истодааст.

Таҷрибаи мавҷуда нишон медиҳад, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ барои мубодилаи саривақтии иттилоот, ҳамоҳангсозии фаъолияти муштарак ва такмили иқтидори мақомоти салоҳиятдор имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоранд. Дар натиҷа, самаранокии чораҳои андешидашуда дар самти ҳифзи амнияти миллӣ ва таъмини суботи сиёсӣ боло меравад.

Нишонаи равшани нақши фаъоли Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои амнияти минтақавӣ ташаббуси таъсиси Маркази зиддимухаддиротии Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Душанбе мебошад. Ин пешниҳод бори аввал аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ироа гардида, баъдан аз ҷониби давлатҳои аъзои созмон дастгирӣ ёфт. “Амалӣ гардидани чунин ташаббусҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки Тоҷикистон на танҳо дар ҳифзи амнияти худ, балки дар таъмини амнияти тамоми минтақа саҳми фаъол мегузорад”[134].

Мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва таҳкими амнияти сарҳадӣ яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кафили амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Таъмини ҳифзи манфиатҳои миллӣ, нигоҳдории суботи сиёсӣ ва муқобилаи муассир бо

таҳдидҳои дорои хусусияти фаромиллӣ танҳо дар сурати татбиқи маҷмуии чорабиниҳои ҳамоҳангшудаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ имконпазир мегардад. Маҳз ҳамгироии чунин тадбирҳо барои таҳкими амнияти миллӣ ва муқовимати самаранок ба хатарҳои муосир заминаи боэътимод фароҳам меорад. Тадбирҳое, ки дар ин самт таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, ба таҳкими низоми амнияти миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии механизмҳои пешгирикунанда мусоидат мекунанд.

Дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ масъалаҳои амният дигар танҳо дар доираи марзҳои як давлат маҳдуд наmemонанд. Терроризм, экстремизм, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, таҳдидҳои киберӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳонӣ тақозо менамоянд, ки давлатҳо барои таъмини амнияти худ ҳамкориҳои густурдаи байналмилалиро роҳандозӣ намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин самт сиёсати пайгиронаро амалӣ намуда, таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳкими амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ тадбирҳои муассир меандешад.

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи таъмини сулҳ, субот ва амният яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста дар суханрониҳо ва мулоқотҳои байналмилалии худ таъкид менамояд, ки таҳдидҳои муосир хусусияти фаромиллӣ дошта, муқовимат ба онҳо танҳо тавассути талошҳои муштарак имконпазир мебошад. Аз ин рӯ, Тоҷикистон ҷонибдори густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳкими механизмҳои бисёрҷонибаи таъмини амният мебошад.

Дар солҳои охир бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти таъмини суботи минтақавӣ ба марҳилаи нав ворид гардиданд. Дар ин замина шаш мулоқоти машваратии саронии давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардиданд, ки дар онҳо масъалаҳои

мубрами амнияти минтақавӣ, рушди муносибатҳои иқтисодӣ, ҳамкориҳои гуманитарӣ ва таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ байни давлатҳои минтақа мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ин раванд ба таҳкими фазои эътимод ва ҳамкории байни давлатҳои минтақа мусоидат намуда, барои ҳалли мушкилоти умумӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Яке аз намунаҳои равшани дипломатияи сулҳпарваронаи Тоҷикистон масъалаи танзими муносибатҳои сарҳадӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Дар солҳои охир масъалаҳои вобаста ба аломатгузорӣ ва муайянсозии хатти сарҳади давлатӣ тавассути музокирот ва фаъолияти комиссияҳои байнидавлатӣ ҳаллу фасл мегарданд. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар ҷонибдори истифодаи роҳҳои сиёсӣ ва дипломатии ҳалли масъалаҳои баҳсталаб мебошад. Чунин равиш на танҳо ба таҳкими муносибатҳои ҳамсоягӣ мусоидат менамояд, балки омили муҳимми суботи минтақа низ ба ҳисоб меравад.

Дар шароите, ки вазъи сиёсию амниятии ҷаҳон рӯз ба рӯз мураккабтар мегардад, Тоҷикистон пайваста аз ташаббусҳои байналмилалии марбут ба таъмини сулҳ ва амният ҷонибдорӣ менамояд. Таъмини амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ тақозо менамояд, ки давлатҳо дар муқовимат ба терроризм, экстремизм ва дигар хатарҳои фаромиллӣ ҳамкории густурда дошта бошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ин равандро ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ арзёбӣ намуда, дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар созмонҳои байналмилалӣ иштироки фаъолона дорад.

Дар ин замина, андешаи Ф.Д. Ҳошимовро вобаста ба аҳаммияти ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон овардан хеле бамаврид аст. “Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста масъалаҳои мубориза бо терроризм, экстремизм, ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро дар рӯзномаи созмонҳои байналмилалӣ матраҳ намуда, барои таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт талош

меварзад. Аз ҷумла, Конфронсҳои байналмилалии сатҳи баланд дар доираи Раванди Душанбе ба яке аз майдонҳои муҳимми муҳокимаи масъалаҳои мубрами амниятӣ мубаддал гардидаанд” [101, с. 737].

Ҳамчунин, зимни иштирок дар ҷаласаи 79-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба вазъи мураккаби байналмилалӣ, афзоиши низоъҳои мусаллаҳона, шиддат гирифтани рақобатҳои геополитикӣ ва дигар таҳдидҳои муосир ҷалб намуданд. Дар робита ба ин, Сарвари давлат зарурати муттаҳид сохтани талошҳои байналмилалиро барои таъмини сулҳ ва суботи ҷаҳонӣ таъкид намуда, пешниҳоди қабули Қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»-ро ироа намуданд [7]. Ин ташаббус бозгӯи сиёсати сулҳҷӯёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба таҳкими ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмии байналмилалӣ равона гардидааст. Ҳамзамон яке аз самтҳои муҳими фаъолияти байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои сулҳҷӯёна мебошад. Дар ин замина, пешниҳоди Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда (2027–2036)» далели иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими сулҳу амнияти байналмилалӣ ба шумор меравад. Ин ташаббус аз мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти асосии татбиқи сиёсати хориҷии давлат ва намояндаи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалӣ шаҳодат дода, нақши ниҳоди Президентро дар пешбурди дипломатияи сулҳ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ инъикос менамояд.

Фаъолияти байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳимми сиёсати амниятии давлат баромад намуда, ба таҳкими суботи минтақавӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар имрӯз ҳамчун давлати ташаббускор, сулҳпарвар ва ҷонибдори ҳалли мусолиматомези мушкилоти байналмилалӣ эътироф гардида, дар пешбурди рӯзномаи амният ва рушди устувор дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ саҳми назаррас мегузорад.

Таҳлили мақоми конститутсионӣ ва амалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити муосири рушди давлатдорӣ ниҳоди Президент яке аз унсурҳои калидии таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ ба ҳисоб меравад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Президенти кишвар мақоми махсуси ҳуқуқӣ додааст, ки дар асоси он ӯ вазифаи кафолати соҳибихтиёрӣ, истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ, пойдории давлат ва таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро иҷро менамояд. Маҳз чунин ҷойгоҳи конститутсионӣ барои татбиқи пайгиронаи сиёсати давлатӣ дар самти таҳкими амният ва ҳифзи суботи сиёсӣ заминаи ҳуқуқӣ ва институтсионалии устуворро фароҳам месозад.

Таърихи навини Тоҷикистон собит намудааст, ки масъалаи таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ барои рушди давлат ва ҷомеа аҳаммияти ҳаётӣ дорад. Таҷрибаи ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои вазнини он нишон доданд, ки ҳифзи ваҳдати миллӣ, таҳкими давлатдорӣ ва таъмини сулҳу субот аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи давлат маҳсуб меёбанд. Дар ин раванд нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муттаҳидсозандаи ҷомеа, кафили сулҳу субот ва роҳбари раванди таҳкими давлатдорӣ аҳаммияти махсус касб намудааст. Маҳз дар натиҷаи татбиқи сиёсати сулҳҷӯёна ва созанда имконият фароҳам омад, ки Тоҷикистон аз марҳилаи низоъҳои дохилӣ гузашта, ба роҳи рушди устувори сиёсӣ ва иҷтимоӣ ворид гардад.

Дар баробари ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва татбиқи сиёсати муосири амниятӣ нақши меҳварӣ мебозад. Дар шароити таҳдидҳои афзояндаи амниятӣ нақши Президент дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳифзи амнияти миллӣ аҳаммияти калидӣ касб менамояд. Қабули стратегияҳо, барномаҳои давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин самт имконият фароҳам овардааст, ки низоми муқовимат ба таҳдидҳои муосир тадриҷан такмил ёфта, сатҳи ҳифзи манфиатҳои миллӣ баланд бардошта шавад.

Таҳлил, ҳамчунин нишон медиҳад, ки дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва киберӣ низ ба ҷузъи муҳимми амнияти

миллӣ табдил ёфтаанд. Бо ҳамин асос, иқдомҳое, ки таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили заминаҳои ҳуқуқии ҳифзи фазои иттилоотӣ, рушди низоми ҳукумати электронӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати иттилоотии шаҳрвандон амалӣ шудаанд, дар таҳкими суботи сиёсӣ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва пешгирии таҳдидҳои муосир нақши муҳим доранд.

Бо дарназардошти вазъи мураккаби минтақа ва мавҷудияти таҳдидҳои фаромиллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар тавонистааст низоми муассири ҳамкории дохилӣ ва байналмилалиро барои муқовимат ба ин хатарҳо ташаккул диҳад. Натиҷаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки мубориза бо таҳдидҳои мазкур танҳо дар заминаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ самараи зарурӣ медиҳад.

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаҳои амният ва субот мавқеи меҳвариро ишғол менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар ҳамчун ҷонибдори ҳалли мусолиматомези баҳсҳо, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳкими низоми амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ шинохта шудааст. Таҳкими ҷойгоҳи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳифзи манфиатҳои миллии он аз иштироки фаъолонаи кишвар дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, пешниҳоди ташаббусҳои байналмилалӣ ва густариши муколамаи сиёсӣ дар сатҳи минтақавӣ вобастагии мустақим дорад.

Дар раванди ташаккул ва рушди ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии халқҳо ва миллатҳо ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки самт ва хусусияти инкишофи давлат ба фаъолияти сарвари он вобастагии ҷиддӣ пайдо менамояд. Таҷрибаи таърихии давлатдории Тоҷикистон низ нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент дар низоми сиёсии кишвар мавқеи махсус ва нақши муайянкунанда дорад.

Тавре борҳо таъкид гардидааст, Президент дар ташаккул ва таҳаввули таърихи навини миллати тоҷик, таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ ва рушди

низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузоштааст. Нақши ӯ на танҳо дар ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, балки дар эҳё ва рушди арзишҳои таърихию фарҳангии ниёгон низ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд фаъолияти мунтазам ва ҳамоҳангии самараноки шохаҳои ҳокимияти давлатӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Дар ин замина, ниҳоди Президент ҳамчун унсури муҳимми низоми сиёсӣ дар таъмини ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳкими муносибати давлат бо ҷомеа ва ҳифзи суботи конститутсионӣ нақши калидӣ мебозад.

Ташаккул ва татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат яке аз вазифаҳои марказии ниҳоди Президент мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи Конститутсия, Президент зинаи баландтарини ҳокимияти давлатӣ мебошад ва бо салоҳиятҳое муҷаҳҳаз аст, ки самти стратегии рушди кишварро муайян менамоянд.

Дар сиёсати дохилӣ Президент самтҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоиро муайян намуда, фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро ҳамоҳанг месозад, ҳукуматро ташкил медиҳад, барномаҳои давлатӣ тасдиқ менамояд ва ташаббускори қонунгузорӣ мебошад. Ҳуқуқи истисноии ӯ ҷиҳати таъину барканории мансабдорони баландпоя имкон медиҳад, ки амудияти ҳокимият таъмин гардида, ба мушкилоти дохилӣ вокуниши фаврӣ сурат гирад.

Дар соҳаи сиёсати хориҷӣ Президент самти сиёсати хориҷии кишварро муайян менамояд, созишномаҳои байналмилалиро имзо мекунад, давлатро дар арсаи байналмилалӣ намояндагӣ менамояд ва фаъолияти намояндагиҳои дипломатиро ҳамоҳанг месозад. Ин салоҳиятҳо ягонагӣ ва пайдарпайии сиёсати хориҷиро таъмин мекунанд, ки барои кишварҳои хурд, ки дар талоши таҳкими соҳибихтиёрӣ ва мавқеи худ дар арсаи байналмилалӣ ҳастанд, аҳаммияти муҳим доранд.

Таҳкими давлатдорӣ, ҳифзи амнияти миллӣ ва нигоҳдории суботи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти стратегӣ доранд. Дар ин замина, шакли

президентии идоракунӣ ҳамчун механизми муассири ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ барои қабули фаврӣ ва амалисозии қарорҳои дорои аҳаммияти умумимиллӣ мусоидат менамояд. Маҳз аз ҳамин нуқтаи назар, ниҳоди Президент дар механизми давлатдорӣ нақши муҳимро иҷро мекунад. Сиёсати хориҷӣ ҳамчун идомаи мантиқии афзалиятҳо ва манфиатҳои дохилии давлат, ба мавҷудияти равиши пайгирона, устувор ва дарозмуддат ниёз дорад. Таъмини чунин равиш ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, муайян намудани ҳадафҳои стратегӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро дар муносибатҳои байналмилалӣ тақозо менамояд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент ҳамчун сарвари давлат дар ташаккул ва татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар нақши калидӣ мебозад. Фаъолияти ӯ ба муайян намудани самтҳои асосии рушди давлат, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва таъмини ҳифзи манфиатҳои миллӣ равона гардидааст.

Аз ин рӯ, мақом ва нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми идоракунии давлатӣ на танҳо бо амалисозии ваколатҳои конститутсионӣ маҳдуд мегардад, балки инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори давлат, таҳкими суботи сиёсӣ ва таъмини пайдарҳамии сиёсати дохилӣ ва хориҷиро низ дар бар мегирад. Салоҳиятҳои конститутсионии ӯ ба таъмини якпорчагии сиёсати давлатӣ, устуворii низоми оналӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми шакли идоракунии президентӣ дар шароити давлати ҷумҳуриявӣ мавҷудияти маркази ягонаи ҳокимият мебошад, ки дорои имконияти устувор гардондани низоми сиёсӣ ва безарарсозии зиддиятҳои дохилӣ мебошад. Тавре мутафаккири фаронсавӣ А. де Токвил таъкид кардааст, маҳз шахсияти Сарвари давлат бояд «Шӯру шавқи оммавиро фурӯ нишонад», яъне ҳодисаҳои эҳсосӣ ва худҷӯшонаи иштироки сиёсиро таҳти назорат гирад ва ба идораи давлат хислати оқилонаву пайгирона бахшад.

Дар замони муосири Тоҷикистон низ Президент ҳамчун омил ва маркази

институтсионалии устуворӣ амал мекунад, ки курсҳои рушди дохилӣ ва хориҷиро, новобаста аз таҳаввулоти иҷтимоӣ ва чолишҳои сиёсӣ, таъмини устуворӣ мебахшад. Легитимият ё худ қонуниятии мақоми ӯ, ки аз Конститутсия сарчашма мегирад, имкон медиҳад, ки ба буҳронҳо босуръат ва самаранок посух дода шавад ва ягонагии сиёсати давлатӣ ҳифз гардад.

Дар ҳамин ҳол, тавре Токвил қайд менамояд, "парадокси модели амрикоӣ дар он аст, ки Президент дорои салоҳиятҳои васеи расмӣ мебошад, аммо нуфузи воқеии ӯ бо низоми санаду муқовимат, нуфузи шохаи қонунгузор ва хусусияти афкори умумӣ маҳдуд мегардад. Ӯ менависад, ки дар шароити демократӣ на қудрат, балки заъф ба Сарвари давлат имкон медиҳад, ки бар зидди дигар ниҳодҳои ҳокимият амал намояд"[142].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент на танҳо вазифаи маъмурӣ ва иҷроия, балки нақши муттаҳидкунанда ва мувозинаткунандаи равандҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоиро иҷро мекунад. Мақоми ӯ на танҳо ҳуқуқӣ, балки ахлоқиву сиёсӣ низ буда, масъулияти умумимиллӣ низ бар дӯш дорад, ки ниҳоди президентиро ба меҳвари низоми давлатдорӣ табдил медиҳад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки Токвил дар таҳлилҳои худ дугонагии ҳокимияти президентиро дар ШМА таъкид менамояд: аз як тараф, Президент қариб ба ихтиёроти шоҳона муҷаҳҳаз аст, аммо аз ҷониби дигар, ӯро низоми «санаду муқовимат» маҳдуд месозад. Ба гуфтаи ӯ "Қонунҳо ба ӯ имкони тавоно будан медиҳанд, вале шароити амалкарди ӯ ӯро нотавон месозад" [142, с. 111]. Ин парадокс минбаъд заминаи устувории демократияи амрикоӣ гардид, ки бе ҳокимияти мутамарказ фаъолият мекунад. Дар ин аст фарқи бунёдӣ миёни модели амрикоӣ ва низомҳое, ки қудрат дар дасти як шахс мутамарказ карда шудаанд.

Муқоиса бо Ҷумҳурии Узбекистон нишон медиҳад, ки гарчанде Конститутсия ба Президент салоҳиятҳои васеи расмӣ додааст, механизмҳои боздорӣ ва муқовимати воқеӣ дар амал то ба имрӯз маҳдуд боқӣ мондаанд. Президенти Узбекистон ҳамчун роҳбари давлат ва ҳокимияти иҷроия дорои

ҳуқуқҳои васеъ дар ташаккули сиёсатҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад[3]. Гарчанде ки дар солҳои охир ваколатҳои палатаҳои Маҷлиси Олӣ, бахусус дар самти назорати буҷетӣ ва арзёбии иҷрои барномаҳои давлатӣ, тадриҷан густариш ёфтаанд, марказияти қабули қарорҳои муҳимми давлатӣ ҳанӯз ҳам ба ниҳоди президентӣ вобастагии зиёд дорад. Ин вазъ, ҳарчанд барои суботи сиёсӣ мусоид аст, зарурати рушди минбаъдаи ниҳодҳои қонунгузор ва судиро ҳамчун омилҳои тавозун ва ҳисоботталабии демократӣ пеш мегузорад.

Бояд зикр кард, ки чунин таҷриба метавонад барои кишварҳое, ки анъанаҳои ҷумҳуриявии онҳо навтаъсис мебошанд, таваҷҷуҳовар бошад. Бо вуҷуди ин, тавре таъкид шудааст, татбиқи модели ҷудоии ҳокимият бо назорати тақвиятёфтаи парлумон ниёз ба шароити таърихӣ, ниҳодҳои рушдёфта ва фарҳанги баланди сиёсӣ дорад.

Дар низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки устувории сиёсӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок эътироф мегарданд, иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди таҳия ва қабули қарорҳои стратегии давлатӣ мақоми ҳалкунанда дорад. Ниҳоди Президент дар ин раванд ҳамчун меҳвари ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ амал намуда, барои таъмини амнияти миллӣ, ҳимояи манфиатҳои умумимиллӣ ва таҳкими соҳибихтиёрии кишвар нақши асосӣ иҷро мекунад. Ҳамзамон, вазифаҳои Президент танҳо бо роҳнамоӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳокимияти иҷроия маҳдуд намешаванд, зеро ӯ самтҳои асосии сиёсати хориҷиро муайян карда, ҳамчун кафили манфиатҳои миллии давлат баромад менамояд.

Дар ҳоле ки дар ШМА ташаккули сиёсати давлатӣ тавассути иштироки фаъоли мақоми намояндагӣ - Конгресс - тасаввур мешуд, ки ба гуфтаи падарони таъсисдиҳандаи ин давлат, бояд иродаи мардумро ифода ва ҳокимияти иҷроияро назорат намояд, дар Тоҷикистон Конститутсия ба Президент салоҳиятҳои васеъ медиҳад, ки ба модели ҳокимияти қавии иҷроия мутобиқ аст.

Дар ШМА, тибқи эссеи 58-уми «Федералист», маҳз Конгресс бояд

«иқтидори молиявиро» дар даст дошта бошад, ки рамзи назорати олӣ бар сиёсати ҳукумат мебошад[44, с. 389].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарии умумии сиёсати хориҷӣ ба зиммаи Президент вогузор шудааст. Ӯ кишварро дар арсаи байналмилалӣ намояндагӣ намуда, самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои хориҷиро муайян мекунад, шартномаҳои байналмилалиро ба имзо мерасонад ва фаъолияти сохторҳои дипломатиро ҳамоҳанг менамояд. Чунин низоми ташкили сиёсати хориҷӣ барои таъмини ягонагии мавқеи давлатӣ ва ҳифзи пайвастаи манфиатҳои миллӣ аҳаммияти муҳим дорад, махсусан дар шароити таҳаввулоти босуръати геополитикӣ. Ба ҳамин тартиб, дар шароити Тоҷикистон, ҳокимияти мутамаркази президентӣ имконият медиҳад, ки ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷӣ ба таври муассир ташаккул ёбад ва татбиқ гардад. Ин махсусан барои ҷомеаҳои гузаришӣ муҳим аст, ки дар онҳо ниҳодҳо ҳанӯз ба сатҳи кофии устуворӣ нарасидаанд. Бо вуҷуди ин, андешаҳои А. де Токвил ва мероси сиёсии «Федералист» то ҳол ҳамчун як меъёри арзишманд барои рушди дарозмуддати ниҳодҳои демократияи намояндагӣ қобили тавақҷуҳ боқӣ мемонанд.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи ШМА нишон медиҳад, ки ҳатто дар шароити ҳокимияти пурқудрати президентӣ эҳтимоли муноқиша бо мақоми намояндагӣ вуҷуд дорад. Баъзе пажуҳишгарони амрикоӣ таъкид намудаанд, ки Конститутсияи ШМА дорои «муноқишаи дарунсохт» миёни салоҳиятҳои Президент ҳамчун Сарфармондеҳи Олӣ ва ваколатҳои Конгресс дар соҳаҳои сиёсати хориҷӣ ва мудофиа мебошад [21,с. 65].

Аммо ин муноқиша на ҳамеша хусусияти тахрибӣ дорад, зеро низоме, ки бар пояи назорати мутақобил бунёд ёфтааст, ба ташаккули сиёсати давлатдории мутавозин ва дуруст мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, онҳо дар аксари ҳолатҳо муносибат бо Конгрессро бар пояи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ бунёд мекарданд. Чунин равиш ба ҳамкории институтионалӣ метавонад барои модели идоракунии давлатии Тоҷикистон низ дар ояндаи равандҳои демократӣ ва рушди оналӣ аҳаммияти хос дошта

бошад.

Ба ин тартиб, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ нақши марказиро мебозад. Бар хилофи модели амрикоӣ, ки тавозуни институтионалӣ масъулиятро байни шохаҳои гуногуни ҳокимият тақсим мекунад, модели тоҷикӣ ба нақши калидии Сарвари давлат ҳамчун ҳамоҳангсози стратегӣ дар ҳамаи самтҳои сиёсати давлатӣ асос меёбад. Ин низом, ки ба шароити миллӣ мутобиқ шудааст, субот ва идорашавиро таъмин мекунад, аммо ҳамзамон зарурати рушди минбаъдаи ниҳодҳои ҳуқуқӣ ва сиёсиро ба миён мегузорад, то тавонанд ҳокимияти президентиро дар чорчӯбаи давлатдории ҳуқуқбунёд тақвият ва мувозинат намоянд.

Таҷрибаи амрикоӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ як низоми мураккаб ва бисёрқабатаро нишон медиҳад, ки дар он ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор ҳамзамон ва пайваста ҳамкорӣ мекунанд. Конгресс дар муайянсозии самтҳои сиёсати байналмилалии кишвар на танҳо нақши расмӣ, балки нақши амалиро низ иҷро менамояд. Яке аз омилҳои калидӣ дар ин раванд таъсири лоббистӣ мебошад. Сенаторон ва вакилони Палатаи намояндагон ба интизоми сахти ҳизбӣ тобеъ нестанд, ки аз як тараф ба онҳо мустақилият медиҳад, аммо аз тарафи дигар кори Президентро душвор мегардонад, - зеро ӯ бояд дастгириро на танҳо аз мухолифин, балки аз дохили ҳизби худ низ ҷустуҷӯ намояд. Чунон ки коршиноси амрикоӣ Дмитрий Саймс ба дурустӣ таъкид намудааст, “ҳар як узви Конгресс як соҳибкори инфиродӣ аст, ки метавонад манфиатҳои шахсии фарқкунанда аз манфиатҳои Президентро дошта бошад” [34].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баръакс, модели сиёсати хориҷӣ ба таври куллӣ тавассути ниҳоди Президент ташаккул ва амалӣ мешавад. Президент на танҳо давлатро дар арсаи байналмилалӣ намояндагӣ мекунад, балки мустақилона шартномаҳои байналмилалиро мебандад, самтҳои авлавиятноки ҳамкориро муайян менамояд, шарикиҳои стратегиро ташаббус менамояд ва қарорҳои калидии сиёсати хориҷиро қабул мекунад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври равшан Сарвари давлатро бо ҳуқуқи роҳбарӣ ба сиёсати

хориҷӣ муҷаҳҳаз менамояд, ки ягонагӣ ва мувофиқати стратегиро дар ин соҳа таъмин мекунад.

Ин равиш ба табиати унитарии давлати тоҷикон ва чолишҳои даврaи гузариш ҷавобгӯ аст, ки дар он субот ва раҳбарии мутамарказшуда ҳамчун афзалият арзёбӣ мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар оянда эҳтимоли зарурати васеъ кардани иштироки мақомотҳои намояндагӣ дар раванди банақшагирии сиёсати хориҷӣ пеш меояд - хусусан бо ҳадафи таъмини шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва мувофиқати ташаббусҳои байналмилалӣ.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи амрикоӣ нишон медиҳад, ки устувории сиёсати хориҷӣ ва қонунияти он дар ҳолате афзоиш меёбад, ки равандҳо бо тартиботи шаффоф ва тавозуни муассирии оналӣ таъмин гардида бошанд. Ҳатто агар қисми зиёди қонунгузорони амрикоӣ ба масъалаҳои сиёсати дохилӣ тамоюл дошта бошанд, иштироки онҳо дар сиёсатҳои байналмилалӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад. Иштироки сохторҳои парлумонӣ дар раванди банақшагирӣ ва назорати сиёсати хориҷӣ кафолати назорати ҷомеа ва ҳисоботдиҳии институтсионалиро ба миён оварда, дар ниҳоят, амнияти миллӣ ва устувории демократиро тақвият мебахшад.

Барои Тоҷикистон, ки дар марҳилаи таҳким қарор дорад, унсурҳои чунин равиш метавонанд дар оянда аҳаммияти бештар пайдо кунанд. Густариши иштироки мақомотҳои намояндагӣ, кумитаҳо ва механизмҳои парлумонӣ дар масоили сиёсати хориҷӣ ва дифоӣ метавонад ба болоравии сатҳи расидагии сиёсӣ ва устувории низоми давлатӣ мусоидат намояд. Бо ин ҳама, бояд заминаҳои таърихӣ, фарҳанги сиёсӣ ва авлавиятҳои рушди кунунӣ ба инобат гирифта шаванд, ки дар онҳо ҳифзи субот ва якпорчагии миллӣ вазифаҳои асосӣ боқӣ монда, зарурати ҳокимияти пуркудрати президентӣ ҳамоно калидӣ боқӣ мемонад.

Умуман, давлатҳои муосир, бахусус кишварҳое, ки дар марҳилаи гузариши сиёсӣ ва институтсионалӣ қарор доранд, бо масъалаи интихоби модели муносиби ташкили ҳокимияти давлатӣ ва тақсими ваколатҳои он рӯ ба рӯ мегарданд. Дар чунин шароит, ҷойгоҳ ва самаранокии фаъолияти ниҳоди

Президент аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад, зеро сатҳи қонуният, самаранокии идоракунӣ ва фаъолияти ин ниҳод ба устувории низоми сиёсӣ, таҳкими давлатдорӣ ва муваффақияти татбиқи сиёсати хориҷии давлат таъсири мустақим мерасонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи давлатҳое мебошад, ки модели конститутсионии ҳокимияти президентии қавиро интихоб кардааст. Дар доираи ин модел Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул, муайянсозӣ ва татбиқи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар мавқеи меҳварӣ ва нақши роҳбарикунандаро ишғол менамояд.

Аҳаммияти масъалаи мазкур на танҳо аз хусусиятҳои сохтори давлатдорӣ, балки аз вижагиҳои роҳи таърихӣ, барқарорсозии баъдиҷангӣ, сохтори этносиёсии ҷомеа ва муҳити байналмилалӣ, ки давлати Тоҷикистон дар он фаъолият менамояд, маншаъ мегирад. Аз ҳамин ҷост, ки баррасии масъалаи нақши Президент дар ташаккули самтҳои стратегии сиёсати давлатӣ таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ, институсионалӣ, сиёсатшиносӣ ва муқоисавиро тақозо мекунад.

Дар низомҳои сиёсию ҳуқуқии муосир ниҳоди Президент мақоми калидӣ дар идоракунии равандҳои давлатӣ дорад. Ин, махсусан, ба давлатҳое мансуб аст, ки сохтори ҳукуматдории президентӣ доранд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон. Модели конститутсионии ҳокимияти давлатӣ дар кишвар бар пояи эътирофи Президент ҳамчун шахси мансабдори олӣ асос ёфтааст, ки вазифаҳои сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроияро ба уҳда дорад.

Дар сиёсати дохилӣ Президент самтҳои асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодиро муайян менамояд, ҳукуматро ташкил медиҳад, барномаҳои давлатӣ тасдиқ мекунад ва ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дорост. Ӯ фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти иҷроияро ҳамоҳанг менамояд, шахсони мансабдори олирутбаро, аз ҷумла Сарвазир, вазирон ва роҳбарони мақомотҳои марказии давлатӣ таъин ва озод мекунад. Ин ваколатҳо суботи сиёсӣ, тамомияти институтсионалӣ ва амудии ҳокимиятро дар идораи давлатӣ таъмин менамоянд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 69-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб буда, ҳамзамон ӯ дар муносибатҳои дохилӣ ва байналмилалӣ намояндаи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар доираи ваколатҳои худ ӯ роҳбарии умумии сиёсати хориҷиро амалӣ намуда, созишномаҳои байналмилалиро имзо мекунад, намояндагони дипломатиро таъин ва бозхонд менамояд.

Дар доираи ваколатҳои конститутсионии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлатро муайян намуда, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, тавсеаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин иштироки фаъолонаи кишварро дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ таъмин менамояд.

Ҳамзамон, Конститутсия ба Президент ваколатҳои истисноиро дар соҳаи амният ва мудофиа вогузор кардааст. Аз ҷумла, ӯ роҳбарии Шурои амниятро ба уҳда дошта, фармондеҳии Қувваҳои Мусаллаҳро таъин менамояд. Ин салоҳиятҳо, махсусан дар шароити таҳаввулоти геополитикӣ ва зарурати қабули қарорҳои фаврӣ барои муқовимат ба таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ, аҳаммияти калидӣ доранд.

Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо рамзи ваҳдати миллӣ ва давлатдорӣ маҳсуб намешавад, балки ҳамчун субъекти марказии ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ ва ташаббускори асосии равандҳои сиёсӣ низ мавқеи муайянкунанда дорад.

Модели президентии амалкунанда, ки асосҳои он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, ба талаботи таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва таҳкими амнияти миллӣ мутобиқ мебошад. Дар баробари ин, такомули минбаъдаи ин модел метавонад ба рушди механизмҳои институтсионалии масъулият ва ҳисоботдиҳӣ асос ёбад, зеро чунин механизмҳо барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии

давлатӣ ва таҳкими устувории низоми давлатдорӣ дар асоси принсипҳои давлати ҳуқуқбунёд аҳаммияти муҳим доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми мутамаркази ҳокимияти иҷроия амал мекунад, ки дар он Президент ҳамчун Сарвари давлат ва кафили Конститутсия нақши марказиро дар ташаккул ва ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ иҷро менамояд. Президент самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро муайян намуда, фаъолияти мутаносиби мақомоти ҳокимияти давлатиро таъмин мекунад. Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти калидии низоми идоракунии давлатӣ буда, дорои ваколатҳои муҳиму муайянкунанда дар ташаккул ва амалисозии сиёсати давлатӣ мебошад. Нақши ӯ на танҳо дар асоси меъёрҳои ҳуқуқии Конститутсия, балки дар асоси воқеияти таърихӣ, шароити сиёсӣ ва институтсионалии ташаккули давлат муайян шудааст. Барои рушди минбаъдаи низоми идоракунӣ ба самти демократияи устувор ва давлати ҳуқуқбунёд, тадриҷан густариши ниҳодҳои иштироки парлумонӣ, механизмҳои ҳисоботдиҳӣ ва қабул намудани қарорҳои боз ба ҷомеа зарур аст, бе он ки пояҳои субот, ки аз ҷониби ҳокимияти президентӣ таъмин мегарданд, халалдор шаванд.

Хусусияти модели президентӣ дар Тоҷикистон дар устуворӣ ва қобилияти он ба якпорчагии институтсионалии ҳокимият ифода меёбад, ки ин махсусан дар шароити барқарорсозии баъдинизоъӣ, ҳассосияти этнополитикии минтақаҳо ва таҳдидҳои беруние, чун экстремизми фаромарзӣ, ҷараёнҳои муҳоҷират ва вазъи ноустувори Афғонистони ҳамсарҳад аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар чунин шароит, ҳокимияти президентӣ на танҳо ҳамчун механизми идоракунии сиёсӣ, балки ҳамчун омили ҳифзи ҳувияти давлатӣ, таъмини пайдарпаии сиёсат ва истиқлолияти сиёсати хориҷӣ баромад мекунад [85, с. 17].

Ӯ манбаи ташаббусҳои стратегӣ, маркази қонуният ва кафили субот дар шароити мураккабии дохилӣ ва фишорҳои беруна мебошад. Барои рушди устувори давлатдории ҳуқуқӣ, на танҳо нигоҳ доштани амудии қавии

президентӣ, балки таъмини ҳамгироии он бо низоми муассири ниҳодҳои демократии бордорӣ ва масъулият зарур аст.

Умуман, яке аз омилҳои асосие, ки самаранокии ниҳоди Президентро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад, ягонагии банақшагирии стратегӣ ва иродаи сиёсӣ дар сатҳи олии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Президент ҳамчун ташаббускори ислоҳоти муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ баромад мекунад, аз ҷумла рушди инфрасохтор, рақамисозии идоракунии давлатӣ, муосиргардонии соҳаи кишоварзӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф. Ҳамзамон, ӯ ҳуқуқи арзёбии иҷроиши барномаҳои давлатӣ ва ворид намудани тағйиру иловаҳоро нигоҳ медорад, ки ин қобилияти идорашавӣ ва мутобиқшавии низомро ба таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ зиёд менамояд [59, с. 39]. Чунин ҳолатро мо ҳамчун модели муттаҳид ва мутамаркази роҳбарии давлатӣ арзёбӣ менамоем, ки дар шароити Тоҷикистон бо назардошти фазои сиёсии номутавозин, ноустувории минтақавӣ на танҳо муфид, балки зарурӣ низ мебошад.

Ниҳоят, дар фаъолияти худ, Президент ба масъалаҳои амнияти миллӣ ва ҳимояи соҳибихтиёрии ҳудудӣ аҳаммияти махсус медиҳад. Ин дар шароити таҳдидҳои муштараки минтақавӣ, чун терроризми фаромиллӣ, қочоқи маводи мухаддир ва радикализми сиёсӣ, бисёр муҳим аст. Аз ин ҷост, ки яке аз шаклҳои муҳимми фаъолияти хориҷии Президент иштирок дар сохторҳои амнияти дастаҷамъӣ (СААД), иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ (СҲШ, ИДМ), инчунин ташаббуси форматҳои дуҷонибаи ҳамкорӣ дар масоили сарҳадӣ, пеш аз ҳама, бо Афғонистон ва Чин ба шумор меравад [75, с. 12].

Дарвоқеъ, фаъолияти Президент дар самти амният ва сиёсати хориҷӣ, хусусан тавассути платформаҳои бисёрҷониба, ҳамчун як стратегияи зарурӣ барои кишваре чун Тоҷикистон бисёр муҳим мебошад. Дар шароите, ки ниҳодҳои амниятии миллӣ ҳанӯз дар марҳилаи таҳкими қобилият қарор доранд, иштирок дар созмонҳои байналмилалии амниятӣ ва иқтисодӣ, ба монанди СААД, СҲШ ва ИДМ барои таъмини пуштибонии геополитикӣ, мубодилаи иттилоот ва амалиёти муштарак аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад.

Президент на танҳо барномаҳои дастгирии забони давлатӣ, мероси фарҳангӣ ва тарбияи ахлоқии ҷавононро назорат мекунад, балки чорчӯбаи идеологии ҳувияти давлатиро низ шакл медиҳад. Ш.С. Ҳамрошоев чунин қайд мекунад, ки “Паёмҳо ва суханрониҳои консептуалии ӯ асоси ташаккули доктринаи давлатии ғояи ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ мешаванд, ки дар муҳити чандмиллатӣ ва иҷтимоии гуногун хеле муҳим аст. Ин вазифа ба гурӯҳи механизмҳои рамзии қонуниятбахшии ҳокимият тааллуқ дорад, ки ба пойдории иловагии ниҳодҳо ва идорашавии ҷомеа мусоидат менамояд” [98, с. 94].

Нақши идеологӣ ва арзишӣ дар фаъолияти Президент, махсусан дар шароити Тоҷикистон, ки дорои танаввуъи этникӣ, забонӣ ва динӣ аст, на танҳо муфид, балки зарурист. Таъмини ваҳдати миллӣ ва ҳамгироии арзишӣ дар чунин муҳит наметавонад танҳо бо абзорҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ сурат гирад. Механизмҳои рамзӣ ва арзишӣ, ба монанди суханрониҳои стратегӣ, паёмҳои солона ё ташаккули симои давлатии ватандӯстона, барои ҳифзи якпорчагии маънавии ҷомеа нақши ҷиддӣ доранд.

Дар заминаи тағйироти афзояндаи глобалӣ ва дигаршавии мувозинати қудрат дар сатҳи байналмилалӣ, устувории институтсионалӣ ва фаврият дар қабули қарорҳои сиёсати хориҷӣ ба захираи ҳаётан муҳим барои давлатҳои хурд табдил меёбад. Дар чунин шароит, модели ҳокимияти президентӣ , ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст, имконият медиҳад, ки хати сиёсати хориҷии фаъол, ҳадафманд ва ҳамоҳанг таҳия гардад. Самаранокии раванди қабули қарорҳо, ки аз набудани монеаҳои байниниҳодӣ таъмин мегардад, барои вокуниши фаврӣ ва мутобиқ ба таҳаввулоти байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Ин имконият, аз ҷумла, дар пешбурди музокироти байналмилалӣ, татбиқи дипломатияи буҳронӣ ва ташкили эътилофҳо дар шароити тағйироти босуръати муҳити геополитикӣ аҳаммияти махсус касб мекунад. [90, с. 88].

Модели президентие, ки дар Тоҷикистон амал мекунад, дар робита ба сиёсати хориҷӣ бартарии нисбӣ медиҳад, зеро он сарфаи вақт, тасмимгириҳои

босуръат ва ҳадафгузории равшанро таъмин мекунад. Ин, махсусан дар вазъиятҳое, ки вокуниш бояд фаврӣ ва мутамарказ бошад, мисли буҳронҳои дипломатӣ, таҳдидҳои амниятӣ ё зарурати ташкили эътилофҳои мавсимӣ, ки самаранокии худро собит кардааст.

Инчунин, дипломатияи иқтисодӣ ҳамчун василаи сиёсати хориҷӣ барои кишварҳои дорои иқтидори маҳдуди захиравӣ, мисли Тоҷикистон, нақши ҳалкунанда мебозад. Дар шароите, ки рақобати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ шадидтар мешавад, ҷалби сармояи хориҷӣ, таъмини дастрасӣ ба бозорҳои содиротӣ ва назорати захираҳои стратегӣ (монанди об ва энергия) бояд ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияҳои давлатӣ бошад.

Муҳаққиқи ватанӣ С. Қувватзода дар масъалаи ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об чунин менигорад: “Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти пешбари татбиқи гидросиёсати ҷаҳонӣ баромад менамояд. Татбиқи амалии ташаббусҳо ва пешниҳодҳои сершумори Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масъалаҳои об ба пайдоиши заминаи боэътимоди стратегӣ барои рушди минбаъдаи гидросиёсати ҷаҳонӣ мусоидат намуд. Ба шарофати ин ташаббусҳо, мавзуи об ба яке аз масъалаҳое табдил ёфт, ки дар мулоқотҳои олии сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба таркиби консепсияҳо ва нақшаҳои стратегии ҳам давлатҳои ҷаҳон ва ҳам созмонҳои байналмилалӣ ворид гардид. Пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе ба маркази муҳокима ва ҳалли мушкилоти гидрологӣ дар арсаи ҷаҳонӣ табдил ёфт. Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳо ва пешниҳодҳои ҳаётии худ дар самти об ба иштирокчии фахрии қариб ҳамаи чорабиниҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии вобаста ба масъалаҳои об мубаддал гардидааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун ташаббускори байналмилалии масъалаҳои об эътироф менамояд. Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба ҳаёти миллиардҳо нафар сокинони сайёра, ки ба об, махсусан ба оби тозаи ошомиданӣ, дастрасии мунтазам надоранд, ғамхорӣ зоҳир менамояд” [77, с. 49]. Андешаи муҳаққиқро ҷонибдорӣ намуда, иловатан қайд менамоем, ки Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҳамчун яке аз чеҳраҳои калидӣ ва ташаббускори асосии гидросиёсати ҷаҳонӣ эътироф гардидааст.

Ташаббусҳо ва пешниҳодҳои байналмилалии ӯ дар соҳаи об ба ташаккули заминаи устувори стратегӣ барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об мусоидат намуданд. Бо ташаббусҳои Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба захираҳои об аз доираи маҳдуди муҳокимаҳои экологӣ берун омада, ба яке аз масъалаҳои муҳимми рӯзномаи сиёсати байналмилалӣ табдил ёфтанд. Дар натиҷа, ин масъалаҳо дар меҳвари баррасии созмонҳои байналмилалӣ қарор гирифта, ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки барномаҳои стратегии бисёр давлатҳои ҷаҳон мавқеи муҳим пайдо карданд.

Бо ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон, аз ҷумла солҳои байналмилалии марбут ба об ва конфронсҳои сатҳи баланд, шаҳри Душанбе ба яке аз марказҳои муҳимми байналмилалии муҳокима ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти гидрологӣ табдил ёфт. Ин раванд нишон медиҳад, ки сиёсати обии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон на танҳо аҳаммияти миллӣ, балки хусусияти фарогири байналмилалӣ касб намудааст.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун ташаббускори фаъоли байналмилалӣ дар соҳаи об ва ҳифзи захираҳои гидрологӣ мешиносад. Мавқеи ӯ бар он асос меёбад, ки об бояд на ҳамчун воситаи рақобат, балки ҳамчун омили ҳамкорӣ, суботи байналмилалӣ ва рушди устувор истифода шавад. Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ва ташаббусҳои худ пайваста ба масъалаи дастрасии миллиардҳо нафар аҳолии ҷаҳон ба оби тозаи ошомиданӣ таваҷҷуҳ намуда, ҳалли ин мушкилотро яке аз вазифаҳои муҳимми ҷомеаи байналмилалӣ арзёбӣ мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, фаъолияти ӯ дар самти гидросиёсат ҳамчун намунаи дипломатияи муосири башардӯстона ва сиёсати масъулона дар арсаи байналмилалӣ арзёбӣ мегардад.

Бо вуҷуди ин, самаранокии чунин дипломатияи иқтисодӣ дар ҳолате таъмин мегардад, ки он бо сиёсати дохилии устувор, муҳити ҳуқуқии пешбаранда, ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар муомилаҳо ва шаффофияти механизмҳои амалӣ ҳамоҳанг бошад. Агар фаъолияти сатҳи олӣ бо ислоҳоти воқеӣ дар бахшҳои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва идоракунии

захираҳо ҳамроҳ нашавад, пас натиҷаи дилхоҳ дар дарозмуддат ба даст намеояд. Аз ин рӯ, фаъолияти хориҷии Президент дар заминаи иқтисодӣ на танҳо дипломатияи одӣ, балки сиёсати мушаххаси иқтисодии хориҷӣ мебошад, ки бояд бо равандҳои дохилӣ ҳамоҳанг бошад ва ба ташаккули иқтисодиёти қавии миллӣ хидмат кунад.

Ҳамзамон, ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон дар таъмини ҳамгироии сиёсии манотиқ нақши калидӣ мебозад. Механизми амудии кадрӣ, ки бар асоси ҳуқуқи конститутсионии Президент оид ба таъйини роҳбарони ҳокимиятҳои иҷроияи маҳаллӣ бунёд ёфтааст, ба идоракунии мутамарказ ва пешгирии фрагментатсияи фазои сиёсӣ мусоидат менамояд. Дар шароити пурпечутоби мураккаби этникию динӣ ва ҷуғрофӣ, ин омил барои нигоҳдории якпорчагии идоракунии давлатӣ ва назорат бар ҳудудҳои канорӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад [103, с. 59].

Ба андешаи мо, низоми амудии таъини кадрҳо ва мутамарказсозии ҳокимият, ки имрӯз дар Тоҷикистон амал мекунад, дар шароити феълӣ як воситаи зарурӣ барои таъмин намудани идоракунии самараноки давлатӣ мебошад. “Аз ин рӯ, бо нигоҳ доштани ниҳоди қавии президентӣ , муҳим аст, ки системаҳои супоридани ваколатҳо, таҳкими касбияти зинаҳои миёнаи идоракунӣ, инчунин ҷорӣ намудани механизмҳои рақамии робитаи мутақобила байни давлат ва шаҳрвандон пайваста рушд дода шаванд” [89, с. 147]. Ба андешаи мо ҳамаи ин метавонад ба баланд бардоштани чандирӣ ва устувории низоми сиёсӣ дар дурнамои дарозмуддат мусоидат кунад.

Ҳамин тавр, интегратсияи механизмҳои тақсимоти оқилонаи ваколатҳо, бо истифодаи абзорҳои рақамии идоракунӣ ва дастгирии захираҳои инсонӣ дар сатҳи маҳаллӣ, шарти зарурӣ барои муваффақияти модели президентии идоракунӣ дар Тоҷикистон дар шароити тағйироти мураккаби ҷаҳонӣ мебошад. Президент дар Тоҷикистон вазифаи стратегӣ ва институтсионалии худро ҳамчун таъминкунандаи самтгирии сиёсати давлатӣ ба уҳда дорад, ки на танҳо механизмҳои амалиро идора мекунад, балки мафҳумҳо, арзишҳо ва принсипҳои асосии курси миллиро низ муайян месозад.

Яке аз чунин самтҳои стратегии рушд ташаккули модели «ҳокимияти иҷроияи қавӣ бо дараҷаи баланди ҳамгироии сиёсӣ» мебошад, ки ин на танҳо дар таҷрибаи таъини шахсони калидӣ ба мансабҳои давлатӣ, балки дар механизми ташаккули заминаи ҳуқуқӣ ифода меёбад. Тибқи андешаи муаллиф: “Президент дорои ҳуқуқи истисноӣ барои пешниҳоди лоиҳаҳои қонун ба Маҷлиси намояндагон мебошад, инчунин, ӯ қонунҳои аз ҷониби парлумон қабулшударо ба имзо мерасонад, ки ин пайванди байни ҳокимияти қонунгузор ва иҷроияро таъмин менамояд” [67, с. 109]. Ҳамзамон, Президент тавассути қабули фармонҳо ва амрҳо метавонад масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқиро ба таври фаврӣ ҳал намояд. Ин ваколат махсусан дар ҳолатҳои фавқулода ва ё вазъиятҳое аҳаммияти калон дорад, ки қабули қарорҳои таъхирнопазир ва вокуниши саривақтии давлатӣ зарур мебошад.

Аз нуқтаи назари конститутсионализми муосир, истифодаи модели мутамарказ ва ҳамоҳангшудаи ҳокимияти иҷроия дар давлатҳое, ки дар марҳилаи таҳким ва такомули давлатдорӣ қарор доранд, метавонад барои баланд бардоштани самаранокии қабули қарорҳои давлатӣ ва таъмини устувории институтсионалии низоми идоракунӣ мусоидат намояд. Дар чунин шароит, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маркази ташаккул ва ҳамоҳангсозии сиёсати давлатӣ амал карда, барои нигоҳдории тавозуни сиёсӣ ва таъмини фаъолияти устувори низоми давлатӣ нақши калидӣ мебозад.

Дар шароити танишҳои афзояндаи геополитикӣ ва рақобати шадид байни марказҳои ҷаҳонии қудрат, нақши Президент дар давлати хурд, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, на танҳо характери идоракунанда, балки характери муҳофизатӣ низ касб менамояд. Президент дар чунин шароит ҳамчун кафили Конститутсия, ҳомии манфиатҳои миллӣ, рамзи якпорчагии сиёсӣ ва манбаи субъекти сиёсати хориҷии кишвар баромад мекунад. Ин вазифа, бахусус дар замоне муҳим мегардад, ки равобити байналмилалӣ ба фрагментатсия майл доранд ва механизмҳои танзими ҷаҳонӣ заъиф гардидаанд [100, с. 37].

Аз дидгоҳи назарияи сиёсат ва таҳлили низоми байналмилалӣ, чунин тавсеаи функсионалии мақоми Президент дар давлатҳои хурд, хусусан дар

муҳити сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонии ноустувор, комилан асоснок ва ҳатто зарурӣ мебошад. Ба назари мо, дар ҳолати набудани ниҳодҳои пуриқтидори муқовимат ва ташаббус дар дигар шохаҳои ҳокимият, марказият ва иқтидори мутамаркази Президенти кишвар, метавонад заминаи асосии ҳифзи субъектнокии сиёсӣ ва амалигардонии сиёсати хориҷии мустақил гардад.

Бо вуҷуди ин, ин модел дар дарозмуддат танҳо дар он сурат самаранок боқӣ мемонад, ки бо механизмҳои қонуниятнокӣ, шаффофият ва дастгирии иҷтимоӣ тавъам гардад. Яъне, нақши Президент ҳамчун кафили манфиатҳои миллӣ бояд бо институтсионализм ва далеласосии равандҳои сиёсӣ тақвият ёбад, то он на танҳо маркази иқтидор, балки меҳвари эътимод ва устувории низом дар дохил ва хориҷ боқӣ монад.

Устуворӣ ва идорашавии сиёсати хориҷии кишвар то андозае аз мавқеи шахсии Президент, қонуниятнокии байналмилалӣ ва обрӯи ӯ вобаста мебошад. Ширкати Президенти Тоҷикистон дар муколамаҳои стратегӣ, платформаҳои ҳамгироӣ ва гуфтушунидҳои дуҷониба на танҳо мавқеи кишварро дар сиёсатҳои глобалӣ тақвият мебахшад, балки ҷалби сармоя, тавсеаи бозорҳои содирот ва таҳкими имиҷи Тоҷикистонро ҳамчун шарики боэътимод дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад. Ба ин тариқ, дипломатияи президентӣ ба воситаи фаъолияти оналӣ ба таҳкими сиёсати хориҷии кишвар мусоидат менамояд [93, с. 20].

Аз дидгоҳи назарияи дипломатияи шахсиятгаро ва таҳлили низомҳои президентӣ, нақши Президент ҳамчун субъект ва модератори асосии сиёсатҳои хориҷӣ дар давлатҳои дорои сохтори мутамаркази ҳокимият, ба мисли Тоҷикистон, комилан мантиқӣ ва муассир арзёбӣ мегардад. Мо бар он назарем, ки омилҳои фардӣ, аз қабили обрӯи шахсӣ, таҷрибаи дипломатӣ ва қонуниятнокии байналмилалӣ дар кишварҳои хурд ва рӯ ба рушд метавонанд нақши баробар бо ниҳодҳои расмӣ дошта бошанд.

Бо вуҷуди ин, самаранокии дарозмуддати дипломатияи президентӣ ба он вобаста хоҳад буд, ки оё ин фаъолияти фардӣ ба ниҳодҳои устувори сиёсати хориҷӣ, аз ҷумла вазорати корҳои хориҷӣ, марказҳои таҳлилӣ ва дипломатияи

иқтисодӣ, пайванд мегирад ё не. Яъне, барои устувор сохтани сиёсати хориҷии Тоҷикистон, дипломатияи президентӣ бояд на танҳо ҳамчун абзори шахсӣ, балки ҳамчун пояи рушди институтсионалии муносибатҳои байналмилалӣ амал кунад. Аз ин рӯ, нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар як сохтори бисёрсатҳаро ифода мекунад, ки дар он масъулияти шахсӣ, легитимияти конститутсионӣ, роҳбарии стратегӣ ва таъсири институтсионалӣ бо ҳам омехта шудаанд. Президент, ҳамзамон маркази ҳамоҳангсозӣ ва манбаи ташаббусҳои сиёсӣ буда, ба амудияти устувори ҳокимият такя мекунад, аммо дар баробари ин, бо зарурати таҳаввули ниҳодҳои сиёсӣ дар самти шаффофият ва иштироки бештари ҷомеа рӯ ба рӯ мешавад. Таносуби дуруст байни субот ва навсозӣ бояд ба унсури асосии рушди минбаъдаи модели президентӣ дар Тоҷикистон табдил ёбад.

Таҳлили пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки ба чунин хулоса расем: Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо вазифаи олии давлатӣ, балки рисолати муҳимми ҳифзи соҳибихтиёрӣ, суботи сиёсӣ ва якпорчагии институтсионалиро иҷро мекунад.

Ваколатҳои дар Конститутсия пешбинишуда мавқеи Сарвари давлатро дар низоми тақсими ҳокимият таъмин менамоянд, ки ба ӯ имкон медиҳанд ислоҳоти дохилиро ҳамоҳанг созад ва кишварро дар арсаи байналмилалӣ намояндагӣ кунад. Дар шароити ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, хатарҳои минтақавӣ ва ноустувории ҷаҳонӣ, маҳз ҳокимияти президентӣ асоси устувории низоми идоракунии давлатро ташкил медиҳад.

Бо вуҷуди самаранокии модели амалкунанда, пойдории дарозмуддати он тақозои рушди минбаъдаи институтсионалиро мекунад. Барои таъмини сиёсати мутавозини давлатӣ ва таҳкими механизмҳои давлатдорӣ пешниҳод мегардад:

1. Тақвияти иштироки парлумон дар раванди банақшагирии сиёсати хориҷӣ ва стратегӣ. Ба ин дохил мешавад шарҳи созишномаҳои байналмилалӣ аз ҷониби коршиносон, муҳокимаи самтҳои асосии дипломатия ва иштирок

дар мониторинги татбиқи созишномаҳо. Ин иқдом имкон медиҳад, ки сатҳи назорати демократӣ васеъ гардад, бидуни коҳиши самаранокии ташаббусҳои сиёсати хориҷӣ.

2. Дастгирӣ ва институтсионализатсияи коршиносии шаҳрвандӣ. Ҷалби муассисаҳои илмӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва марказҳои таҳқиқотӣ ба таҳияи барномаҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки афзалиятҳои ҷомеа амиқтар дарк шаванд ва сатҳи эътимод ба ҳокимият боло равад.

Ба ин тариқ, дар ин раванд роҳбарии стратегӣ ҳамчун поя боқӣ мемонад, аммо имкониятҳо барои иштирок, коршиносӣ ва робитаи сиёсӣ васеъ мегарданд. Ин роҳ на танҳо субот, балки мутобиқшавии низоми сиёсиро ба талаботи асри XXI таъмин хоҳад кард.

Ҳамзамон, роҳбари давлат тавассути сиёсати хориҷии фаъол ва ҳамкориҳои бисёрҷониба, барои коҳиш додани хатарҳои амниятии фаромарзӣ, таҳкими ҳамгироии минтақавӣ ва тақвияти заминаҳои суботи дохилӣ тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ менамояд. Аз ин рӯ, амнияти миллӣ дар Тоҷикистон на танҳо масъалаи низомиву стратегӣ, балки василаи муҳимми таҳкими давлатдории муосир, рушди инсондӯстона ва эҳёи арзишҳои миллию фарҳангӣ арзёбӣ мегардад. Дар низоми сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти кишвар ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ нақши калидӣ ва муҳимро иҷро мекунад. Ин мавқеъ на танҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таърихии кишвар низ такя менамояд.

Бо ҳамин, метавон хулоса намуд, ки дар шароити мураккаби рушди сиёсии ҷаҳони муосир ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ амал менамояд. Президент на танҳо сарвари давлат, балки кафили воқеии суботи сиёсӣ, амнияти миллӣ, ваҳдати ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ мебошад. Натиҷабахшии фаъолияти ин ниҳод ба сатҳи устувории низоми сиёсӣ, таҳкими давлатдорӣ, ҳифз ва рушди арзишҳои миллӣ, инчунин пешбурди рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири назаррас мерасонад. Аз ҳамин ҷиҳат, ҷойгоҳ ва нақши ниҳоди Президент дар

равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар пайваста тақвият ёфта, аҳаммияти он дар низоми идоракунии давлатӣ боз ҳам бештар мегардад.

3.2. Таҳкими ниҳоди Президенти Тоҷикистон дар шароити мураккаби инкишофи сиёсӣ

Таърихи рушди давлатҳо ва миллатҳо собит месозад, ки дар даврaҳои таҳаввулоти амиқи сиёсиву иҷтимоӣ ва марҳилаҳои сарнавиштсоз аҳаммияти нақши шахсият дар муайян намудани самти рушди давлат ва ҷомеа ба таври назаррас меафзояд. Дар чунин шароит арсаи сиёсӣ шоҳиди зуҳури шахсиятҳое мегардад, ки фаъолияти онҳо дар таҳкими давлатдорӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди арзишҳои ҷамъиятӣ таъсири муайянкунанда мерасонад.

Таҳлили таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар даврaҳои буҳронӣ ва марҳилаҳои гузариши давлатӣ масъулият ва нақши роҳбарони сиёсӣ дар таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими сохтори давлат ва нигоҳдории ваҳдати миллӣ боз ҳам бештар мегардад. Қобилияти қабули қарорҳои стратегӣ ва муттаҳид намудани иқтидори ҷомеа барои ҳалли вазифаҳои умумимиллӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба чунин шахсиятҳо имкони фароҳам сохтани заминаи рушди минбаъдаи давлатро медиҳанд.

Дар баробари ин, ташаккули шахсиятҳои барҷастаи сиёсӣ аз сатҳи рушди таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии худи миллат ҷудо нест. Миллате, ки дорои таърихи куҳан, тамаддуни ғанӣ, арзишҳои устувори миллӣ ва мероси пурғановати илмиву фарҳангӣ мебошад, барои парвариши шахсиятҳое замина фароҳам меорад, ки метавонанд дар муайян намудани сарнавишти давлат ва ҷомеа нақши ҳалкунанда дошта бошанд.

Муҳаққиқи ватанӣ Абдуллоҳи Раҳнамо чунин менигорад, ки “Магар мо Исмоили Сомониро шахсан мешиносем ва ё ҳеҷ кадоме аз мо аз ӯ инъоме ё вазифае гирифтаем? Аммо чун ӯ бунёдгузор ва рамзи як силсила арзишҳои усулии давлатдории миллии мост, ӯро нодида гиромӣ медорем. Аз ин нигоҳ, дар як фаҳмиши дурусти давлатдорона Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ имрӯз дигар фақат як шахс нест, ки ҳатман ҳар яки мо бо ӯ

шиносоии шахсӣ дошта бошем ва ҳар яки мо аз ӯ инъоме ё мансабе дарёфт кунем, балки фаъолият ва шахсияти ӯ маҳз дар раванди таърихии давлатсозӣ ва ташаккули арзишҳои усулии давлатдории муосири мо таҷассум ёфтааст. Яъне дар дидгоҳи таърихию давлатмеҳвар Пешвои миллат дигар на ҳамчун шахси алоҳида, балки ҳамчун шахсияти таърихӣ ва рамзи арзишҳои бунёдии давлатдории муосири мо гиромӣ дошта мешавад. Ин аст, ки имрӯз ӯ аз тарафи огоҳон на ҳамчун шахс, балки ҳамчун рамзи арзишҳои бунёдии давлатдорӣ, ҳамчун меҳвари ваҳдати миллӣ, ҳамчун кафили суботи устувор, ҳамчун арзиши миллӣ ва ҳамчун сарвати давлатию таърихӣ ҷонибдорӣ ва ҳимоя мешавад. Албатта, банда низ дарк ва инсоф мекунам, ки ин тарзу сатҳи фаҳмиш на барои ҳамагон қобили фаҳм ё қабул аст, аммо мантиқи навиштаҳои банда дар ин мавзӯъ, пеш аз ҳама, ҳамин будааст. Ба ибораи дигар, аз диди банда имрӯз ҳимоя аз ин низоми сиёсӣ ва роҳбарияти он ба маънои ҷонибдорӣ аз ин равнади таърихии давлатсозӣ, аз дастовардҳои зикршудаи он ва аз ин маҷмуии арзиш-ҳои бунёдии давлатдорӣ мебошад” [14, с. 75-76]. Ба назари мо, андешаҳои Абдуллоҳи Раҳнамо нақши ниҳоди Президентро аз дидгоҳи таърихию давлатмеҳвар тавзеҳ медиҳанд. Муҳаққиқ шахсияти Пешвои миллатро на танҳо ҳамчун роҳбари сиёсӣ, балки ҳамчун рамзи арзишҳои бунёдии давлатдории муосири Тоҷикистон арзёбӣ менамояд. Дар ин замина, таҳкими ниҳоди Президент бо таҳкими пояҳои давлатдорӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ ва таъмини суботи сиёсӣ робитаи мустақим дорад.

Халқи тоҷик ҳамчун яке аз миллатҳои қадимтарини соҳибтамаддуни ҷаҳон дар тули таърихи худ шахсиятҳои барҷастаи сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангиро ба арсаи таърих ворид намудааст. Таърих гувоҳ аст, ки дар марҳилаҳои гуногуни рушди давлатдорӣ ва фарҳанги миллӣ чунин абармардон, аз қабили Спитамен, Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Бобоҷон Ғафуров зуҳур намудаанд, ки бо хизматҳои бузурги сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангии худ дар рушди тамаддуни тоҷикон ва муаррифии миллат дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми арзишманд гузоштаанд.

Дар мақолаи хеш С. Ятимов чунин андеша дорад, ки “Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шояд аз нодиртарин раҳбарони сиёсии олам аст, ки бо мардуми одӣ ба тарзи мустақим, рӯ ба рӯ суҳбат ва ҷаласаҳо меорояд. Бо тамоми қишрҳои аҳолӣ - оғоз аз мактабҳои ибтидоӣ, миёна, олӣ, деҳқонон, коргарон, олимон, кормандони соҳаҳои эҷодӣ, аъзои ҳукумат бо сарфи қимматарин арзиш - вақт, батафсил, тахассусмандона, бурдборона, бо дарки хусусияти шахсӣ, дараҷаи дониш ва касбияти ҳар кас муошират мекунад. Ба муҳтавои нутқи ҳар кадом таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо ин восита мехоҳад, тасаввурот ва маълумоти худро оид ба ҳолу аҳвол, сатҳи маърифатнокии онон бозсанҷӣ, хулосабарорӣ ва чораҷӯӣ кунад. Ин усул ва тарзи давлатдорӣ намунаи олии ҳидояткунандаи раҳбарист” [141]. Ба назари мо, андешаҳои С. Ятимов аҳаммияти робитаи мустақими роҳбари давлат бо ҷомеаро ҳамчун унсури муҳимми таҳкими ниҳоди Президент инъикос менамоянд. Муошрати пайваста бо қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба баланд гардидани эътимоди ҷомеа ба ҳокимияти давлатӣ, дарки воқеии масъалаҳои иҷтимоӣ ва қабули қарорҳои самараноки сиёсӣ мусоидат мекунад. Дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ чунин усули роҳбарӣ ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва таъмини суботи сиёсӣ замина фароҳам меорад.

Ниҳоди Президент дар низомҳои сиёсии муосир яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ ба шумор меравад, ки нақши калидӣ дар ташкили сохтори қудрат ва идораи самараноки кишвар мебозад. Ин ниҳод на танҳо ҳамчун мақоми олии иҷроия амал мекунад, балки ҳамчун рамзи ваҳдати миллӣ, кафили суботи сиёсӣ ва таъминкунандаи амнияти давлатӣ низ шинохта мешавад. Дар давлатҳое, ки аз низомҳои мутамаркази ҳизбӣ ё монархӣ ба низоми ҷумҳуриявӣ ва бисёрҳизбӣ гузар мекунанд, аҳаммияти мақоми президентӣ бештар мегардад. Тибқи низоми конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккул ва татбиқи сиёсати хориҷӣ ба салоҳияти Президенти кишвар вогузор шудааст. Чунин тартиби тақсими ваколатҳо барои таъмини ягонагии стратегӣ, пайдарпайии фаъолияти байналмилалӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ мусоидат менамояд.

Таҳкими ниҳоди президент, асосан, дар шароити пурпечутоби сиёсӣ ва иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Чунин шароит метавонад аз фурӯпошии сохторҳои давлатдории қаблӣ, эҳтиёҷ ба ташкили низоми нав, зуҳури буҳронҳои иқтисодиву амниятӣ ва зарурати бозсозии муассисаҳои давлатӣ бархезад. Дар чунин ҳолатҳо, мақоми президентӣ ҳамчун маркази мутамаркази қудрати иҷроия ва таъминкунандаи ҳамоҳангии тамоми шохаҳои ҳокимият аҳаммияти вижа пайдо мекунад. Таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоии давраи соҳибистиқлолӣ нишон доданд, ки дар шароити мавҷудияти таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ таҳкими ниҳоди президентӣ барои таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи давлатдорӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бо ҳамин мақсад, дар марҳилаҳои гуногуни рушди кишвар ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид гардида, ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуданд ва механизмҳои нави идоракунии давлатӣ ташаккул ёфтанд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти зиёди сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятӣ рӯ ба рӯ шуд. Набудани ниҳодҳои устувори давлатӣ, таҷрибаи маҳдуди идоракунии демократӣ, низоъҳои дохилӣ ва буҳрони иқтисодӣ зарурати таъсиси низоми муассири ҳокимияти давлатиро ба миён оварданд.

Дар чунин вазъият, ниҳоди Президент ягона неруе буд, ки тавонист ба муттаҳидсозии ҷомеа, ҳифзи сохтори марказии давлатдорӣ ва пешгирӣ аз нобудшавии низоми сиёсии кишвар мусоидат кунад. Таҷрибаи давраи ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1992–1997) ва чорабиниҳои пас аз сулҳ собит сохт, ки бе мавҷудияти як Президенти пурқувват ва боқудрат, ба даст овардани суботи сиёсӣ ва бозсозии низоми давлатдорӣ имконнопазир мебуд. Дар ин ҷода муҳаққиқ Р.Ҷ. Ҳайдаров чунин ибрози назар намудааст, ки “Имрӯз бо боварии комил метавон гуфт, ки таҳкими истиқлолияти давлатии тоҷикон, бевосита, ба ташаккули ниҳоди Президент вобастагии амиқ дорад. Зеро маҳз ба шарофати сиёсати сулҳҷӯёна ва созандаву бунёдкоронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буҳрони шадиди солҳои аввали истиқлолият бартараф гардид” [68, с. 38]. Ба андешаи мо, мавқеи муҳаққиқ

Р.Ҷ. Ҳайдаров бо масъалаи таҳкими ниҳоди Президент дар шароити мураккаби инкишофи сиёсӣ алоқамандии мустақим дорад. Воқеан, солҳои аввали истиқлолият барои Тоҷикистон давраи бисёр ҳассос ва пурбуҳрон маҳсуб меёфт, ки дар он хатари аз байн рафтани давлатдорӣ ва халалдор гардидани низоми идоракунии давлатӣ вуҷуд дошт. Маҳз дар чунин шароити мураккаб зарурати ташаккули ниҳоди қавии Президент ба миён омад. Ин ниҳод ҳамчун механизми калидии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи пояҳои давлатдорӣ нақши муҳим бозид.

Маҳз тавассути фаъолияти ниҳоди Президент имконият фароҳам омад, ки пояҳои давлатдории миллӣ ҳифз гардида, раванди барқарорсозии сохторҳои давлатӣ ва таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ амалӣ карда шавад. Бо дарназардошти ин, метавон хулоса намуд, ки таҳкими ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо хусусияти институтсионалӣ надошт, балки ҳамчун яке аз омилҳои калидии рафъи буҳрони сиёсӣ, барқарорсозии низоми давлатдорӣ ва фароҳам овардани замина барои рушди минбаъдаи кишвар аҳаммияти ҳалкунанда касб намуд.

Дар солҳои аввали истиқлолият, замоне ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҳрони амиқи сиёсӣ ва ихтилофҳои шадиди дохилӣ рӯ ба рӯ гардида буд, ворид шудани Эмомалӣ Раҳмон ба саҳнаи сиёсат дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва таҳкими ҳокимияти давлатӣ аҳаммияти муҳим касб кард. Маҳз дар чунин марҳилаи сарнавиштсоз зарурати таҳкими ниҳоди Президент ҳамчун механизми асосии идоракунии давлатӣ ва воситаи таъминкунандаи суботи сиёсӣ бо равшанӣ бештар зоҳир гардид. Маҳз дар ҳамин замина Пешвои миллат чунин андеша доранд, ки “Бинобар ин мо мехоҳем, ки мардуми кишвари азизамон аз назари сиёсӣ огоҳ ва аз моҳияти равнадҳои сиёсӣ бохабар бошанд, ҳадафу моҳияти барномаҳои давлатиро сарфаҳм раванд, дуруст дарк намоянд, ки давлат ва Ҳукумати онҳо ба чӣ кор машғул мебошад, ба кадом самт равон аст, кадом корҳоро анҷом додааст ва кадом корҳои дигарро юояд иҷро намояд. Мардум бояд дуруст дарк кунанд, ки манфиати миллии онҳо дар чист ва манфитаи неруҳои манфиатхоҳи берунӣ аз

чӣ иборат аст, зери ин мавҷи таблиғоту иттилооти берунӣ, ки огоҳона аба сари ҷомеаи мо рехта мешавад, чӣ ҳадафҳо нуҳуфтаанд”[56, с. 425]. Дар шароити муосир, ки ба мураккаб гардидани равандҳои сиёсӣ, густариши таҳдидҳои иттилоотӣ ва тағйирёбии босуръати вазъи геополитикӣ тавсиф мешавад, таҳкими ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили муҳимми ҳифзи суботи сиёсӣ ва таъмини рушди устувори давлат аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

Аз иқдомҳои аввалини роҳбарии ӯ бармеомад, ки фаъолияти ниҳоди Президент ба муттаҳидсозии неруҳои сиёсӣ, коҳиш додани муқовиматҳои дохилӣ ва фароҳам овардани замина барои муколамаи сиёсӣ равона гардидааст. Дар чунин шароити мураккаби сиёсӣ ниҳоди Президент тадриҷан ба унсури калидии низоми идоракунии давлатӣ табдил ёфта, барои ҳифзи якпорчагии давлат, барқарор намудани фаъолияти мақомоти ҳокимият ва таъмини суботи конститутсионӣ мусоидат намуд.

Дар натиҷаи таҳкими фаъолияти ниҳоди Президент имконият фароҳам омад, ки кишвар аз буҳрони сиёсӣ ва хатари парокандагии давлатдорӣ берун оварда шавад. Ҳамзамон, барои барқарорсозии сулҳу субот, рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва татбиқи ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ заминаҳои мусоид ба вуҷуд омаданд. Таҷрибаи мазкур нишон медиҳад, ки дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ ниҳоди Президент дар Тоҷикистон ҳамчун механизми муҳимми таъмини суботи давлатӣ ва рушди минбаъдаи давлатдорӣ нақши муассир иҷро намудааст

Раванди таҳкими ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби таҳаввулоти сиёсӣ хусусияти марҳилавӣ ва пайгирона дошта, тавассути татбиқи маҷмуии чораҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва сиёсӣ амалӣ гардид. Дар ин раванд такмили заминаҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқии фаъолияти ҳокимияти президентӣ аҳаммияти калидӣ касб намуд. Аз ҷумла, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дақиқ намудани ваколатҳо ва густариши салоҳиятҳои Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва таъмини суботи сиёсӣ мусоидат кард.

Муҳаққиқ Шаҳбоз Асадов дар таҳқиқоти худ таъкид менамояд, ки “тағйиру иловаҳои конститутсионии солҳои баъдӣ, пеш аз ҳама, ба таҳкими ҳокимияти иҷроия ва густариши нақши Президент дар низоми идоракунии давлатӣ равона гардида буданд” [134]. Ба андешаи мо, ин мавқеъ хусусиятҳои таҳкими ниҳоди Президентро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити мураккаби таҳаввулоти сиёсӣ ба таври воқеъбинона инъикос менамояд. Дар солҳои аввали истиқлолият кишвар бо буҳрони амиқи сиёсӣ, бесуботии иҷтимоӣ ва заъфи ниҳодҳои давлатӣ рӯ ба рӯ гардид. Дар чунин шароит зарурати ташаккул ва таҳкими ниҳоди Президент ҳамчун механизми асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таъмини идоракунии самараноки кишвар ба миён омад. Дар чунин шароит густариши мақоми конститутсионии Президент ва такмили механизмҳои институтсионалии вобаста ба он, пеш аз ҳама, ба ҳифзи суботи сиёсӣ, барқарорсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таҳкими давлатдорӣ равона гардида буд. Аз ҳамин лиҳоз, таҳкими ниҳоди Президент дар Тоҷикистонро метавон ҳамчун раванди объективии мутобиқшавии низоми сиёсӣ ба шароити буҳронӣ ва зарурати таъмини идоракунии самараноки давлатӣ арзёбӣ намуд.

Ҳамзамон, ташаккули сохторҳои институтсионалии вобаста ба дастгоҳи президентӣ ва такмили механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ заминаи таҳкими низоми марказонидашудаи идоракуниро фароҳам овард. Дар ин замина, таъсиси сохторҳои ёрирасон ва машваратӣ, аз ҷумла Шурои амнияти миллӣ, барои таъмини амнияти давлатӣ, ҳифзи суботи сиёсӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимият аҳаммияти муҳим пайдо намуд.

Дар баробари ин, баргузории мунтазами интихоботҳои президентӣ ва раъйпурсиҳои умумихалқӣ ҳамчун механизми муҳимми таъмини машруияти демократии ҳокимияти президентӣ нақши назаррас бозиданд. Иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ин равандҳо ба таҳкими асосҳои ҳуқуқию сиёсӣ ва

болоравии эътимоди ҷамъиятӣ нисбат ба ниҳоди Президент мусоидат намуда, ҷойгоҳи онро дар низоми сиёсии кишвар устувортар гардонд.

Назарияи муосири давлатдорӣ ва идоракунии сиёсӣ бар он асос меёбад, ки самаранокии фаъолияти ниҳоди президентӣ на танҳо ба ҳаҷми ваколатҳои конститутсионӣ, балки ба мавҷудияти механизми мутавозини тақсимоти ҳокимият ва назорати байниҳамдигарии шохаҳои давлатӣ вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, таҳкими мақоми президентӣ бояд дар доираи принсипҳои давлатдории ҳуқуқбунёд, волоияти қонун ва мувозинати институтсионалии амалӣ гардад.

Дар айни замон, таҳкими устувори ниҳоди президент ба маҷмуии омилҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ вобастагии зич дорад. Дар ин раванд мавҷудияти заминаи мукаммали ҳуқуқӣ, такмили пайвастаи механизмҳои идоракунии давлатӣ ва сатҳи баланди эътимоди ҷомеа аҳаммияти ҳалкунанда касб менамоянд.

Маҳз ҳамин омилҳо имконият фароҳам меоранд, ки ниҳоди президентӣ фаъолияти худро ба таври самаранок ва устувор амалӣ намуда, дар таъмини суботи сиёсӣ, таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва пешбурди рушди устувори ҷомеа нақши муассир иҷро намояд.

Таҷрибаи давлатдории муосир нишон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти ниҳоди президент танҳо бо ҳаҷми ваколатҳои конститутсионии он муайян карда намешавад. Ҳамзамон, натиҷабахшии низоми идоракунӣ на танҳо аз ҳаҷми ваколатҳои мавҷуда, балки аз тарзи татбиқи онҳо, сатҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, дараҷаи рушди ниҳодҳои демократӣ ва сатҳи эътимоду дастгирии ҷомеа низ вобаста мебошад.

Муҳаққиқ Ҷон Хизершоу дар таҳқиқоти худ чунин менигорад, ки “Эҳтимол, бар хилофи воқеият, дар тули солҳо ва ҳатто даҳсолаҳо эҳёи сулҳ дар Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ имкон надошт, агар як низоми фаъоли ҳизбӣ, интихоби одилона, ҳукумати мутамарказ ё бахши ислоҳоти амниятӣ эҷод намешуд. Чунин дигаргуниҳо, вақте ки ба вуқуъ мепайванданд, бештар равандҳои тағйироти васеътари сиёсӣ ва иқтисодиро, ки дар мубоҳисаҳои маҳаллӣ консептуалӣ шудаанд, инъикос мекунанд” [119, с. 22]. Ба андешаи мо,

мавқеи муҳаққиқ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Ба андешаи муаллиф, барқарор гардидани сулҳ ва таъмини суботи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад ҳамчун натиҷаи як иқдоми алоҳида шарҳ дода шавад. Ин раванд пеш аз ҳама бо татбиқи маҷмуи ислоҳоти сиёсӣ, ташаккули низоми мутамаркази идоракунии давлатӣ ва таҳкими фаъолияти ниҳодҳои давлатдорӣ алоқаманд буд. Воқеан, таҷрибаи солҳои аввали истиқлолият нишон дод, ки дар шароити буҳрони сиёсӣ ва ихтилофҳои дохилӣ мавҷудияти ҳокимият ва ниҳоди қавии президентӣ барои нигоҳдории суботи давлатӣ ва идоракунии самараноки равандҳои сиёсӣ зарур буд. Дар чунин вазъ ниҳоди Президент ҳамчун механизми асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва татбиқи ислоҳоти сиёсиву амниятӣ нақши калидӣ бозид.

Ҳамзамон, андешаи муҳаққиқ нишон медиҳад, ки таҳкими суботи сиёсӣ ва сулҳи пойдор танҳо бо мутамарказ намудани ҳокимият маҳдуд намегардад. Он, инчунин, ба рушди ниҳодҳои сиёсӣ, такмили низоми интихоботӣ, баланд бардоштани нақши ҳизбҳои сиёсӣ ва татбиқи ислоҳоти давлатӣ вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки таҳкими ниҳоди Президент дар Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо рушди дигар ниҳодҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба амал омада, қисми муҳимми раванди ташаккули давлатдории муосирро ташкил медиҳад.

Дар шароити таҳдидҳои афзояндаи амниятӣ ва густариши зуҳуроти ифротгароӣ таҳкими ниҳоди Президент ҳамчун механизми муҳимми таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Дар робита ба ин масъала, Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони фаъоли ҷомеа, олимон ва ходимони дин 9 марти соли 2024 таъкид намуданд, ки: “Солҳои охир аз ҷониби баъзе шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди дигар кишварҳои ҷаҳон амалҳои мудҳиши террористӣ содир шуда, ин кирдори ғайриинсонии онҳо ба обрӯи давлати тоҷикон ва миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ иснод оварда истодааст. Тибқи маълумоти мавҷуда дар се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон ба таркондани худ даст задаанд” [139]. Ба андешаи мо дар

шароити мураккаби таҳаввулоти сиёсӣ ва амниятии ҷаҳонӣ ниҳоди Президент на танҳо ҳамчун сарвари давлат, балки ҳамчун кафили амнияти миллӣ, ҳифзи манфиатҳои давлатӣ ва ҳамоҳангсози фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва ифротгароӣ амал менамояд. Аз ин рӯ, вокуниши саривақтӣ ба чунин таҳдидҳо, таҳкими сиёсати давлатӣ дар соҳаи амният ва сафарбар намудани неруҳои ҷомеа барои пешгирии радикализатсия аз ҷумлаи омилҳои муҳимми таҳкими ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд. Пешвои миллат дар ҳамин вохӯрӣ иловатан таъкид карданд: “бар ивази ҳамаи тадбирҳои то имрӯз амалигардида ва дастгириву пуштибонии давлату Ҳукумат ҷиҳати муътадил нигоҳ доштани вазъи динӣ дар мамлакат таассубу хурофот, тафриқаандозӣ, бегонапарастиву зиёдаравӣ, ифротгароӣ ва амалҳои террористии хусусияти динидошта ба омили ташвишовар ва нигаронии ҷиддӣ табдил ёфта истодааст. … Дар ҳоле, ки аксар кишварҳои исломии ҷаҳон босуръат рушд карда, бо омӯзиши илмҳои муосир, ҳатто барои фатҳи кайҳон кӯшиш менамоянд, дар ҷомеаи мо гароиши баъзе шаҳрвандон ба хурофотпарастиву ифротгароӣ ва таҳсилоти ғайриқонунии динӣ афзоиш ёфта истодааст” [7]. Таҳлили мазмуни андешаҳои зикршуда нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба иҷрои вазифаи роҳбарии сиёсӣ маҳдуд намешавад, балки ҳамчун унсури меҳварии низоми давлатдорӣ дар таҳкими амнияти маънавӣ, ҳифзи ваҳдати миллӣ, муқовимат ба ифротгароӣ ва муайян намудани самтҳои асосии рушди устувори ҷомеа нақши стратегӣ дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва муқовимат ба зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ ва динӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Амалисозии пайгиронаи чунин сиёсат барои таҳкими ниҳоди Президент, нигоҳдории суботи сиёсӣ, таъмини амнияти миллӣ ва устувории давлатдорӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Муҳаққиқ Ф.Давлатова дар мақолаи хеш чунин менигорад, ки “Дар ин солҳо сохти нави ҷамъиятӣ ташаккул ёфт, ки ба руҳияи демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷавобгӯ аст., иқтисоди бозорӣ рушд карда, натиҷаҳо ба тарзи ҳаёти

аъзои ҷомеа таъсири мусбат мерасонанд. Сиёсати дарҳои кушодаи эълонкардаи роҳбарияти кишвар ба Тоҷикистон имкондод, ки бо бисёр давлатҳои ҷаҳон, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монад ва бомувафаққият рушд диҳад. Дар як муддати кутоҳ Тоҷикистон ба ҳайси актори комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ ва узви эътирофшудаи бисёр созмонҳои байналмилаливу мин ақавӣ табдил ёфтааст, ки дар доираи онҳо айни замон дар ҳалии масъалаҳои ҳаётан муҳимми глобалӣ ва минтақавӣ фаъолона иштрок менамояд” [68, с. 99]. Ба назари мо, андешаҳои Ф. Давлатова шаҳодат медиҳанд, ки дастовардҳои Тоҷикистон дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва байналмилалӣ бо раванди таҳкими ниҳоди Президент робитаи мустақим доранд. Дар шароити мураккабии инкишофи сиёсӣ, ниҳоди Президент ҳамчун механизми калидии таъмини субот, ҳамоҳангсозии ислоҳот ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ нақши меҳварӣ мебозад.

Таҷрибаи муосири давлатдорӣ нишон медиҳад, ки рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва истифодаи технологияҳои навини иттилоотию коммуникатсионӣ ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, такмили низоми идоракунии давлатӣ дар заминаи технологияҳои рақамӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми таҳкими ниҳоди Президент аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар ин раванд рушди ҳукумати электронӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳанӯз соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи омодасозии кадрҳои соҳибихтисос, рушди инфрасохтори иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаи хизматчиёни давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид карда буданд: “Кишварҳое, ки дар татбиқи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва рушди ҳукумати электронӣ ба пешравиҳои назаррас ноил гардидаанд, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои омода кардани кадрҳои баландихтисоси ин соҳаи муҳим, рушди инфрасохтори иттилоотӣ, зина ба зина баланд бардоштани сатҳи дониши

хизматчиёни давлатӣ ва татбиқи усулҳои идоракунии электронӣ диққати зарурӣ медиҳанд” [6]. Ин мавқеъ гувоҳӣ медиҳад, ки таҳкими ниҳоди Президент танҳо бо такмили асосҳои ҳуқуқӣ ва сохтори ташкилии идоракунии давлатӣ маҳдуд намегардад. Самаранокии ин раванд инчунин аз рушди иқтидори касбии хизматчиёни давлатӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ ва такмили механизмҳои амалисозии сиёсати давлатӣ вобастагии мустақим дорад. Дар маҷмуъ, татбиқи чунин тадбирҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таҳкими низоми идоракунии давлатӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар шароити афзоиши таҳдидҳои глобалӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, нақши ниҳоди Президент дар муайян намудани самтҳои стратегии рушди давлат ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги обӣ ва минтақаи осебпазир аз таъсири тағйирёбии иқлим ба сиёсати давлатии ҳамоҳангшуда ва дурнамобин ниёз дорад. Дар ҳамин замина, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Саммити Гурӯҳи 77 ва Чин, ки 2 декабри соли 2023 дар доираи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP-28) баргузор гардид, чунин таъкид намуданд, ки “Ҳамасола офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ба маблағи садҳо миллион доллар зарар расонида, дар бисёр мавридҳо талафоти ҷониро низ ба бор меоранд. Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряхҳо, коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, кишоварзӣ ва саноат таъсири манфӣ мерасонад. То имрӯз аз 13 ҳазор пирях дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор адади он пурра об шудааст” [8]. Ин мавқеъ аз он шаҳодат медиҳад, ки ниҳоди Президент дар шароити муосир на танҳо вазифаи роҳбарии сиёсии давлатро иҷро менамояд, балки ҳамчун маркази ташаккул ва пешбурди сиёсати стратегии давлатӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои глобалӣ низ амал мекунад. Иштироки фаъолонаи Президенти кишвар дар муҳокима ва

пешниҳоди ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои иқлимӣ ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатӣ мусоидат менамояд, ки ин ҳама аз омилҳои муҳимми таҳкими ниҳоди Президент ба ҳисоб мераванд.

Илова бар ин, қайд кардан бамаврид аст, ки фаъолияти ниҳоди Президент дар самти ҳифзи муҳити зист ва пешбурди рӯзномаи байналмилалии иқлимӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳкими нақши он дар низоми сиёсии муосири Тоҷикистон ба шумор меравад. Маҳз бо ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба ҳифзи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва рушди устувор ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар табдил ёфтанд. Дар натиҷаи пешбурди ин ташаббусҳо Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид як силсила қатъномаҳои муҳимми байналмилалиро қабул намуд. Аз ҷумла, Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» (2005–2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013), Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018–2028) ва Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо (2025) аз ҷумлаи муҳимтарин санадҳое мебошанд, ки дар натиҷаи ин ташаббусҳо ба тасвиб расиданд. Ҳамзамон, бо ибтикори Тоҷикистон дар назди Созмони Милали Муттаҳид Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шуд, ки ба таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти омӯзиш ва ҳифзи пиряхҳо мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, дар сатҳи миллӣ таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои муҳимми давлатӣ барои ҳифзи муҳити зист, истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ, рушди «иқтисоди сабз», баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии аҳолӣ ва мутобиқ намудани кишвар ба паёмадҳои тағйирёбии иқлим амалӣ карда шудаанд. Ин иқдомҳо заминаи муҳимро барои таҳкими сиёсати давлатии экологӣ ва таъмини рушди устувор фароҳам овардаанд. Чунин фаъолият нишон медиҳад, ки ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ҳамчун маркази роҳбарии сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ, балки ҳамчун ташаббускори сиёсати экологӣ ва

ҳимоятгари манфиатҳои дарозмуддати миллӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист низ амал менамояд. Аз ин рӯ, саҳми ниҳоди Президент дар пешбурди ташаббусҳои экологӣ ва иқлимӣ яке аз омилҳои муҳимми таҳкими нуфузи байналмилалии Тоҷикистон ва баланд гардидани самаранокии фаъолияти давлатӣ дар шароити таҳдидҳои муосири экологӣ ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нақши муассир ва ҳаётии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ раднопазир мебошад. Дар ҳолати ба миён омадани буҳронҳои дохилӣ, таҳдидҳои хориҷӣ ва фишорҳои минтақавӣ, мақоми президентӣ ҳамчун сипари боэътимоди дифоӣ амал мекунад ва аз фурӯпошии низоми давлатдорӣ ҷилавгирӣ менамояд. Бо роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музокироти сулҳи байни тоҷикон роҳандозӣ шуда, сохторҳои муосири амниятӣ таъсис ёфтанд ва муносибатҳои мутавозини дипломатӣ бо қудратҳои минтақавию байналмилалӣ барқарор гардиданд. Ин таҷриба собит месозад, ки дар марҳилаҳои ҳассоси таърихӣ, мақоми президентӣ на танҳо як вазифаи расмии идорӣ, балки унсури калидии ҳифзи истиқлолият ва ҳокимияти миллӣ мебошад.

Дар шароити таҳаввулоти мураккаби сиёсӣ ва марҳилаи гузариши давлатдорӣ, таҳкими ниҳоди Президент барои кишварҳое, ки раванди барқарорсозӣ ва такмили сохторҳои давлатиро аз сар мегузаронанд, ба яке аз талаботи ногузири рушди устувори давлатӣ табдил меёбад. Ин раванд танҳо дар ҳолате натиҷаи устувор мебахшад, ки ҳамзамон бо афзоиши иқтидори иҷроияи мақоми Президент, усулҳои демократӣ, мувозинати шохаҳои ҳокимият ва риояи волоияти қонун таъмин карда шаванд. Таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон собит менамояд, ки ниҳоди Президент дар сурати такя ба ислоҳоти фарогири сохторӣ, ҷалби фаъоли шаҳрвандон ба идоракунии давлатӣ ва ташаккули механизмҳои муассири шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ метавонад ҳамчун кафили асосии суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ амал намояд. Маҳз ҳамоҳангии ин омилҳо барои таҳкими давлатдорӣ ва таъмини рушди устувори кишвар аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Танҳо дар ин сурат ниҳоди Президент

аз сатҳи шахсӣ фаротар рафта, ба як сохтори устувор ва муассири давлатӣ дар хидмати давлат ва миллат мубаддал хоҳад шуд.

Ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мисли аксари кишварҳои пасошуравӣ, як сохтори нисбатан нав дар низоми идораи давлат мебошад. Бо вуҷуди ҷавон будани он, ин ниҳод дар давоми мавҷудияти худ тағйироти муҳимеро аз сар гузаронд, ки самти рушди сиёсиро дар кишвар муайян намуд. Тасъиси мақоми Президент ҷавоб ба ниёзҳои замон, эҳтиёҷи ташкили ҳокимияти марказонидашуда ва муассир дар давраи гузариш аз системаи шуравӣ ба сохтори мустақили давлатдорӣ буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи ҳокимияти давлатӣ мавқеи калидӣ дорад. Тибқи Конститутсия, ӯ Сарвари давлат, рамзи ягонагии миллат ва кафили риояи Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Президент мақоми олии ҳокимиятро таҷассум намуда, дар ташаккули сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат нақши ҳалкунанда мебозад.

Таъсиси ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози солҳои 1990 ҳамчун ҷавоби сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба буҳрони амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омада буд, сурат гирифт. Дар он давра давлат ба механизми муассири идоракунӣ ва ҳокимияти мутамарказе ниёз дошт, ки тавонад фаъолияти сохторҳои давлатӣ, ҳифзи тартиботи конститутсионӣ ва суботи ҷомеаро таъмин намояд. Дар чунин шароити мураккаби сиёсӣ ташаккули ниҳоди Президент ҳамчун унсури марказии идоракунии давлатӣ аҳаммияти махсус пайдо кард. Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 асосҳои ҳуқуқии низоми президентии кишвар ба таври ниҳоӣ ташаккул ёфтанд. Ҳамзамон, дар ин санади асосӣ мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ҳамчун Сарвари давлат ва роҳбари ҳокимияти иҷроия муқаррар гардида, пояҳои конститутсионии фаъолияти ин ниҳод таҳким бахшида шуданд.

Бо мурури вақт нақш ва салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан густариш ёфтанд. Тағйиру иловаҳои минбаъдаи конститутсионӣ аз рушди пайдарпай ва таҳкими ниҳоди Президент дар низоми сиёсии кишвар

шаҳодат медиҳанд. Ин раванд, аз як тараф, ба зарурати таъмини суботи сиёсӣ ва ҳифзи давлатдорӣ дар давраи пасоҷангӣ вобаста бошад, аз ҷониби дигар, бо хусусиятҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷик алоқаманд мебошад.

Дар муқоиса бо баъзе шаклҳои парлумонии идоракунӣ, дар Тоҷикистон нақши шахсияти роҳбар дар низоми сиёсӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Маҳз дар шароити мураккаби солҳои аввали истиқлолият ниҳоди Президент ба механизми асосии муттаҳидсозии ҷомеа, барқарорсозии сохторҳои давлатӣ ва таъмини суботи сиёсӣ табдил ёфт. Аз ин рӯ, таҳкими мақоми президентӣ дар Тоҷикистон бештар ҳамчун воситаи таъмини ягонагии давлат, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди устувори давлатдорӣ арзёбӣ мегардад.

Яке аз тамоюлҳои муҳимми марҳилаи муосири рушди ниҳоди Президент тақвият ёфтани нақши Президент дар масъалаҳои амнияти миллӣ, мудофиа ва сиёсати хориҷӣ мебошад. Ин раванд ба мавқеи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ, таҳдидҳои муосири амниятӣ, аз ҷумла ифротгароӣ ва терроризм, инчунин зарурати иштироки фаъол дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ вобастагӣ дорад. Дар ин замина, фаъолияти Тоҷикистон дар доираи СААД, СҲШ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ аҳаммияти муҳим касб менамояд.

Қобили зикр аст, ки устувории ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон то андозаи зиёд ба сатҳи эътимоди ҷомеа нисбат ба ниҳоди Президент вобаста мебошад. Ин эътимод пеш аз ҳама дар заминаи нақши Президент дар барқарорсозии сулҳу субот, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи давлатдории миллӣ ташаккул ёфтааст. Маҳз пас аз анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ ниҳоди Президент тадриҷан ба яке аз омилҳои асосии суботи сиёсӣ ва рушди давлат табдил гардид.

Ҳамзамон, таҳаввулоти муосири давлатдорӣ тақозо менамояд, ки низоми идоракунии давлатӣ минбаъд низ такмил дода шавад. Дар ин раванд баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ, таҳкими ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва густариши шаффофият дар идоракунии давлатӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳимми рушди минбаъдаи давлат ба шумор мераванд. Дар

чунин шароит таҳкими минбаъдаи ниҳоди Президент бояд бо рушди ниҳодҳои демократӣ ва такмили механизмҳои ҳамкории давлат бо ҷомеа ҳамоҳанг сурат гирад.

Ҳамин тариқ, ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз ҳамчун унсури меҳварии низоми сиёсӣ ва яке аз ниҳодҳои асосии давлатдорӣ амал менамояд. Самаранокии минбаъдаи он ба қобилияти мутобиқшавӣ ба таҳаввулоти нави сиёсиву иҷтимоӣ, ҳифзи суботи давлатӣ, таъмини рушди устувор ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ вобаста хоҳад буд.

Хулоса

Ташаккули низоми нави идоракунии давлатӣ ва сохтори муосири фаъолияти сиёсӣ таҳти роҳбарии Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи аввали соҳибистиқлолӣ рост меояд. Ниҳоди Президент ҳамчун падидаи нави сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар шароити ташаккули давлатдории навини тоҷикон ба вуҷуд омада, дар рушди минбаъдаи низоми ҳокимияти давлатӣ нақши калидӣ бозид. Сарфи назар аз мушкилоти хоси давраи гузариш, инчунин татбиқи ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқӣ ва тағйироти сохторӣ дар низоми идоракунии давлатӣ, ниҳоди Президент тавонист ҷойгоҳи марказии худро дар механизми ҳокимияти давлатӣ ҳифз намояд. Дар ин марҳила он ҳамчун омили муҳимми нигоҳдории суботи сиёсӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва таҳкими асосҳои давлатдорӣ нақши калидӣ иҷро кард. Дар шароити давлати ҳуқуқбунёд фаъолияти муназзами рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва робитаи онҳо бо ҷомеа аҳаммияти хосса касб менамояд.

Таҳқиқоти мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури меҳварии низоми сиёсӣ ва омили калидии таъмини суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ бахшида шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот муайян гардид, ки ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари мақоми олии конститутсионӣ будан, вазифаи таҳкими ваҳдати ҷомеа, ҳамоҳангсозии неруҳои сиёсӣ ва таъмини рушди устувори давлатро низ иҷро менамояд[3-М].

Омӯзиш ва таҳлили назарияҳои классикӣ ва муосири сиёсӣ имконият фароҳам овард, ки моҳият ва хусусиятҳои ниҳоди Президент аз нигоҳи консепсияҳои ҳокимияти иҷроияи қавӣ, легитиматсияи сиёсӣ, таҷзияи ҳокимият ва нақши шахсияти роҳбар дар низоми давлатдорӣ ҳамаҷониба равшан карда шаванд. Муайян карда шуд, ки дар илми сиёсӣ Президент ҳамчун субъекти фаъол ва ташаббускори сиёсати миллӣ баррасӣ мешавад, ки қудрати ӯ танҳо ба ваколатҳои ҳуқуқӣ маҳдуд набуда, ҳамчунин ба қобилияти таъсиррасонӣ, муттаҳидсозии ҷомеа ва роҳбарии стратегӣ вобаста аст. Ин

дидгоҳҳо барои дарки хусусиятҳои модели президентии Тоҷикистон заминаи назариявии муҳим фароҳам оварданд[2-М].

Пажӯҳиши мавзӯъ собит сохт, ки пайдоиш ва рушди ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврае сурат гирифт, ки кишвар бо мушкилоти ҷиддии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рӯ ба рӯ буд. Давраи аввали истиқлолият, ҷанги шаҳрвандӣ ва буҳрони давлатдорӣ зарурати таъсиси маркази мутамаркази ҳокимияти сиёсиро ба миён оварданд. Маҳз дар ҳамин марҳила ниҳоди Президент ҳамчун механизми барқарорсозии давлатдорӣ, таъминкунандаи суботи сиёсӣ ва ҳамгироии иҷтимоӣ зуҳур намуд.

Таҳлил собит сохт, ки барқарор гардидани ниҳоди Президент ва таҳкими минбаъдаи он бо раванди сулҳофаринӣ, ваҳдати миллӣ ва эҳёи сохторҳои давлатӣ робитаи мустақим дошт. Ин раванд имкон фароҳам овард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳолати фурӯпошии сиёсӣ ба марҳилаи устуворii институтсионалӣ гузарад. Дар ин замина, Президент ҳамчун роҳбари сиёсӣ ва рамзи ягонагии миллӣ баромад намуда, дар ташаккули модели нави давлатдорӣ нақши ҳалкунанда бозид [3-М].

Раванди ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон ба таҳкими тадриҷии мавқеи ниҳоди Президент мусоидат намуд. Дар натиҷа, ин ниҳод аз мақоми расмии конститутсионӣ фаротар рафта, ба маркази ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва қабули қарорҳои дорои аҳаммияти стратегӣ табдил ёфт.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар баробари роҳбарии ҳокимияти иҷроия, иҷрои вазифаҳои муҳимми конститутсиониро низ ба уҳда дорад. Ба доираи чунин вазифаҳо таъмини риояи Конститутсия, ҳифз ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, инчунин, нигоҳдорӣ ва таъмини тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Ин мақоми ҳуқуқӣ ба Президент имкон фароҳам меорад, ки дар самтҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва амниятӣ нақши ҳамоҳангсоз ва кафилро иҷро намояд.

Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини суботи сиёсӣ хусусияти бисёрҷанба дорад. Аз як тараф, Президент тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ фаъолияти мақомоти давлатиро ҳамоҳанг месозад; аз ҷониби дигар, ҳамчун шахсияти сиёсӣ ҷомеаро муттаҳид намуда, равандҳои иҷтимоиро ба самти созанда равона мекунад. Таҷрибаи Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити ҷомеаи пасоҷангӣ маҳз чунин нақши комплексии Президент метавонад заминаи устувори субот ва рушди давлатро таъмин намояд.[3-М]

Амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури ҷудонашавандаи давлатдорӣ бо фаъолияти ниҳоди Президент робитаи зич дорад. Президент дар ташаккули сиёсати амниятӣ, ҳамоҳангсозии сохторҳои қудратӣ, таҳияи стратегияҳои давлатӣ ва татбиқи тадбирҳои зиддитеррористӣ нақши марказӣ мебозад. Илова бар ин, ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мубориза бо терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва таҳкими амнияти минтақавӣ мавқеи кишварро дар арсаи байналмилалӣ тақвият бахшидаанд. [3-М]

Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президент ҳамчун як низоми ҳамгиро амал мекунад. Суботи дохилӣ, рушди иқтисодӣ, баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва иштироки фаъол дар равандҳои минтақавию байналмилалӣ омилҳои ба ҳам алоқаманди таҳкими устувории давлат ба ҳисоб мераванд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ҳокимияти президентӣ дар Тоҷикистон танҳо ба доираи сиёсати дохилӣ маҳдуд набуда, ҳамчун унсури муҳимми амнияти минтақавӣ низ зуҳур мекунад [3-М].

Хулосаҳои таҳқиқот тасдиқ менамоянд, ки модели президентии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси ҷомеаи пасошуравӣ ва пасоҷангиро дар худ таҷассум мекунад. Дар ин модел Президент на танҳо роҳбари иҷроия, балки субъекти фаъоли сулҳофаринӣ, муттаҳидкунандаи миллат ва ташаббускори рушди устувор мебошад. Ин хусусиятҳо модели тоҷиконаи президентиро аз

намунаҳои классикии ғарбӣ фарқ мекунанд ва зарурати баррасии онро ҳамчун таҷрибаи мустақили давлатдорӣ ба миён меоранд.

Тақвияти ниҳоди Президент дар Тоҷикистон ҳамчун ҷавоб ба ниёзҳои таърихии ҷомеа ва зарурати барқарорсозии давлатдорӣ сурат гирифтааст. Дар шароите ки ниҳодҳои дигар ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор доштанд, Президент вазифаи ҳамоҳангсозии тамоми низоми сиёсиро ба зимма гирифт. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки дар ҷомеаҳои гузариш президент метавонад ҳамчун «меҳвари устуворӣ» амал намояд.

Дар ҷараёни рушди давлатдории навини Тоҷикистон ниҳоди Президент мавқеи устувори худро дар низоми сиёсӣ касб намудааст. Имрӯз он ҳамчун яке аз механизмҳои асосии таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи амнияти миллӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди кишвар амал менамояд. Фаъолияти Президент дар таҳкими ваҳдати миллӣ, таъмини амният, рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва пешбурди ислоҳоти давлатӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Ҳамзамон, таҳқиқот нишон дод, ки рушди минбаъдаи ниҳоди Президент дар ҳамоҳангӣ бо тақвияти дигар шохаҳои ҳокимият, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ сурат гирифтааст, ки ин раванд ба мустаҳкам гардидани пояҳои демократӣ ва таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд мусоидат намудааст.

Таҷрибаи ташаккули ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамчун намунаи омӯзиши равандҳои сиёсӣ дар кишварҳои пасошуравӣ мавриди истифода қарор гирад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар шароити буҳронҳои сиёсӣ ва марҳилаҳои гузариш, муттаҳидсозии ҷомеа, таъмини роҳбарии муассири сиёсӣ ва рушди ниҳодҳои давлатӣ барои барқарор намудани субот ва таҳкими давлатдорӣ аҳаммияти калидӣ доранд. Аз ин нуқтаи назар, таҷрибаи Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро нигоҳ медорад.

Хулосаҳои бадастомада метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илми сиёсӣ, такмили сиёсати давлатӣ, фаъолияти таҳлилӣ ва раванди таълим истифода шаванд. Онҳо барои дарки амиқи моҳияти ниҳоди Президент дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии дурнамои рушди минбаъдаи низоми сиёсӣ заминаи боэътимод фароҳам меоранд.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдода ва хулосаҳои илмии бадастомада барои такмили фаъолияти ниҳоди Президент ва таҳкими минбаъдаи суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои зерин манзур мегарданд:

1. Мақсаднок аст, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ миёни аҳолӣ оид ба нақши конститутсионии Президент ҳамчун кафили ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон густариш дода шаванд.
2. Бо мақсади таҳкими робитаи мутақобилаи давлат ва ҷомеа иштироки фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар баррасӣ ва муҳокимаи масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ бояд тақвият дода шавад.
3. Пешниҳод мегардад, ки барномаҳои давлатӣ оид ба баланд бардоштани фарҳанги сиёсӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ таҳким дода шаванд, зеро ин омилҳо мустақиман ба устувории низоми сиёсӣ таъсир мерасонанд.
4. Бо дарназардошти афзоиши таҳдидҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, идомаи таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризм, экстремизм ва ҷинояткории фаромиллӣ таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти махсус дошта, бояд ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ минбаъд низ густариш дода шавад.
5. Пешниҳод мешавад, ки таҷрибаи Тоҷикистон дар самти сулҳофаринӣ ва ҳамгироии минтақавӣ бештар дар сатҳи илмӣ ҷамъбаст ва таблиғ карда шавад.
6. Муфид мебуд, агар дар доираи сиёсати амниятӣ ба масъалаҳои амнияти иттилоотӣ ва киберӣ диққати махсус дода шуда, стратегияҳои соҳавӣ такмил гарданд.
7. Бо мақсади ғанӣ гардонидани таълими фанҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин такмили муҳтавои курсҳои махсус вобаста ба давлатдории муосири

Тоҷикистон, истифодаи натиҷаҳои ин таҳқиқот дар раванди таълим ва фаъолияти илмӣ-методӣ мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад.

8. Зарур аст, ки таҳқиқоти минбаъда оид ба ниҳоди Президент дар робита бо равандҳои ҷаҳонишавӣ, трансформатсияи режимҳои сиёсӣ ва амнияти минтақавӣ анҷом дода шаванд.
9. Пешниҳод мешавад, ки пойгоҳи ягонаи таҳлилӣ оид ба фаъолияти ниҳодҳои сиёсӣ таъсис дода шавад, ки барои муҳаққиқон ва мутахассисон дастрас бошад.

Дар маҷмуъ, татбиқи пайгиронаи пешниҳодҳо ва тавсияҳои ироашуда метавонад барои такмили фаъолияти ниҳоди Президентӣ, таҳкими суботи сиёсӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ ва таҳкими амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварад.

Рӯйхати адабиёт

I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ

1. Конституция Российской Федерации. – Москва: Проспект, 2025. – 64 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
3. Конституция Республики Узбекистан. – Ташкент: Адолат, 2023. – 64 с.
4. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикис-тон дар бораи ёрии ҳуқуқӣ [Матн] / мурат. З.Ҳ. Раҳим, Ш.М. Раҳимзода; Ваз-ти адлияи ҶТ, МД «Маркази ёрии ҳуқуқӣ». – Душанбе: Нӯшбод, 2023. – 160 с
5. Национальная стратегия по борьбе с незаконным оборотом наркотиков в Республике Таджикистан на 2013-2020 годы [Электронный ресурс]. – URL: https://akn.tj/2020/12/03/national-strategy-to-combat-illicit-drug-trafficking-in-the-republic-of-tajikistan-for-2013-2020/ (дата обращения: 12.01.2026).
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20.04.2012 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/1084 (санаи мурочиат: 20.09.2020).
7. Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. – URL: https://www.president.tj/event/speeches/37084 (санаи мурочиат: 25.06.2024).
8. Суханронӣ дар Саммити Гурӯҳи 77 ва Хитой дар ҳошияи Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP 28), 02.12.2023 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/32047 (санаи мурочиат: 25.01.2024).
9. Эъломияи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Дастрасӣ аз: https://www.president.tj/tajikistan/proclamation_of_state_independence (санаи мурочиат: 11.05.2025).

10. Конституция Мексиканских Соединенных Штатов от 5 февраля 1917 года (с позднейшими изменениями) [Электронный ресурс]. – URL: http://www.concourt.am (дата обращения: 20.04.2026).
11. Конституция Республики Филиппины [Электронный ресурс]. – URL: http://worldconstitutions.ru/archives/36 (дата обращения: 22.05.2026).
12. Конститутсияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико. – Вашингтон, 1787.
13. Конституция Французской Республики от 4 октября 1958 г. (с изм. и доп.) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.legifrance.gouv.fr (дата обращения: 19.04.2026).

II. Китобҳо

14. Абдуллоҳи Раҳнамо. Дидгоҳи давлатмеҳвар. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. – 248 с.
15. Безруков, А. В. Конституционное право России / Безруков А.В., - 3-е изд. - Москва :Юстицинформ, 2015. - 304 с.: ISBN 978-5-7205-1264-4.
16. Блондел, Ж. Политическое лидерство. Путь к всеобъемлющему анализу / Ж. Блондел. – М., 1992. 135с.
17. Гамильтон, А. Федералист: Политические эссе Александра Гамильтона, Джеймса Мэдисона и Джона Джея / А. Гамильтон, Д. Мэдисон, Д. Джей; пер. с англ. В. Л. Иноземцева. – М.: ИНО, 1994. 592с.
18. Градовский, А. Д. Курс русского государственного права. Часть первая: Государственное право в собственном смысле / А. Д. Градовский. – СПб.: Тип. М. М. Стасюлевича, 1879. – XVI, 528 с.
19. Дегтев, Г. В. Становление и развитие института президентства в России / Г. В. Дегтев. – М.: Юристъ, 2005. – 237 с.
20. Зокиров, Г. Н. Донишномаи сиёсӣ. Иборат аз 3 ҷилд / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. 536с.
21. Иванов, Ю. А. Конгресс США и внешняя политика. Возможности и методы влияния (1970–1980 гг.) / Ю. А. Иванов. – М.: Наука, 1982. – 216 с.

22. Майлибаев, Б. А. Становление и эволюция института Президента Республики Казахстан: проблемы, тенденции, перспективы (опыт политико-правового исследования) / Б. А. Майлыбаев. – Алматы: Арыс, 2001. – 531 с.
23. Илин, И. А. Общее учение о государстве и праве. – М.: АСТ: Хранитель, 2006. – 510
24. Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 1993.
25. Каллагов, Т. Э. Конституционное право Российской Федерации. Курс лекций / Т. Э. Каллагов. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – 85 с.
26. Каримов, Ш. Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Аврупо ва Амрико / Ш. Каримов. – Душанбе: Дониш, 2023. – 173 с.
27. Комилбек, А. Е. Низоми идоракунии сиёсӣ дар Тоҷикистон: таҳлили назариявӣ-амалӣ / А. Е. Комилбек. – Душанбе: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – 187 с.
28. Коркунов, Н. М. Русское государственное право: лекции / Н. М. Коркунов. – СПб.: Тип. И. Н. Скороходова, 1904. – VIII, 498 с.
29. Кузнетсов, Е. Л. Президент СССР: юридический статус / Е. Л. Кузнецов. – М.: Знание, 1990.
30. Кутафин О.Е. Источники конституционного права Российской Федерации / О.Е. Кутафин. М.: Юристь, 2002. - 348 с
31. Лазарев Б. М. Государственное управление на этапе перестройки. – М.: Юрид. лит., 1988. – 318 с.
32. Махмадов, А. Н. Национальное примирение: перспективы развития суверенного таджикского государства / А. Н. Махмадов, Л. Л. Хоперская. – Душанбе: ... – 168 с.
33. Маҳмадов, А. Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ / А. Н. Маҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 264 с.
34. Механизм формирования внешней политики США / под ред. Г. А. Трофименко. – М.: Наука, 1986. – 205 с.

35. Монтескье, Ш. Л. О духе законов / Ш. Л. Монтескье. – М.: Мысль, 1999. – 672 с.
36. Муллоев, Д. М. Назарияи идораи давлатӣ / Д. М. Муллоев. – Душанбе, 2013. – 256 с.
37. Пиголкин, А. С. Теория государства и права : учеб. для юрид. вузов / под общ. ред. А. С. Пиголкина. – Москва : Городец, 2003. – 539 с.
38. Родригес, А. М. Новая история стран Европы и Америки XVI - XIX века / А. М. Родригес. – М.: ВЛАДОС, 2008. 420с.
39. Саидов, З. Ш. 25 лет внешней политики Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона (1992–2017 гг.): исторические аспекты становления и развития : монография / З. Ш. Саидов. – Душанбе : Контраст, 2020. – 336 с.
40. Сахаров, Н. А. Институт президентства в современном мире / Н. А. Сахаров. - Москва : Юридическая литература, 1994. - 176 с
41. Ситдикова Л.Б. Правовое регулирование отношений по возмездному оказанию услуг. Монография. Набережные Челны, 2003. 168 с. 131.
42. Скуратов Ю. И., Шафир М. А. Президентская власть в СССР / Правл. Всесоюз. о-ва «Знание», Всесоюз. центр юрид. всеобуча. — М.: Знание, 1991. — 53 с
43. Следственное дело Государственного комитета по чрезвычайному положению (ГКЧП), август 1991 г. // Государственный архив Российской Федерации (ГАРФ). – Ф. 10026. – Оп. 1. – Д. 345. – 1992.
44. Федералист : политические эссе А. Гамильтона, Дж. Мэдисона и Дж. Джея : пер. с англ. / под общ. ред. и с предисл. Н. Н. Яковлева ; коммент. О. Л. Степановой. – Москва : Прогресс : Литера, 1994. – 590с.
45. Рыковский, Д. М. Институт президентства в современном мире : монография / Д. М. Рыковский. – Москва : Лаборатория книги, 2010. – 76 с
46. Хидирзода, М. У. Интихобот василаи таъсиси ниҳоди президентӣ (таҷрибаи Тоҷикистон) / М. У. Хидирзода. – Душанбе, 2021. – 126 с.

47. Хидирзода, М. У. Ниҳоди Пешвои миллат (таҳлили фалсафию сиёсӣ) / М. У. Хидирзода. – Душанбе, 2024. – 183 с.
48. Хурсандзода, С. Ниҳоди президентӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ва миллӣ: эҳёи давлатдории тоҷикон / С. Хурсандзода, С. Б. Мирзоев. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 172 с.
49. Хутинаев, И. Д. Институционализация системы государственной власти в Российской Федерации : монография / И. Д. Хутинаев. – Москва : Наука : Флинта, 2005. – 450 с.
50. Хутинаев, И. Т. Президентская власть в условиях политической трансформации / И. Т. Хутинаев. – М.: Наука, 2002.
51. Черкасов, А. И. Глава государства и правительство в странах современного мира : конституционно-правовое регулирование и практика / А. И. Черкасов. – Москва : Экзамен, 2006. – 222 с.
52. Чесноков, А. С. Президент и правительство: модель взаимодействия при осуществлении государственной власти в Российской Федерации / Рос. Гос. Торг. -экон. Ун-т. - М., 2005. - 458 с
53. Чиркин, В. Е. Конституционное право: Россия и зарубежный опыт / В. Е. Чиркин ; Ин-т государства и права РАН. – Москва : Зерцало, 1998. – 441 с
54. Чиркин, В. Е. Основы государственной власти. – Москва : Юристъ, 1996. – 112 с.
55. Чиркин, В. Е. Сравнительное государствоведение : учебное пособие / В. Е. Чиркин ; Ин-т государства и права РАН. – Москва : Норма : ИНФРА-М, 2011. – 448 с.
56. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе : Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
57. Энтин, Л. М. Государственная власть в условиях конституционной реформы / Л. М. Энтин. – М.: Наука, 1992.
58. Энтин, Л. М. Разделение властей: опыт современных государств / Л. М. Энтин. – М.: Юрид. литература, 1995. – 175 с.

III. Мақолаҳои илмӣ

59. Абдуллоев, Н. М. Президентская власть в системе государственного управления Таджикистана: современные вызовы и перспективы / Н. М. Абдуллоев // Журнал политических исследований. – 2021. – № 4(34). – С. 36–42.
60. Базарнова, Д. А. Восприятие института президента в массовом российском сознании // Дискуссия: журнал научных публикаций. – 2012. – № 5 (23). – С. 88–90.
61. Водяницкий, В. А. Чехословакия: становление института президентства и исторические аспекты развития этого института на современном этапе / В. А. Водяницкий // Вестник Русской христианской гуманитарной академии. – 2014. – № 2. – С. 279–284.
62. Ганюшкин, В. В. Президент СССР: правовая природа и полномочия / В. В. Ганюшкин // Государство и право. – 1990. – № 6.
63. Гориславская, К. С. Formation института президентства: историко-правовые аспекты (XVII– XIX вв.) / К. С. Гориславская, О. Е. Шевнина // Вестник Пензенского государственного университета. – 2015. – № 2 (10). – С. 23–26.
64. Гришаева, О. Н. Этимологический дискурс – анализ института президентства // Альманах современной науки и образования. – 2013. – № 2 (69). – С. 52–55.
65. Ельцин, Б. Н. Обращение Президента РСФСР к гражданам России, 19 августа 1991 года / Б. Н. Ельцин // Известия. – 1991. – 20 авг. (№ 230). – С. 1–2.
66. Жабров, А. В. К вопросу о базовых моделиях института президентализма в демократизирующихся политических системах / А. В. Жабров // Вестник Московского государственного гуманитарного университета им. М. А. Шолохова. История и политология. – 2013. – № 2. – С. 87–96.

67. Иброҳимзода, С. М. Правовой механизм реализации указов Президента Республики Таджикистан / С. М. Иброҳимзода // Журнал права и государства. – 2021. – № 3. – С. 105–112.
68. Истиқлолият омили рушди устувор: маводи конференсияи илмӣ-амалӣ / зери таҳр. Р. Ҷ. Ҳайдарзода. – Душанбе: Дониш, 2024. – С. 99.
69. Каримов, Ш. Т. Ташаббусҳои Пешвои миллат оид ба ҳифзи пиряхҳо ва аҳаммияти онҳо дар боло бурдани нуфузи сиёсии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ / Ш. Т. Каримов // Саҳми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои рушди устувор ва дипломатияи сабз: маводи конфронс. – Душанбе, 2025. – С. 44–47.
70. Каримов, Ш. Т. Ҷасорати сиёсии Пешвои миллат дар истиқрор ва таҳкими сулҳу субот дар минтақа / Ш. Т. Каримов // Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Аврупо ва Амрико. – Душанбе: Дониш, 2023. – С. 3–9.
71. Коврякова, Е. Парламентский контроль: зарубежный опыт и российская практика / Е. Коврякова. – М.: Городец, 2005. – С. 63. 89.
72. Кокурина, О. Ю. Проблема устойчивости современного государства: системные закономерности публично-правового управления и регулирования / О. Ю. Кокурина // Административное право и процесс. – 2021. – № 11. – С. 22–28. – DOI: 10.18572/2071-1166-2021-11-22-28.
73. Кольцов, В. М. Институт президентства на постсоветском пространстве / В. М. Кольцов // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2013. – № 12-2. – С. 420–424.
74. Комилбек, А. Е. Пешвои миллат - ташаббускори стратегияҳои аз байн бурдани буҳронҳои рушди глобалӣ / А. Е. Комилбек, С. С. Иброҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – № 7. – С. 317–324.
75. Комилзода, Р. Р. Внешнеполитическая стратегия Республики Таджикистан: приоритеты и вызовы / Р. Р. Комилзода // Центральноазиатские исследования. – 2022. – № 2(10). – С. 9–15.

76. Краснов, М. А. Глава государства: рецепция идеи «отцовства» / М. А. Краснов // Гражданское общество и правовое государство. – 2008. – № 6. – С. 27–38.
77. Кувватзода, С. З. Эмомали Рахмон - основатель современной мировой гидрополитики / С. З. Кувватзода // Общественные и экономические науки в современных исследованиях: материалы конф. – Волгоград, 2020. – С. 45–64.
78. Кумаритова, А. А. Основные цели и задачи взаимодействия властей / А. А. Кумаритова // Образование и право. – 2021. – № 12.
79. Курбонов, М. М. Экологическая повестка Таджикистана во внешней политике: роль Президента в сторону «Зеленой» дипломатии / М. М. Курбонов // Международные отношения и безопасность. – 2025. – № 4(16). – С. 144–152.
80. Ленковская, Р. Р. Судебный способ защиты наследственных прав / Р. Р. Ленковская // Гуманитарные, социально-экономические и общественные науки. – 2017. – № 4. – С. 97–102.
81. Лошкарев, И. О. История становления и развития института президентства в зарубежных странах / И. О. Лошкарев // Социально-политические науки. – 2018. – № 3. – С. 77–80.
82. Мадимарова, Г. Мактаби сулҳофарии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун дастоварди нодири даврони соҳибистиқлолӣ / Г. Мадимарова // Истиқлол - омили рушди устувор: маводи конфронс. – Душанбе, 2024. – С. 75.
83. Мартинюк, Р. С. Президентская республика: особенности формы правления и логика организации государственной власти / Р. С. Мартынюк // Евразийская адвокатура. – 2015. – № 4 (17). – С. 60–66.
84. Мухамеджанов, Б. А. Институт президентства и механизм разделения властей: соотношение в единстве государственной власти / Б. А. Мухамеджанов // Среднерусский вестник общественных наук. – 2007. – № 2(3). – С. 40–48.

85. Назарзода, Ш. Президентская власть в Таджикистане: конституционно-правовой аспект / Ш. Назарзода // Вестник Конституционного Суда Республики Таджикистан. – 2020. – № 2. – С. 15–22.
86. Нарматов, Х. Б. Разделение властей – теоретическая основа возникновения института президентства стран мира // Общество и инновации. – 2023. – Т. 4, № 5/S. – С. 137-139
87. Полтавец, А. В. Президент и его роль в СССР // Научная дискуссия: вопросы социологии, политологии, философии, истории: сб. ст. по материалам XXXXVIII Междунар. науч.-практ. конф. – Новосибирск: СибАК, 2015. – № 3 (42). – С. 287-290
88. Пушкарев, С. В. Становление института суперпрезидентских республик в пост-колониальной Африке / С. В. Пушкарев // Вестник Российского университета кооперации. – 2012. – № 1 (7). – С. 90–95.
89. Рахимов, А. Н. Государственная модернизация и президентская власть: strategic ориентиры развития Таджикистана / А. Н. Рахимов // Социально-гуманитарные исследования. – 2023. – № 1. – С. 143–149.
90. Саидзода, Х. М. Внешняя политика малых государств: теоретические подходы и таджикская практика / Х. М. Саидзода // Международная жизнь. – 2023. – № 3. – С. 85–92.
91. Сайидзода, З. Ш. Президент Республики Таджикистан, Лидер нации Эмомали Рахмон о совершенствовании и реформировании СНГ на рубеже столетий (1999–2001 гг.): исторический аспект / З. Ш. Сайидзода, Ф. С. Темурзода // Азия и Европа. – 2025. – № 2(22). – С. 49–61.
92. Саидов, А. С. Роль Института президентства в установлении мира и урегулировании межрегиональных конфликтов в Таджикистане / А. С. Саидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 4. – С. 266-272. – EDN AHFGBB.

93. Сатторов, Ф. Ф. Президентская дипломатия как инструмент внешней политики Таджикистана / Ф. Ф. Сатторов // Восток и современность. – 2023. – № 1. – С. 17–24.
94. Скуратов, Ю. И. Парламент и Президент в Российской Федерации / Ю. И. Скуратов // Конституционный строй России. – Москва : Институт государства и права РАН, 1995. – Вып. 2. – С. 68–76.
95. Тлеубаев, Ж. С. Исторические аспекты становления института президентства в России / Ж. С. Тлеубаев // Вестник Челябинского государственного университета. Серия: Право. – 2011. – № 19. – С. 36–40.
96. Топорнин, Б. Н. О необходимости создания института президентства в СССР / Б. Н. Топорнин // Советское государство и право. – 1990. – № 3.
97. Филиппов, В. А. Основные этапы становления института президентства / В. А. Филиппов // Образование и право. – 2023. – № 4. – С. 108–114.
98. Хамроев, Ш. С. Идеологическая роль института президентства в укреплении национального единства / Ш. С. Хамроев // Вестник Института философии, политологии и права АН РТ. – 2020. – № 3. – С. 91–98.
99. Хидирзода, М. У. Рисолати Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар пойдории сулҳ ва барқароршавии манфиатҳои миллӣ / М. У. Хидирзода, Ф. Музафарзода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – № 2(56). – С. 244–250.
100. Хомидов, А. Политическая субъектность малых государств в условиях глобальной трансформации / А. Хомидов // Аналитика и безопасность. – 2022. – № 4. – С. 34–40.
101. Хошимов, Ф. Д. Роль Республики Таджикистан в решении вопросов безопасности в Центральной Азии / Ф. Д. Хошимов // Постсоветские исследования. – 2024. – Т. 7, № 7. – С. 736–743.
102. Шафир, М. А. В. И. Ленин о вопросах организации государственного управления / М. А. Шафир // Советское государство и право. – 1964. – № 6.

103. Юнусова, З. Б. Политическое управление регионами Таджикистана: проблемы централизации и представительства / З. Б. Юнусова // Государство и общество. – 2021. – № 2. – С. 57–63.
104. Ятимов, С. Илм ва амният / С. Ятимов // Илм ва ҷомеа: маҷаллаи академии илмию оммавӣ. – 2017. – № 2 (6). – С. 5–22.
105. Ҳайдаров, Р. Ҷ. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва саҳми дар таҳкими рукнҳои давлати миллӣ / Р. Ҷ. Ҳайдаров // Ахбори Институти фалсафа, сиёсетшиносӣ ва ҳуқуқи АМИ Тоҷикистон. – 2021. – № 4. – С. 76–81.

IV. Диссертатсияҳо ва авторефератҳо

106. Ализода, З. Становление и развитие института парламента в Республики Таджикистан: конституционно-правовое исследование: автореф. дис. ... докт. юрид. наук: 12.00.02 / Ализода Зариф. – Душанбе, 2014. – 46 с.
107. Добришевский, Б. А. Политическая организация общества и права как явление социальной эволюции: автореф. дис. ... докт. юрид. наук / Б. А. Добрышевский. – СПб., 1994. – 43 с.
108. Кайнов, В. И. Институт президентства: конституционно-правовой статус: дис. ... докт. юрид. наук: 12.00.02 / Кайнов Владимир Иванович. – СПб., 1999. – 380 с.
109. Лукашевич, Д. А. Распад СССР: историко-правовое исследование: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Лукашевич Дмитрий Александрович. – М., 2013. – 195 с.
110. Ситдикова, Л. Б. Правовое регулирование отношений по возмездному оказанию услуг: дис. ... канд. юрид. наук / Ситдикова Лариса Борисовна. – Казань, 2002.

Адабиёти хориҷӣ

111. Debré, M. La mort de l'État républicain / M. Debré. – Paris: Albin Michel, 1970.
112. Duverger, M. Institutions politiques et droit constitutionnel / M. Duverger. – Paris: PUF, 1970.

113. Fisher, L. Presidential War Power / L. Fisher. – Lawrence: University Press of Kansas, 1995.
114. Friedman, L. M. American Law / L. M. Friedman. – New York: Norton, 1984.
115. Hamilton, A. The Federalist No. 70, in: The Federalist Papers / A. Hamilton. – New York: Signet Classics, 2003.
116. Holmes, K. R. Mandate for Leadership IV: Turning Ideas into Actions / K. R. Holmes. – Washington, D.C.: The Heritage Foundation, 1997. – 402 p.
117. Holmes, K. R. Priorities for the President: Domestic Challenges in a New Era / K. R. Holmes. – Washington, D.C.: The Heritage Foundation, 2001. – 88 p.
118. Horowitz, D. L. Presidents vs. Parliaments: Comparing Democratic Systems / D. L. Horowitz // Journal of Democracy. – 1990. – Vol. 1, No. 4. – P. 73–79.
119. John Heathershaw. Peacebuilding as Practice: Discourses from Post-Conflict Tajikistan / John Heathershaw // International Peacekeeping. – 2008. – Vol. 14, No. 2. – P. 219–236.
120. Lipset, S. M. Political Man: The Social Bases of Politics / S. M. Lipset. – Garden City: Doubleday, 1960.
121. Lipset, S. M. The First New Nation: The United States in Historical and Comparative Perspective / S. M. Lipset. – New York: Basic Books, 1963.
122. Madison, J. The Federalist No. 51, in: The Federalist Papers / J. Madison. – New York: Signet Classics, 2003.
123. Meller, H. Das Staatsoberhaupt in der parlamentarischen Demokratie / H. Meller. – Berlin: Duncker & Humblot, 1963.
124. Neustadt, R. E. Presidential Power and the Modern Presidents: The Politics of Leadership from Roosevelt to Reagan / R. E. Neustadt. – New York: Free Press, 1990. – 320 p.
125. Pickemal, M. Le pouvoir exécutif sous la Cinquième République / M. Pickemal. – Paris: Ellipses, 2002.
126. Pious, R. M. The American Presidency / R. M. Pious. – Boston: Houghton Mifflin, 1979. – 491 c.

127. Platon, F. Les grandes institutions politiques / F. Platon. – Paris: Armand Colin, 1985.
128. Tarabar, J. Congress and the Presidency: Interaction and Influence / J. Tarabar. – New York: Longman, 1997.
129. Tocqueville, A. de. De la démocratie en Amérique / A. de Tocqueville. – Paris: Gallimard, 1992.
130. Valenzuela, A. The Breakdown of Democratic Regimes: Chile / A. Valenzuela. – Baltimore: Johns Hopkins University Press, 1978.
131. Wayne, S. J. The Road to the White House / S. J. Wayne. – New York: St. Martin's Press, 2000.
132. Weber, M. Wirtschaft und Gesellschaft / M. Weber. – Tübingen: Mohr Siebeck, 1922.
133. Wilson, J. Q. Bureaucracy: What Government Agencies Do and Why They Do It / J. Q. Wilson. – New York: Basic Books, 1989.

V. Захираҳои электронӣ ва интернетӣ

134. Дар Душанбе Маркази зиддимухаддиротии САШ таъсис меёбад [Захираи электронӣ] // Ховар: АМИТ. – URL: https://khovar.tj/2025/09/dar-dushanbe-markazi-ziddimuhaddirotii-sozmoni-amkorii-shanhaj-tasis-meyobad/ (санаи мурочиат: 10.10.2025).
135. Ильин, И. А. О сущности правосознания. Глава XIII. О государственном настроении [Электронный ресурс] / И. А. Ильин // Чтение онлайн. – URL: https://virmk.ru/read/i/ilin/313.htm (дата обращения: 18.03.2026).
136. Институт президентства в РФ и странах СНГ [Электронный ресурс] // Научная электронная библиотека КиберЛенинка. – URL: https://cyberleninka.ru/article/n/institut-prezidentstva-v-rossiyskoy-federatsii-i-stranah-sng-iz-istorii-voprosa-1/viewer (дата обращения: 11.02.2026).
137. Конституции стран мира [Электронный ресурс]. – URL: http://worldconstitutions.ru/archives/249 (дата обращения: 15.03.2026).

138. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 1994 № 1043 (бо тағйиру иловаҳо) // Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон : [сомонаи расмӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://mmk.tj/content/ қонуни-конститутсионии-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-интихоботи-президенти-ҷумҳурии (санаи мурочиат: 14.01.2026)
139. Мулоқот бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дини кишвар, 09.03.2024 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/32922 (санаи мурочиат: 04.04.2024).
140. Официальный сайт Комитета по чрезвычайным ситуациям РТ [Электронный ресурс]. – URL: https://khf.tj/node/4591 (санаи мурочиат: 14.05.2026).
141. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) // Кумитаи ҳифзи муҳити зист назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 30.01.2023. – Режим доступа: https://khf.tj/node/4591 (дата обращения: 30.06.2026).
142. Токвиль, А. де. Демократия в Америке [Электронный ресурс] : пер. с франц. / А. де Токвиль ; предисл. Г. Дж. Ласки. – М. : Прогресс, 1992. – 554 с. // Электронная библиотека «ImWerden». – URL: https://imwerden.de/pdf/tokwill_demokratiya_v_amerike_1992__ocr.pdf (дата обращения: 01.05.2025).
143. Policy Process in Tajikistan [Electronic resource] / University of Central Asia. – URL: https://www.ucentralasia.org/media/4rzbjlwf/uca-ippa-wp28-policyprocesstajikistan-eng.pdf (date of access: 21.04.2026).
144. Wilson, W. Constitutional Government in the United States. Chapter III: The President of the United States [Electronic resource]. – 1908. – URL: https://teachingamericanhistory.org/document/constitutional-government-chapter-iii-the-president-of-the-united-states/ (date of access: 14.06.2026).

ИНТИШОРОТ АЗ РЎЙИ МАВЗУИ ДИССЕРАТСИЯ

I.Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд:

[1-М]. Холов, С. С. Ҷанбаҳои илмию амалии рушди ниҳоди президентӣ / С. С. Холов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2024. – No. 4(16). – P. 214-218. – EDN CKUCDL. ISSN 2710-4672

[2-М]. Холов, С. С. Президент ҳамчун мафҳуми сиёсӣ: моҳият, хусусият ва дарки илмии он / С. С. Холов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2026. – No. 1. – P. 307-316. – EDN UDLSNS. ISSN0235-005X

[3-М]. Холов, С. С. Президент ҳамчун кафили суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон/ С. С. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисто Бахши илмҳои иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - – 2026. – No. 4. – P. 376-386.. ISSN2413-5151

II. Маърузаҳои илмӣ

[4-М]. Холов, С.С. Низоми идоракунии президентӣ: моҳият, хусусиятҳои хос ва типологияи он // конференсияи илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторантону магистрантон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ бахшида ба Рӯзи илми тоҷик, эълон гардидани «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия (солҳои 2025-2030)» ва «700-солагии шоири ғазалсарои тоҷику форс Ҳофизи Шерозӣ».14 - 19 апрели соли 2025.-С. 298-303

[5-М]. Холов, С.С. Фаъолияти ниҳоди Президент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти идоракунии хатарҳои экологӣ ва гуманитарии глобалӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳқиқи таърихи халқи тоҷик», Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 29 апрели соли 2025. –С. 323-329.